ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

***Ба соли рушди зеҳнии донишгоҳ бахшида мешавад***

**ГУЛИСТОН ШАРИФОВА**

**Қисми 2**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(Барои соҳаҳои техникию муҳандисӣ)**

**Душанбе «Ирфон» 2012**

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

Кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот

**ГУЛИСТОН ШАРИФОВА**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(Барои соҳаҳои техникию муҳандисӣ)**

**(Китоби дарсӣ)**

Бо қарори Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 4/24 аз 30 марти соли 2012 ҳамчун китоби дарсӣ ба чоп тавсия шудааст.

**Душанбе**
**«Ирфон»**
**2012**

ББК 10.8+4
Г -60
УДК - 491.550

Бо Қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст. Суратмаҷлиси №6 07.01.2012.

Г- 60 Гулистон Шарифова. Забони тоҷикӣ. Барои соҳаҳои техникию муҳандисӣ. қисми 2 – Душанбе: Ирфон, 2012. - 171с.

**Муҳаррири масъул:** Шарифов М.Ш.

**Мухаррир:** Ҳамроқулова З.У.

**Муқарризон:**

**Қаххоров М.М.** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таъриху филологияи Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон

**Исмоилов М.А.** – мудири сектори забоншиносии иттилоотӣ номзади илмҳои физикаю математика, дотсент

**Одинаев Н.С.** - муҳаррири сектори забоншиносии иттилоотӣ номзади илмҳои филология, дотсент

Дастури таълимӣ аз мавзӯҳои алоҳида ва супоришҳои мустақилонаи тахассусӣ барои иҷрои корҳои мустақилона аз фанни забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои кредитии факултаи муҳандисӣ-технологӣ гирд оварда шуда, таснифи онҳо аз рӯи аломатҳои бештар умумии монандӣ ва фарқият дошта, нишон дода шудааст. Васоити таълимӣ барои донишҷӯён чун китоби дарсӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, вобаста ба мазмун ва намуди дарсҳо супоришҳо оварда шудааст, ки ин барои мустақил иншо намудан ба хонандаи соҳибзавқу бедордил кӯмак хоҳад намуд.

Дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот муҳокима гардида, ба чоп тавсия шудааст. Суратмаҷлиси № 1 аз 10 сентябри 2011

$\frac{1403000000-080}{M501(12)-2005}2012$

ISBN 5-667-01384-4 ББК 10.8+4

© Гулистон Шарифова. 2012

## САРСУХАН

Татбиқи Қонуни забони давлатӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеа, такмили усулҳои таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва олӣ, дигаргунсозиҳои ҳаёти имрӯза, тадриҷан рушд ва ғанӣ гардидани захираи забони тоҷикӣ тақозо мекунад, ки дастурҳои дархӯри таълим таълиф шаванд ва дастраси толибилмон бошанд.

Дастури мазкур мувофиқи талаботи кунунии таълим дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ барои факултаҳои ғайрифилологӣ омода карда шудааст, зеро забони тоҷикӣ, ки мақоми давлатӣ гирифту то ҳол барои таълими он дар факултаҳои ғайрифилологӣ китобҳои дарсии махсус хеле кам таълиф гардида, дастраси мардум нашудаанд, саривақтист.

Муаллифу мураттиби маводи таълимӣ Гулистон Шарифова мавриди гирдоварии маводи дастури таълимӣ бештар ба ҷиҳатҳои амалии мавзӯҳои он аҳамияти вижагиро корбандӣ менамояд. Азбаски дарсҳои забони тоҷикӣ дар факултаҳои ғайрифилологӣ бештар дар шакли амалӣ гузаронида мешаванд, мисолу супоришҳо вобаста ба ихтисоси донишҷӯён ва махсусияти вижагии он гирд оварда шудаанд.

Мутахассисоне, ки дар оянда бо тахассусҳои гуногун донишгоҳҳоро хатм мекунанд, бе донистани забони тоҷикӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташон чандон дурандешонаву ҷолиб намебошад. Забонро вобаста ба тахассус омӯхтан дар тамоми барномаҳои таълимии донишгоҳҳои ҷаҳонӣ ба роҳ монда шудааст ва тамоми забоншиносону мутахассисон ба ин андешаанд, ки омӯзиши забон бахусус забони давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо тахассус хеле ҷолиб ва муфидтар аст. Аз ин рӯ дастури таълимии забони тоҷикӣ барои факултаҳои муҳандисию технологӣ, ки бо усули нави таълими забон таҳия шудааст, дар такмилу таҳкими дониши хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён нақши муассир хоҳад дошт. Бо истифода аз дастуру супоришҳо ва машқҳои он, ки Гулистон Шарифова солиёни зиёд дар таълими забони давлатӣ таҷрибаву малакаи фаровон андӯхтааст, донишҷӯён мавзӯҳои гуногуни тахассусиашонро аз худ намуда, ҳамзамон сатҳи сифати дониши забондонии хешро такмил медиҳанд.

Қурбон Восеъ

доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот

# ДАРСИ 23

## МУНДАРИҶАИ ТАЪЛИМИ ҲУҶҶАТНИГОРӢ. ТАНЗИМИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

**Нақшаи дарс:**

1. **Мундариҷаи таълими ҳуҷҷатнигорӣ. Танзими ҳуҷҷатҳои хизматӣ**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**Дар фаъолияти идоракунӣ, ҳуҷҷат** ҳамчун намунаи меҳнат ва ҳамчун натиҷаи меҳнат хизмат мекунад.

а) **Барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо** ба усулҳои кор бо онҳо, таснифи онҳо гузаронида мешавад.

б) **Таснифи ҳуҷҷатҳо** ин аз рӯи аломатҳои бештар умумии монандӣ ва фарқият дошта, ба синфҳо тақсим кардани ҳуҷҷатҳо мебошад.

в) **Аз рӯи тарзи иттилоотдиҳӣ ҳуҷҷатҳо** ба ҳуҷҷатҳои хаттӣ, графикӣ, суратӣ ва овозӣ ҷудо мешаванд.

г) **Аз рӯи мазмун ҳуҷҷатҳо** ба ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ, молиявию ҳисобӣ, таъминотию фурӯшӣ, ба ҳайати шахсӣ ва ғайра ҷудо мешаванд.
д) **Аз рӯи номгӯй ҳуҷҷатҳо** ба фармонҳо, низомномаҳо, суратмаҷлисҳо, фармоишҳо дастурҳо, ойинноммаҳо, мактубҳо ва ғайра ҷудо мешаванд.

**Ҳуҷҷатҳо ба хелҳои дохилӣ ва берунӣ** ҷудо мешаванд:

**Дохилӣ ҳуҷҷатҳое мебошад,** ки дар муассиса, барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ офарида шудаанд ва аз муассиса берун намебароянд.

**Берунӣ мукотиботи воридотию** содиротӣ мебошанд. Аз рӯи таъинот ҳуҷҷатҳо ба аслӣ ва нусхаҳо тақсим мешаванд.

**Аслӣ ҳуҷҷати аввалиест**, ки иттилооти ибттидоӣ дорад. Нусха инъикоси аниқи маълумоти ҳуҷҷати аслӣ мебошад.

**Аз рӯи мӯҳлати нигоҳдорӣ** ҳуҷҷатҳоро ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мекунанд: мӯхлати нигоҳдориашон доимӣ, мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатии зиёда аз даҳ сол ва мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатии то даҳ сол.

**Ҳуҷҷат аз унсурҳои зерин иборат аст**: номи ҳуҷҷат, муаллиф, нишонидор, сарлавҳа, матн, таърихи рӯз, имзо, пайнавишт.

**Супориши 1. Ҳуҷҷатҳо ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд шарҳу эзоҳ диҳед**

**Супориши 2. Байтҳои зеринро хонда, мазмуни онҳоро шарҳ диҳед.**

Бихонду сазовор биншонд пеш,
Сухан ронд бо ҳар як аз каму беш.
«Ки ин хобу гуфтори ман дар ҷаҳон,
Касе нашнавад ошкору ниҳон.
Бар ин сон гузар кард хоҳад сипеҳр,
Гаҳе пур зи хашму гаҳе пур зи меҳр».
Ба Гарсеваз он розҳо баркушод,
Нуҳуфта суханҳо ҳамекард ёд.
Зи кажжӣ гурезон шавад ростӣ,
Падидояд ҳар сӯе костӣ.
Гаравгон фиристад ба наздики мо,
Кунад равшан ин рои торики мо.
Магар ин балоҳо зи ман бугзарад,
Хирадманд бошам беҳ аз бехирад.
(Фирдавсӣ)

**Супориши 3. Ҷумлаҳои зеринро навишта, калимахои иқтибосии забони ӯзбекиро бо муродифҳои тоҷикиашон муайян намоед:**

Бек сархаму фармонбардор дар тарафи рости вай зону зада менишаст.

Дар ин дам маҳрами қӯшбегӣ даромада сухани бекро қатъ кард.

Абдувосеъ ном як даста мисли худаш duздон ва одамкушонро ба гирдаш ғун карда, қишлоқҳоро тохта гаштааст.

Як вақт дар берун аз байни гурӯҳе диринг-диринги думбра баланд гардид.

Дили дадою бува хонаи меҳри бача гуфтаанд.

Як бой як камбағалро қарорӣ гирифтаасту худи ҳамон рӯз ду нони гарми ҷаззадор дода фармудааст, ки ба мактаб бурда ба писарам деҳ.

Мӯлии маҳсулро, ки аз косибу коргар монанди шарбат аз анор фишурда гирифта мешавад, пай дар пай ба роҳи оҳан кашонда мебаранд.

Дар болои кат ба девор ду милтиқи шикорӣ овехта шуда буд.

**Супориши 4. Аз рӯи кадом аломатҳо таснифи ҳуҷҷатҳоро гузаронидан мумкин аст, шарҳ диҳед**

**Супориши 5. Шумо ҳамчун сармуҳандиси корхонаи истеҳсолии бофандагӣ, дастгоҳи зеринро қабул намоед ва санади онро тартиб диҳед:**

Ҷараёни бавуҷудоварии матоъ дар дастгоҳи бисёрбоди «Хентилини-Рипомонти» чунин сурат мегирад. Ресмонҳои тор 2 аз сатҳи маштут 3 кушода шуда, аз зери скалои муштакшакл 4 ва аз дандонаҳои шонаи беҳаракат 5 гузашта, бо устувонаи 1 дар алоқа мешаванд. Устувона бо суръати паст давр мезанад ва ҷараёни ташаккули матоъ дар сатҳи он сурат мегирад. Матои истеҳсолгашта ба воситаи валянҳои 9 ва 10 аз равонкунанда 6 ва асбоби тарангибахши 8 гузаронида шуда, ба наварди 12 печонида мешавад.
Устувонаи 1 аз ду намуд гирдаҳо ҷамъ карда шудааст, ки дар як тир ба навбат васл гаштаанд. Гирдаҳои шашкунҷаи 19 барои бодпартоӣ хизмат мекунанд. Дар қуллаҳои чунин гирда буришҳои 20 иҷро шудаанд. Гирдаҳои ҳамсояи бодкушо нисбати ҳам ба кунҷи $60^0$ тоб дода шудаанд (барои боҳампечии суф). Буришҳои 20-и дар як хат ҷойгиршудаи ҳамаи гирдаҳо роғеро ташкил мекунанд, ки аз дохили он рапира ресмони пудро мегузаронад.




Расми 94. Накшаи механизми бодкушои дастгоҳи бисёрбоди «Керданс»

**Супориши 6. Микдори калимаҳои душворфаҳм ва мураккабро ҷудо намуда, бо истифода аз луғатҳои электронӣ маънидод кунед:**

Ҷараён

Бавуҷудоварии матоъ
Дастгоҳи бисёрбод
Ресмонҳои тор
Сатҳи маштут
Дандонаҳои шонаи беҳаракат
Устувона
Суръати паст
Ҷараёни ташаккули матоъ

**Супориши 7. Тарзи дурусти калима ва ибораҳоро дар компютер ҳуруфчинӣ намуда, баъд ба забони русӣ ва англисӣ тарҷума кунед:**

Тачизоти полойиш, даври амал кунанда, кисимҳои асоси, ҳаракт диҳанда, раваннди полойиш, полойиши маҳсулоти, ҷудкунии хамир моя, соф кунанда, софкорийи дурдаҳо, масулдоти шароби, саноати хурока, омехтҳои гуногун, поллор ва реҷа.

**Супориши 8.**

**а) Муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**б) Мақсади супориш - маданияти баҳсро омӯхтан**

**в) Сатҳи забондонии баланд доштан**

**Мисол:**

1. Рақобат чист?
2. Тоҷикистонро дар оянда чӣ тавр дидан мехоҳед?
3. «Ҷавононояндаи миллатанд». Фикру ақидаи худро доир ба ин супоришҳо баён намуда, ба воситаи компютер ҳуруфчинӣ намоед ва муаррифиномаи худро тартиб диҳед.

**Супориши 9. Луғати истилоҳоти соҳавиро нависед ва азёд кунед:**

1. **Бублик – Кулчаи халқа**
2. **Булочник – Нонвой, нонпаз, нонфурӯш**
3. **Бурдюк – Машк, хик, саноч**
4. **Былина - Достон**
5. **Буревестник – Мурғи тӯфон**
6. **Варенец - Ҷурғот, мост**
7. **Варение – Пухтупаз, хӯрокпазӣ**
8. **Варенье – Мураббо**

| | | |
|---|---|---|
| **9. Варница** | **–** | **Корхонаи истеҳсоли намак** |
| **10.Ведомство** | **–** | **Идора, муассиса.** |

## ДАРСИ 24

## АРИЗА (ЗАЯВЛЕНИЕ) ВА ТАЛАБОТҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Ариза ва талаботҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Технологияи муаррифии дониши касбӣ бо истифода аз забони тоҷикӣ**

**Ариза санадест**, ки дар он хабари расмӣ ё хоҳише баён мешавад. Вай аз тарафи як нафар ё якчанд нафар ба унвони муассиса ё мақоми расмӣ навишта мешавад.

**Ариза вобаста ба мазмуну мундариҷа чанд намуд мешавад:**
- **аризаи** ба кор қабул шудан;
- **аризаи** ба хизмати расмии сафарӣ рафтан;
- **аризаи** рухсатии меҳнатӣ;
- **аризаи** аз кор рафтан;
- **аризаи** ба нафақа баромадан;
- **аризаи** аз як вазифа ба вазифаи дигар гузаштан;
- **аризаи** шикоятӣ ва ғайра.

**Намунаи аризаи ба кор қабул шудан:**

Ба ректори Донишгоҳи

технологии Тоҷикистон

проф. Шоев Н.Н.

аз номи истиқоматкунандаи

ш.Душанбе, к.Рӯдакӣ 30

Каримова Дилбар Азизовна

**Ариза**

Дар баробари пешниҳод намудани аризаи худ аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки маро аз рӯзи 1.09.2011с. ба вазифаи муаллими калон дар кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот ба кор қабул намоед.

1.09.11. Имзо Каримова Д.А.

**Супориши 1. Шумо сармутахассиси Шӯъбаи робитаҳои байналмилалии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мебошед. Барои ба сафари хизматӣ рафтан ба номи раиси дастгоҳ аризаи худро нависед.**

**Супориши 2. Матни зеринро хонед ва вобаста ба мазмуни он матни аризаро тартиб диҳед:**

Саҳарии барвақт даричаи ҳавлиро тақ-тақ кӯфтанд. Халил, ки дар болои кӯрпача дароз кашида китоб мехонд, як қад парида, ба айвон баромад. Дар хонаи Сорохола чароғ дарнамегирифт.

«Ҳама хобанд. Дар ин барвақтӣ кӣ бошад?» - аз дил гузаронд ӯ ва азбаски шохборон меборид, шинелашро ба сараш гирифта, назди дарича рафт ва онро накушода пурсид:

- Кист?

- Ман… ба шумо як гапи зарур дорам, - шунида шуд аз паси дарича овози ношиносе. Вақтҳои ба шаҳр омадани Халил яке аз рӯзҳои истироҳатии тобистон буд. Раиси ноҳия, ки каму беш аз хешу табори ӯ буд, ба ҳамин хона оварда шинонда буд.

Халил даричаро кушод.

Ду нафар марди ношинос дар рӯ ба рӯяш меистоданд ва саропо тар шуда буданд.

- Хизмат?...

- Яке аз он мард, ки қадбаланди бузургҷусса буд, ба ғазаб омада гуфт: - ман ҳозир ба ту «хизмат»-ро нишон медиҳам. Туро дар ин хона кӣ оварда шинонд, ки мисли хӯҷаин гап зада истодаӣ?

- Ман нафаҳмида истодаам шуморо? – дар тааҷҷуб мондагӣ барин овоз баланд кард Халил.

- Худи ҳозир бору борҷомата гирифта, калиди хонаро ба ман деҳ!

- Майлаш, рӯз шавад ман ҳатман калиди хонаро ба шумо медиҳам, бародар, - гӯён дарро пӯшида ба дохили хона даромад, Халил.

- Маълум… то рӯз шудан… осмони сабил меборад чӣ? Осмони сабил сӯрох шудагӣ барин, худ ба худ гап мезад ӯ. Суханони он мард гӯё тире буд , ки рост ба дили Халил мерасид. Хайр ҳеҷ гап не!   Худи ҳамин рӯз ба назди Сардори шӯъбаи милитсия рафта, дар болои ин ду «хӯҷаини хона» аризаи шикоятӣ менависам…   (Саттор Турсун).

**Супориши 3. Байтҳоро хонда, маънидод кунед ва маънои калимаи вуҷудро эзоҳ диҳед:**

Кунун, ки дар чаман одам гул аз алм ба вуҷуд,
Бунафша дар қадами ӯ ниҳод сар ба суҷуд.
(Ҳофиз)

Набуд чангу рубобу набиду уд, ки буд,
Гили вуҷуди ман оғуштаи гулобу набид.
(Ҳофиз)

Чӣ балоҳо зи ту, эй дидаи гирён дидам,
Бо вуҷуди он ки аз гулҳо доғ бошад маро,
Хор хоре дар ҷигар аз гулистон дорам ҳанӯз.
(Сайидо)

Як рӯз зи банди олам озод наям,
Як дам задан аз вуҷуди худ шод наям.
Шогирдии рӯзгор кардам бисёр,
Дар кори ҷаҳон ҳанӯз устод наям.
(Хайём)

**Супориши 4. Ариза аз рӯи мазмун ва мундариҷа чанд намуд мешавад, фаҳмонед ва яке аз намудҳои аризаро нависед.**

**Супориши 5. Шумо мутахассиси соҳаи коркарди ресмонбарорӣ ҳастед. Тарзи истифода кардани дастгоҳи поёнро фаҳмонед.**

Дастгои «Зултекс» модели М 8300 бисёрфазавӣ буда, дар он ба сифати механизми матоъбоф устувонаи махсус хизмат мекунад. Ба воситаи ин устувона амалиётҳои бодкушоӣ, пудгузаронӣ ва ба сарҳади матоъ оварда часпонидани ресмони пуд иҷро карда мешаванд. Дар устувона паиҳам ду намуд гирдаҳо ҷамъ оварда шудаанд. Гирдаҳои

барҷастаи 6 ресмони пуди 5-ро ба сарҳади матоъ оварда мечаспонанд. Ба воситаи гирдаҳои барҷастаи 4 шохаи болоии бод ташкил карда мешавад.

Аз дохили гирдаҳои 4 найчаи пудгузаронӣ 3 мегузарад. Дар байни маштут ва устувона 2, 3 ё 4 дона милаҳои мавқеъдиҳандаи 1 васл карда мешаванд, ки аз сӯрохиҳои онҳо ресмонҳои тор 3 гузаронида шудаанд. Шумораи милаҳо ба раппорти боҳампечӣ баробар аст. Милаи мавқеъдиҳанда имкони нисбати устувона ба чапу рост ҳаракат карданро дорад. Агар он ба тарафи чап ғеҷад, ресмонҳои тори аз он гузаронидашуда ҳангоми даврзании устувона ба воситаи барҷастагии гирдаҳои 4 ба боло рафта, шохаи болоии бодро ташкил мекунанд. Агар мувофиқи расми боҳампечӣ зарурати дар поён мондани гиреҳи ресмонҳои тор маҷхуд бошад, милаи бо онҳо алоқаманд ба чап меғеҷад ва дар ин сурат барҷастагии гирдаҳои 4 ба ресмонҳо таъсир расонида наметавонад.




Расми 96. Механизми матоъбофи дастгоҳи бисёрбоди «Зултекс»

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусии зеринро дар саҳифаи Word ҳуруфчинӣ намоед:**

Дастгоҳ
Бисёрфаза

Механизми матоъбоф
Устувонаи махсус
Ба воситаи устувона
Амалиётҳои бодкушоӣ
Пудгузаронӣ
Сарҳади матоъ
Ресмони пуд
Гирдаҳои барҷаста

**Супориши 7.**

**а) Технологияи муаррифии дониши касбӣ бо забони тоҷикӣ ва русӣ**

**б) Барои баланд бардоштани сатҳи забондонии донишҷӯ**

**в) Дар бораи ихтисос ва дар мавзӯи муайян гузориш таҳия намудан**

**Мисол**:

1. Ҷаро забони тоҷикиро аз оилаи забонҳои ҳинду-аврупоӣ мансуб медонанд?
2. « Тоҷикистон дар арсаи олам»
3. «Мероси адабии Рӯдакӣ»

**Супориши 8. Ҳамчун сармуҳандиси Корхонаи қаннодии шаҳри Душанбе барои аз кор рафтан ба номи раиси корхона ариза нависед.**

**Супориши 9. Луғати истилоҳоти соҳавиро азбар намоед:**

1. **Заварное тесто - хамири пухташуда**
2. **Загрезнено - ифлосӣ**
3. **Земляника садовая - земляникаи боғӣ**
4. **Запеченные овощи - сабзавоти тафтпаз**
5. **Закуска - газак**
6. **Инструкция - дастурамалҳо**
7. **Изюм - мавиз**
8. **Индигокармин - кармини нилӣ**
9. **Карта - харита**
10. **Кондитер - қаннод**

## ДАРСИ 25

## ВАКОЛАТНОМА (ДОВЕРЕННОСТЬ) ВА НАМУДҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Ваколатнома ва намудҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ**

**Ваколатнома санадест,** ки тавассути он муассиса ё шахсе ба касе ҳуқуқ медиҳад, ки кореро иҷро намояд. **Ваколатнома ду намуд** мешавад: ваколатномаи расмӣ (вақте ки муассиса ваколат медиҳад) ва ваколатномаи хусусӣ.

**Ваколатномаи расмӣ** санадест, ки дар асоси он муносибатҳои ташкиливу молиявии муассисаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. **Ваколатномаи хусусӣ ё шахсӣ** санадест, ки тавассути он муносибатҳои ташкиливу молиявии шахсони алоҳида ба роҳ монда мешавад. Муддати эътибори ваколатнома метавонад кӯтоҳ ё дароз бошад. Агар муддати эътибори ваколатнома зикр нагардида бошад, он гоҳ вай баъд аз як сол эътиборашро гум мекунад.

**Намуна:**

**Ваколатномаи хусусӣ**

Ман, Иброҳими Усмон, ба Нуров Имом Аскарович (шиносномаи 12-СЧ № 12333) ваколат медиҳам, ки маоши маро барои моҳи сентябри соли 2011 аз хазинаи Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон бигирад.

1 сентябри 2011 имзо

Имзои Иброҳими Усмон тасдиқ аст.

Декани факулта имзо ному насаб

1.09.2011

Мӯҳр

**Намуна:**

**Ваколатномаи расмӣ:**

Хуҷандатлас

Маркази савдои вилояти Суғд

Суроға ш.Хуҷанд. к. Айнӣ 120

Телефон: 6-23-77

Суратҳисоби № 0005544 дар филиали Бонки «Эсхата»-и ш.Хуҷанд

«№9 20 сентябри 2011-06-20

то 31 декабри соли 2011 эътибор дорад.

Ваколатнома

Ба ҷонишини директори ҶММ «Тобон» Шамсиев Сурӯш (рақами шиносномааш…) ваколат дода мешавад, ки дар хусуси фиристодани молҳои мавриди ниёзи мардум барои соли 2012 бо корхонаи «Хуҷандатлас» шартномаи ҳамкорӣ имзо намояд.

Имзо

Имзои Шамсиев С. тасдиқ аст.

Мудир имзо ному насаб

21.09.2011

Мӯҳр.

**Супориши 1. Дар асоси ваколатномаи расмӣ кадом муносибатҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад, шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Шумо барои аз худ намудани молу амволи шахсии падаратон аз ӯ ваколатномаи хусусӣ гиред ва намунаи онро дар дафтаратон нависед.**

**Супориши 3. Шеъри зеринро хонед, аз калимаҳои бо ҳарфи сиёҳ навишта шуда кадомашон решаи сода ва кадомашон сохтаанд гӯед:**

**Саҳаргоҳон**, ки булбул дар наво шуд
Гул аз **шодӣ** шукуфту **ғунча** во шуд.
Шумо, эй **булбулони** боғи мактаб,
Шумо ҳам дар наво оед бояд.

Ки то аз боғи маънӣ гул кушояд,
Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошед чун **гулистон**.
Чаро аз ин **гулистон** гул начинед?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?
Биёед, эй шарикон дарс **хонем**
Ба бекорию **нодонӣ** намонем.
Ба олам ҳар касе **бекор** гардад,
Ба чашми аҳли олам **хор** гардад.
(С.Айнӣ)

**Супориши 4. Ҷузъҳои асосии ваколатномаи расмӣ ва хусусиро номбар карда, шарҳ диҳед.**

**Супориши 5. Ҷумлаҳои зеринро нависед ва онҳоро маънидод кунед. Доир ба дастгоҳи поён маълумот пайдо намоед. (Аз китоби Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти бофандагӣ)**

Тарзи кори дастгоҳи мудаввари ТКД-425-Л чунин мебошад. Дар он раванди матоъбофӣ ҳамон амалиётҳоеро дарбар мегирад, ки дар дастгоҳҳои бофандагии анъанавӣ ҷой доранд. Ин амалиётҳо дар қисматҳои гуногуни дастгоҳ пайдарпай амалӣ мешаванд. Тартиби иҷрои амалиётҳо бо ҳаракати мудаввари ду моку бояд дар мувофиқа бошанд.



Расми 97. Нақшаи дастгоҳи мудаввари ТКД-425-Л.

**Супориши 6. Бо истифода аз шрифти Times New Roman Tj истилоҳоти тахассусии зеринро ҳуруфчинӣ намуда аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо тарҷума кунед**

Дохили бод
Гузаронидани ресмони пуд
Ба воситаи моку
Суръати доимӣ
Тарзҳои пешқадам
Бофти матоъ
Ҳангоми бофти бефосила
Ҳаракат намудани моку
Мошини мудаввари бофандагӣ

**Супориши 7:**
**а) чемпионати тез ва бехато навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ**

**б) дар мӯҳлати даҳ дақиқа вобаста аз ихтисос навиштани мактубҳои расмӣ**

**в) расидан ба ҳадафи 2-юми рақобатпазиргардонии донишҷӯ.**

**Супориши 8. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро дар дафтаратон нависед:**

1. **Асептический** – освобожденный методами асептики от микроорганизмов

**- Асептикӣ** - бандинаи асептикӣ аз организмҳои хурд(бо усули асептикӣ озод шудан аз микроорганизмҳо).

2. **Ассортимент** – [фр. Assortiment «подбор»; «сортировать»; sorte «сорт»] – набор, подборка предметов производства или торговли.

- **Ассортимент** - [калимаи французӣ буда assortiment «интихоб», ба навъ ҷудо кардан sorte «навъ»] интихоб кардан, чӣ дар истеҳсолот ва чӣ дар савдо номгӯи маҳсулотҳои коркардшаванда.

3. **Ассимиляция -** [лат. Ассимиляцио - уподобление] – превращение веществ, поступающих в организм извне, в соединения, тождественные обычным составным веществам данного организма

- **Ассимилятсия** - [калимаи лотинӣ ассимилятсия кардан(и), ба худ монандшавӣ) – ивазшавии ҷисмҳое, ки ба организм аз берун дохил мешаванд ва дар бофтаҳо якрангии ҷисми додашударо ба вуҷуд меоранд

4. **Аскомицеты** - [гр. askos мешок + mykes (myketos) гриб] – бот. сумчатые грибы – класс грибов, размножение которых происходит при помощи спор, развивающихся в особых клетках, т.наз. сумках («асках»)

- **Аскомицетҳо** - [калимаи юнонӣ askos халта+mykes (myketos)замбуруғ] ботаникӣ. Замбуруғҳои халтадор – синфи замбуруғҳое, ки зиёдшавии онҳо бо ёрии баҳсҳо ба вуҷуд меояд ва дар ҳуҷайраҳои халтаҳои алоҳида афзоиш меёбанд

5. **Атом** - [гр. atomos неделемый] - мельчайшая частица химического элемента; до 20 века атом считался неделимым; в современной физике установлено, что атом делим и представляет сложную систему, состоящую из положительно заряженного ядра (см. атомное ядро) атома также обладает сложным строением; оно состоит из протонов и нейтронов

- **Атом** – [калимаи юнонӣ Atomos тақсимнашаванда] - зарраи хурдтарини элементи кимёвӣ: то қарни бист он қисми тақсимнашаванда ҳисоб мешуд; физикаи муосир исбот мекунад, ки атом тақсимшаванда ва

системаи мураккаб, аз ядрои заряднок иборат (ниг.ядрои атомӣ) инчунин аз сохтори мураккаб; аз протон ва нейтрон иборат аст

6. **Ацетат** - [лат. acetum уксус] – хим. соль (или эфир) уксусной кислоты

- **Ацетат** - [калимаи лотинӣ acetum сирко] – намаки кимёвӣ (ё эфир) – кислотаи сирко мебошад

7. **Ацетон** - [лат. acetum уксус] – органическое соединение, бесцветная легкоподвижная жидкость, получаемая сухой перегонкой дерева; хорошо растворяет жиры, смолы, каучук; применяется в производстве лаков, бездымного пороха, в фотографии; служит для изготовлени хлороформа, иодоформа, искусственных красок и др.

- **Ацетон** – [калимаи лотинӣ acetum сирко] -моеъи органикӣ, ки дар истеҳсоли лок, моддаҳои тарканда ва ғ. равғанҳо, қатронҳо, каучукҳоро маҳлул мекунад; дар истеҳсолоти локҳо, борути бедудро дар суратҳо; барои тайёр кардани хлороформа, иодоформа истифода бурдашуда, рангҳои сунъӣ ва дигарҳо кор фармуда мешавад

8. **Ациклические соединения** - [гр. (частица отрицания) + циклический] – хим. (жирные или алифатические) – обширный класс органических соединений, углеродные атомы которых связаны друг с другом не в виде замкнутого кольца, а в виде открытых развернутых цепей; к ним относятся жиры, углевода и т.д.

- **Пайвастагиҳои ациклӣ** (ациклические соединения) - [калимаи юнонӣ (рад кардан)+ даврӣ ) – кимёвӣ (равғанӣ ё олифӣ) – синфи васеи пайвастҳои органикӣ, атомҳои карбонӣ, ки бо ҳам ба таври доираи кушода пайваст шудаанд; ба онҳо равғанҳо, карбог идрадҳо ва дигарҳо мансубанд

**9.Аэрозол -** [греч. аэр – воздух, нем. золе - рассол] – искусственные туманы – мельчайшие туманы жидкости, взвешенные в воздухе, или дымы из пестицидов

- **Аэрозол** - [калимаи юнонӣ аэр – ҳаво. олмонӣ золе - намакоб] - газе, ки дар муҳити он зарраҳои сахт ва моеъ муаллақ меистанд

**Супориши 9. Ибораҳои зеринро нависед ва дар зери калимаҳои душворфаҳм хат кашед.**

- бункер барои захираи лулаҳои матоъ;

- мошини лулакушо;
- мошини дӯзандагӣ;
- мошини тарошанда;
- ду-се мошини сараву сақаткунӣ ва бақайдгирӣ;
- мошини тозакунанда;
- мошини юрмадузӣ;
- мошини таҳкунанда.

## ДАРСИ 26

## ЗАБОНХАТ (РАСПИСКА) ВА ҶУЗЪҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Забонхат ва ҷузъҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тезтарҷумакунӣ**

**Забохат санадест,** ки гирифтани пул ё чизеро тасдиқ менамояд. Забонхат мустақилона таҳия мешавад.

**Дар забонхат** миқдори пули гирифташуда бо рақам зикр мешавад. Ҳамчунин дар қавс онро бояд бо ҳуруф навишт. **Дар ин санад** ягон рақам ё калимаро кур кардан мумкин нест, чизе набояд ислоҳ ё пок шавад.

**Забонхат** дар як нусха таълиф меёбад. Гоҳе дар забонхат номи шахсе, ки ҳангоми омодасозии он ҳузур дошт, зикр мегардад. Дар ин сурат он шахс санади номбурдаро бояд бо имзои худ тасдиқ намояд.

**Намуна:**

**Забонхат**

Ман, Анвар Шокиров, муҳандиси муассисаи қаннодии шаҳри Душанбе, аз ҳисобдори муассисаи мазкур 600 (шашсад) сомонӣ қарз гирифтам. Шиноснома таҳти силсилаи ва №3545 мебошад.

25 июни соли 2011 имзо

**Супориши 1. Забонхат чӣ гуна санад мебошад ва он аз кадом ҷузъҳо иборат аст, шарҳу эзоҳ диҳед.**

**Супориши 2. Забонхат барои гирифтани қарз аз муассиса чӣ гуна мешавад намуна оред.**

**Супориши 3. Хусусиятҳои асосии забонхат ҳамчун ҳуҷҷат кадомҳоянд гӯед.**

**Супориши 4. Калимаҳои навро дар матн муайян намуда, онҳоро маънидод кунед ва доир ба дастгоҳи мазкур аз китоби «Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти бофандагӣ» маълумот ҷамъ оваред**

Дар дастгоҳи «Метап» (Чехия) тарзи мутлақо нави бофт истифода мешавад, ки дар омехтакунии қоидаҳои истеҳсоли маҳсулоти бофтаю кешбофигашта асос меёбад. Ресмони пуд дар тамоми бари матоъ гузаронида намешавад ва аз ин сабаб барои пудгузаронӣ вақти бисёр талаб карда намешавад. Бинобар ин зарурати бозисти гулабандҳо дар марҳалаи пурра кушода будани бод мавҷуд нест. Наварди асосии дастгоҳ бо суръати нисбатан баланд (то 500 гардиш / дақ) давр мезанад. Ҳосилнокии дастгоҳи «Метап» бо назардошти он, ки ресмонҳои дучандшудаи пуд гузаронида мешаванд, дар як дақиқа 1500…1900 м-пудҳоро ташкил мекунад. Ҳол он ки суръати миёнаи пудгузаронӣ хеле паст аст (7,5 м / дақ).

Барои истеҳсоли чунин матоъ аз ду маштут истифода мебаранд. Яке аз маштутҳо дар қисми поёнии дастгоҳ мавқеъ дорад ва аз он ресмонҳои тор 1 кушода шуда, ҳамчун дар дастгоҳи мукаррарӣ ба мавзеи бофт равона мешаванд. Аз маштути дуюм ресмонҳои пуди 2-ро сар медиҳанд. Ҳар як ресмони пуд аз чашмаки сезани алоҳидаи пудгузарон 3 гузаронида шуда, нӯги он бо матоъ пайвастааст. Дар мавзеи бофт амалиёти бодкушоӣ сурат мегирад. Пудгузаронӣ дар ҳамкории сӯзанҳои пудгузарон 4 ва сӯзанҳои бофанда 5 иҷро мешавад.



Расми 102. Дастгоҳи «Метап»

**Супориши 5. Истилоҳоти тахассусии мазкурро дар саҳифаи махсуси компютерӣ ҳуруфчинӣ намуда, мушоҳида намоед, ки зимни ҳуруфчинии он ба кадом ғалатҳои имлоӣ роҳ додаед:**

Навъи бофт
Омехтакунӣ
Истеҳсоли маҳсулот
Бофта ва кешбофигашта
Ресмони пуд
Бари матоъ
Барои пудгузаронӣ
Зарурати бозисти гулабанд
Кушода будани бод
Наварди асосии дастгоҳ

**Супориши 6. Матни шеъри зеринро таҳлили морфологӣ намуда, азёд кунед:**

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад,

Як бад накунад, то ба худаш сад нарасад.

Ман неки ту хоҳаму ту хоҳӣ бади ман.

Ту нек набинию ба ман бад нарасад.

Умари Хайём

Адаб ороиши афъол бувад,

Адаб осоиши аҳвол бошад.

Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,

Баҳоре дар камоли эътидол аст.

Бадриддин Ҳилолӣ

**Супориши 7:**

**а) чемпионати тезтарҷумакунӣ бо истифода аз технологияи компютерӣ**

**б)дар мӯхлати понздаҳ дақиқа вобаста аз ихтисос мустақилона мактуби расмӣ, тавзеҳнома ё забонхатро ҳуруфчинӣ кардан бо истифода аз компютер**

**в)мақсади асосии супориш расидан ба ҳадафи 5-уми рақобатпазиргардонии донишҷӯ.**

**Намуна:**

Ба декани факултаи

Менеҷменти молиявӣ ва инноватсионӣ

Зуҳуров Ф.А.

Тавзеҳнома

Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки рӯзи 2-юми майи соли 2011 соати 12:00 аз 29 нафар донишҷӯёни курси 1-уми гурӯҳи 1-25-01- 01-03тА ягон нафар ба машғулияти амалӣ аз фанни забони тоҷикӣ ҳозир нашуд. Бинобар ин дарс баргузор нагардид.

Бо эҳтиром,

муаллими калони кафедраи

забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот имзо Шерматов А.И.

3 сентябри 2011

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро дар дафтаратон навишта гиред ва онро азёд намоед:**

1. **Красители - маводи рангкунӣ**
2. **Крахмал - оҳар**
3. **Консистеция - ғилзат**
4. **Клейковина - ширешак**
5. **Крошливая - лағжонак**
6. **Кислород - оксиген**
7. **Клейстетризуется - шах гаштан**
8. **Калорийность - ғизонокӣ**
9. **Кислота - тезоб**
10. **Кондитарский - қаннодӣ**

**Супориши 9. Мисолҳоро нависед. Гӯед, ки онҳо бо кадом шаклҳои замонӣ ва воситаи грамматикӣ ифода ёфтаанд**

Суръати ҳаракати рапираҳо дар дастгоҳи «Хентилини-Рипомонти» паст аст, барои ҳамин он бесадо ва беларзиш кор мекунад. Онро дар дохили бинои истеҳсолӣ озодона ҷойгир намуда, ба кор даровардан мумкин аст, яъне зарурати дар фундамент сахт васл кардани дастгоҳ вуҷуд надорад.

## ДАРСИ 27

## ТАСДИҚНОМА (СПРАВКА) ВА ҶУЗЪҲОИ ОН. ТАВСИФНОМА (ХАРАКТЕРИСТИКА) ВА ҚИСМАТҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Тасдиқнома, тавсифнома ва қисматҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Тасдиқнома санадест**, ки далелеро тасдиқ менамояд. Тасдиқномаро метавон дар шакли дастнавис таҳия намуд ё чоп кард.

**Тасдиқнома** тибқи дастури мақоми болоӣ ё мақоми расмӣ дода мешавад.

**Дар матни** он хулоса ё пешниҳод бояд мавҷуд набошад, яъне дар он фақат матлаб зикр карда мешаваду халос.

**Намуна:**

Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сентябри соли 2011 № 66.

**Тасдиқнома:**

Шодиева Гулрухсор Абдуллоевна дар шӯъбаи илмию тадқиқотии китобхонаи Фирдавсӣ ба сифати китобдор кор мекунад. Маошаш 600 сомонӣ мебошад.

Тасдиқнома ба шӯъбаи маорифи
ноҳияи марказии шаҳри Душанбе
пешниҳод мешавад
.

| | | |
|---|---|---|
| Раиси китобхона | имзо | Рашидова Фазилат Анваровна |
| Сарҳисобдор | имзо | Қодирова Каромат Алиевна |

**Супориши 1. Тасдиқнома барои чӣ дода мешавад ва дар он чиҳо дарҷ меёбанд шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Шумо дар корхонаатон сардори Шӯъбаи кадрҳо ҳастед. Барои корманди худ тасдиқнома навиштанатон лозим аст, намунаи онро тартиб диҳед:**

## Тавсифнома

**Тавсифнома** ҳуҷҷатест, ки маъмурияти муассиса ё созмон ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои омӯзишӣ ва ғ. пешниҳод менамоянд. Дар он фаъолияти идоравию иҷтимоӣ ва сифатҳои корию ахлоқӣ, ному насаб, вазифа, унвон, унвони илмӣ, соли таваллуд, миллат, маълумот, ихтисос, муддати кор дар муассисаи мазкур, сифатҳои корӣ ва ахлоқии корманд, муносибат бо ҳам коронро оид ба шахс дар бар мегирад.

**Тавсифнома** ба дасти корманд дода мешавад ё бо иҷозати вай ба муассисае, ки онро хоҳиш кардааст, фиристода мешавад. Тавсифномаро

бояд роҳбари муассиса ва раиси иттифоқи касаба имзо намояд. Имзоҳо бо мӯҳр тасдиқ мешаванд.

**Намунаи тавсифномаи корӣ:**

**Тавсифнома**

ба муҳандиси корхонаи ширбарориии ш.Душанбе Комилов Шералӣ Қодирович.

Комилов Шералӣ Қодирович, соли тавалудаш 1985 миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Ӯ дар корхонаи ширӣ ш. Душанбе аз моҳи августи соли 2008 то ҳоло ба сифати муҳандис кор мекунад. Вай вазифаашро содиқона иҷро менамояд. Дониш ва маҳорати худро барои пешрафти кори корхона эҷодкорона истифода мебарад. Аз ӯҳдаи вазифа ба хубӣ мебарояд. Маҳорати хешро ҳамеша такмил медиҳад.

Дар миёни коргарон ва кормандони корхона бо обрӯву эҳтироми зиёд бархурдор аст. Шахси боадаб ва хоксор мебошад. Ҷаҳонбинии сиёсӣ ва фарҳангии хешро пайваста такмил медиҳад.

Тавсифнома барои шомил шудан ба аспиратураи Пажӯишгоҳи физика ва техникаи АИ ҶТ пешниҳод мегардад.

Раиси корхона имзо ному насаб
Раиси иттифоқи касаба имзо ному насаб
20.07.2011с.

Мӯҳр

**Супориши 3. Тавсифнома ба кадом муассисаҳои дахлдор пешниҳод мешавад, фаҳмонед.**

**Супориши 4. Шумо ҳамчун директори мактаби миёна ба толибаи синфи ёздаҳ Хидирова Гулчеҳра тавсифнома нависед.**

**Супориши 5. Ғазали зеринро нависед, ҷонишинҳоро муайян кунед ва ба ҷои нуқтаҳо ҷонишини мувофиқро гузоред. Гӯед, ки онҳо ба ҷои кадом ҳиссаҳои нутқ омадаанд:**

Эй ба боло, ҳамон ки…, медонӣ,
Ту гули мо, ҳамон ки…, медонӣ.
Гар равӣ дар чаман, зи рашки қадат,

Равад аз ҷо ҳамон ки…, медонӣ!
Оҳуи домҷастаиву туро,
Зулф дар по, ҳамон ки…, медонӣ.
Гули сурӣ-киноят аз рухи туст,
Мушки соро ҳамон ки…, медонӣ.
Сари зулфат-шаби сиёҳи ман аст,
Рухи зебо, ҳамон ки…, медонӣ.

(Ҷомӣ)

(яъне ба қомат, ниҳоли гул, гули муҳаббат, сарв, ҳалқа-ҳалқа, мӯй, хол, моҳи пурра, дилаш).

**Супориши 6. Дар хотир нигоҳ доред:** Тамғаи дастгоҳҳои истеҳсоли Русия ба таври зерин хонда мешавад.

- АТ-100-5М – Автомати (А) бофандагии (Т – ткацкий) бари кориаш 100 см, дараҷаи беҳбудшавияш (М – модификатсияи) 5-ум;
- АТПР-120-4 – Автомати (А) бофандагии (Т – ткацкий) дорои пневморапираҳо (ПР), бари кориаш 120 см, модификатсияи 4-ум;
- СТБ-2-250Шл – Дастгоҳи (С – станок) бофандагии (Т – ткацкий) бемоку (Б – бесчелночный), бари кориаш 250 см, барои бофти матоъҳои абрешимин (Шл – шелк) аз ресмонҳои пуди ду намуд.

**Супориши 7. Вазифаи дастгоҳи мазкур аз чи иборат ва дар кадом соҳа истифода шудани онро муайян намоед.**



Расми 5. Дастгоҳи бисёрбоди пневматикии ширкати «Зултекс» модели М8300

**Супориши 7:**

**а) чемпионати тезтарҷумакунӣ**

**б) дар миқдори муайяни вақт матнро аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо тарҷума кардан**

**в) беҳтаринҳоро омӯзгор натиҷагирӣ карда, дар машғулияти оянда муаррифӣ менамояд**

**Намуна:**

**Дӯстӣ**

Бинои дӯстӣ афрохтан, чи дар миёни одамони алоҳида ва чи дар байни халқи муайян, азми чандон мушкил нест. Вале онро торафт мустаҳкам карда, аз дасти як насл ба ихтиёри насли дигар гузоштан, зиёда аз ин, ба вай шукӯҳу шаҳомат бахшида, волову бегазанд нигоҳ доштан басо душвор аст. Зеро побарҷо ва дархури инсонҳо монанди чунин бино, ки аслан ба тақозои сулҳпарвар арзи вуҷуд мекунад, аз ҳар кас эътибори мудом мехоҳад, масъулияти ҷиддӣ металабад. Ва ин гуна эътибор, ин навъ масъулият, бешак, дар натиҷаи тамоси ақлҳои шарифу пайванди ростини дилҳои бедор ба зуҳур меояд. Дӯстӣ ҳаргиз як мафҳуми хаёлӣ нест, ки вақти зарурат ба забон оварда, дар дигар мавридҳо фаромӯш созем. Вай сириште дорад зинда, ҷоне дорад огаҳ, қалбе дорад ҳассос…

(Саттор Турсун)

**Супориши 8. Истилоҳоти тахассусии зеринро нависед ва онро азёд намоед:**

1. **Выгодный – Мувофиқ**
2. **Вводить – Дохил кардан**
3. **Вина – Гуноҳ**
4. **Высокий – Баланд**
5. **Виноград – Ангур**
6. **Виноградник – Токзор**
7. **Винодел – Шаробпаз**
8. **Винодельческий завод – Заводи шаробсоз**
9. **Винокур – Арақкаш**
10. **Виноторговец – Шаробфурӯш.**

## ДАРСИ 28

## ГУЗОРИШНОМА (ДОКЛАДНАЯ ЗАПИСКА) ВА ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Гузоришнома**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

### Гузоришнома

**Гузоришнома санадест**, ки ба унвони роҳбари муассиса ё мақомоти боло навишта мешавад. Дар ягон масъала муфассалан баён мегардад. **Ҳамчунин таҳиякунандаи гузориш** метавонад дар он натиҷагирӣ ва пешниҳодоте зикр намояд. Агар гузоришнома мутаалиқ ба худи корхона бошад, он гоҳ метавон онро дар шакли дастнавис таълиф намуд. Дар ин навъ гузоришнома шумора зикр намешавад, хотирнишон сохтани таърих ва имзо кифоя аст**. Агар гузоришнома** ба унвони мақомоти боло навишта шавад, он гоҳ бояд вайро чоп намуд ва онро роҳбари муассиса (созмон) имзо намояд. **Дар ин навъ гузоришнома** зикри таърихи таҳия санад, шумораи судур ва унвони матн ногузир аст.

**Намуна:**

Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе

№ 78 аз 6.07.2011с.

Мудири мӯҳтарами

маорифи шаҳри Душанбе

Усмонов Комил

**Гузоришнома**

дар бораи иҷрои барномаи пазириши (қабули) донишҷӯён

Ба огоҳии Шумо мерасонам, ки барномаи пазириши донишҷӯён, ки маорифи шаҳр барои соли таҳсили 2011-2012 тасдиқ намуда буд, иҷро гардид. Ба омӯзишгоҳ 300 нафар донишҷӯён пазируфта шуданд. Дар ҷараёни пазириш омӯзгорони омӯзишгоҳ Бобоев Фирӯз ва Соҳибова Фарангис саҳми фаъол гирифтанд. Хоҳишмандам дар сурати мавҷуд

будани имкон масъалаи бо подош сарфароз намудани омӯзгорони номбурда, баррасӣ гардад.

Бо эҳтиром,

Мудири омӯзишгоҳ		имзо		ному насаб

**Супориши 1. Дар гузоришнома кадом масъала мавриди баррасӣ қарор мегирад, бо мисолҳо шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Ба декани факултетатон гузоришнома «дар бораи ба охир расидани таҷрибаомӯзии техникӣ» доир ба ягон корхона нависед:**

**Супориши 3. Гузоришнома ба унвони кадом мақомот навишта мешавад гӯед ва аз кадом ҷузъҳо иборат мебошад, номбар кунед.**

**Супориши 4. Хусусиятҳои сермаъноӣ, муродифӣ ва зидмаъноии порчаҳои шеърии додашударо муайян намоед:**

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
Рӯдакӣ

Имрӯз, ки бозорат пурҷӯшу харидор аст,
Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некӯӣ.
Ҳофизи Шерозӣ

Сӯҳбати мардон чу мардонат кунад
Нори хандон боғро хандон кунад.
Румӣ

Магӯ нохуш, ки посух нохуш ояд!
Ба кӯҳ овози хуш деҳ, то хуш ояд!
Носири Хисрав

**Супориши 5. Шумо дастгоҳҳои истеҳсолиро аз хориҷа ба корхонаатон ворид кардед. Гузоришномаро (доир ба харидории он) ба раиси корхона таҳия намоед.**

Барои истеҳсоли чунин матоъ аз ду маштут истифода мебаранд. Яке аз маштутҳо дар қисми поёнии дастгоҳ мавқеъ дорад ва аз он ресмонҳои тор 1 кушода шуда, ҳамчун дар дастгоҳи мукаррарӣ ба мавзӯи бофт равона мешаванд. Аз маштути дуюм ресмонҳои пуди 2-ро сар

медиҳанд. Ҳар як ресмони пуд аз чашмаки сезани алоҳидаи пудгузарон 3 гузаронида шуда, нӯги он бо матоъ пайвастааст.

Дар мавзеи бофт амалиёти бодкушоӣ сурат мегирад. Пудгузаронӣ дар ҳамкории сӯзанҳои пудгузарон 4 ва сӯзанҳои бофанда 5 иҷро мешавад. Миқдори сӯзанҳои пудгузарону бофанда баробар аст.




Расми 104. Нақшаи тарзи бофт дар дастгоҳи «Метап»

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусии поёнро дар дафтаратон нависед ва ба зери исмҳо хат кашед**

Амалиёти бодкушоӣ
Пудгузаронӣ
Сӯзанҳои пудгузарон
Сӯзанҳои бофанда
Миқдори сӯзанҳо
Пудгузарон ва бофанда
Ресмони пуд
Зарурати бозисти гулабандҳо
Наварди асосии дастгоҳ
Ҳосилнокии дастгоҳ.

**Супориши 7:**

**а) чемпионати дарёфти ғалатҳои имлоӣ дар матн**

**б) баҳогузорӣ намудани он**

**в) супоришҳои иловагӣ дода мешавад**

**Намуна:**

**Қадри заҳмат**

бо номи нек аз дунё гузаштан орзуи ҳар як инсони соҳибдил аст бисёриҳо мазмуни ҳаёти худро дар хизмати мардум дар кори хайр мебинандба ташна об додан – беморро ҳолпурси кардан, ба одами барҷо монда дасти ёри дароз кардан  чи қадар кори хайр мебошаддар канори роҳи кам об сари гузар ва ҷойи но обод дарахт шинонда калон кардан низ ҳамон кадар кори накуст мардум дар сояи он дам гирифта ва аз меваашн ком ширин карда (бар падари шинондагӣ раҳмат мегӯянд)

Ин мукофоти амал аст ва боғбон ин гапро шунавад ҳамаи азобҳойи кашидаш аз хотираш мебарояд ва леки нагар бинад ки кассе ба бехи дарахташ таббар мезанад ва ё шохи онро мешканад ҷоннаш ба харқумаш меояд, пас биёед ҳурмати боғбонро посад орем бойиси ранҷиши у нашаванд.

**Супориши 8. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро дар барномаи компютерӣ ҳуруфчинӣ намоед:**

1. **Аэрометр** - [аэро + гр. metreo мерю] – прибор для измерения веса и плотности газообразных тел

**- Аэрометр** - [аэро + гр. metreo мерю] – прибор для измерения веса и плотности газообразных тел

2. **Базилик** - [фр. basilic] – род кустарников или полукустарников семейства губоцветных, распространенных в тропиках или субтропиках

- **Райҳон- базилик** – [калимаи фаронсавӣ Basilica] –аз қабилаи буттазор ё ин ки оилаи бутта ҳарранга буда, онро нозбӯй ё райҳон ҳам меноманд

3. **Бакалавр** - [ср.-лат baccalaureus] – в западноевропейских университетах в старину (тепер только в Англии) – первая ученая степень; в современной Франции и некоторых других странах – лицо, окончевшее среднюю школу

- **Бакалавр** – [калимаи лотинӣ baccalaureus] - дараҷаи поёнии илмӣ дар донишгоҳҳои қадима ва Англияи ҳозира: дар Фаронсаи ҳозира – шахсе, ки мактаби миёнаро тамом кардааст

4. **Бактерии -** [гр. bacteria - палочка] – группа микроскопических, преимущественных одноклеточных организмов, обладающих клеточной стенкой, но не имеющих оформленного ядра размножающихся делением

- **Бактериофат** – [бактерия + калимаи юнонӣ чӯбча phagein хӯрдан] - гурӯҳи заррачаҳои микроскопии якҳуҷайра, ки деворҳои ҳуҷайра дошта, маркази (ядрои) ягона надорад ва ба таври пора шудан зиёд намешавад

5. **Бацилла -** [лат. bacillum - палочка] – бактерия, имеющая форму палочки

- **Бацилла** – [калимаи лотинӣ Bacillum] - бактерия, бациллаи сил (туперкулёз

6. **Бекмес –** виноградный сок от всетло-коричневого до буро-черного цвета, уваренный на огне в медных луженых котлах

- **Бекмес** - шиннӣ, ширинӣ, ки аз оби ангур тайёр карда шудааст: рангаш қаҳваранг ва аз алоби паст пӯхта мешавад

7. **Бекон -** [англ. bacon] – продукт из молодой свиной туши, специально разделанной и засоленной

- **Гӯшти буғкадаи хук** – [калимаи англисӣ Bacon] - маҳсулот аз гӯшти буғкардаи хук тайёр шуда мебошад

8. **Белки** – сложные органические соединения, состоящие из углерода, водорода, кислорода, азота, серы, фосфора и др. химических элементов

- **Сафеда** - моддаҳои мураккаби пайвастҳои органикӣ, иборат аз карбон, ҳидроген, оксиген, газ, сулфур, фосфор ва дигар элементҳои кимёвӣ мебошад

9. **Берландиери –** [Vitis berlandieri Planch] – один из американских видов винограда

- **Берландиери** – [Vitis berlandieri Planch] - яке аз намудҳои ангур дар Амрико мебошад

10. **Биохимия –** биологическая химия; наука, изучающая химический состав живых организмов и протекающих в них химические процессы

- **Биокимиё** - кимёи биологӣ – илмест, ки таркиби кимёвии материяи зиндаро дар раванди кимёвӣ мегузарад меомӯзад.

## ДАРСИ 29

## ТАРТИБ ДОДАНИ ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТИ ИХТИСОСӢ

**Нақшаи дарс:**

1. **Тартиб додани луғати истилоҳоти ихтисосӣ**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Супориши 1. Дар барномаи MS Word саҳифаи нав кушода, матни зеринро ҳуруфчинӣ намоед.**

**Дастгоҳҳои дорои пудгузаронакҳо**

Чунин намуд дастгоҳ дар истеҳсолоти бофандагӣ дар ибтидои солҳои 50-ми асри 20 пайдо шуд ва бинобар бартариҳои зиёди худ сазовори баҳои баланди мутахассисони соҳа гардид. Тарафҳои мусбати чунин намуд таҷҳизот - ҳосилнокии нисбатан баланд, талаботи камтар нисбати сарфи энергия, хароҷот барои ҳавотозакунӣ, масоҳати истеҳсолӣ (аз рӯи ҳосилнокӣ як дастгоҳи васеъбари дорои пудгузаронакҳо се дастгоҳи мокудорро иваз карда метавонад) ва ғ. мебошанд. Афзалиятҳои дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо ҳатто панҷ маротиба бештар будани нархи онро дар муқоиса бо дастгоҳи мокудор репеш месозад.

Дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо барои аз даруни бод кашида бурдани ресмони пуд ба хои моку пудгузаронакҳои масса (то 40 г) ва андозаашон (9x1,4x0,6 см) хурд хизмат мекунанд. Ғалтаки ресмони пуд дар яке аз тарафҳои дастгоҳ беҳаракат қарор дорад.

**Супориши 2. Ҷумлаҳои тахассусиро хонед ва маънои онҳоро пурра шарҳ диҳед:**

Дар дастгоҳи бофандагӣ на танҳо матоъҳои дурушт, балки рангаро низ мебофанд. Дар ин сурат ресмонҳо пеш аз ба дастгоҳ ворид гаштан ранг карда мешаванд. Ресмонҳои рангаро ҳам ба сифати тор ва ҳам ба сифати пуд ва ё танҳо ба сифати яке аз онҳо истифода мебаранд. Бо тартиби муайян ҷойгиркунии ресмонҳои рангаи торро дар аснои танидан иҷро мекунанд. Дар айни замон, чунин амалиёт бо ресмонҳои рангаи пуд бевосита дар дастгоҳи бофандагӣ амалӣ мешавад.

**Супориши 3. Дар шакли хаттӣ на кам аз 10 калимаи соҳавиро интихоб намоед ва онро аз забони тоҷикӣ ба забони русӣ тарҷума намуда, маънидод кунед.**

**Супориши 4. Қисмҳои дастгоҳи мазкурро аз адабиётҳо дарёб кунед ва доир ба он маълумот ҷамъ оваред:**

Тарзи кори назораткунандаи ресмонҳои тори тарзи кораш электрикии дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо ин мебошад, ки механизм то шаш дона милаҳои ламелгузаронӣ дошта метавонад, яъне ламелҳоро дар ин милаҳо дар шашқатор ҷойгир кардан имкон дорад. Ҳар кадом мила дорои ду ноқил аст: пардаи пелодин 4 ва тасмаи 2, ки аз латун сохта шудааст. Ресмонҳои тор боди навбатиро мекушоянд. Рейкаи дандонадори 5 ба самти Б майл мекунад. Дар натиҷаи ин сӯзанҳои пудгузарон ба самти В тоб мехӯранд. Бинобар ин ресмонҳои пуд дар дохили бод (ҳар яке дар дарозии Н) нисбати ресмонҳои тор перпендикуляр ҷой мегиранд.

Сӯзанҳои бофанда бо чангакҳои кушода ба самти Г ҳаракат карда, дар поёни ресмонҳои пуд ҷой мегиранд. Сипас онҳо ба самти Д қадре боло мераванд ва ресмонҳои пуд ба дохили чангакҳои онҳо ворид мешаванд. Дар аснои ба тарафи сарҳади матоъ баргаштан, ин сӯзанҳо ҳамроҳи худ ресмонҳои пудро низ меоранд.




Расми 109. Нақшаи назораткунандаи ресмонҳои тори дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо

**Супориши 5. Истилоҳоти тахассусии зеринро ҳуруфчинӣ намоед ва онро аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо тарҷума кунед:**

Тарзи кор
Назораткунандаи ресмонҳои тор
Дастгоҳи дорои пудгузаронак
Милаҳои ламелгузаронӣ
Ресмонҳои тор
Рейкаи дандонадор
Сӯзанҳои пудгузарон
Ресмонҳои пуд
Сӯзанҳои бофанда
Чангакҳои кушода

**Супориши 6. Матнро бодиққат хонед. Калимаҳои бароятон нофаҳморо аниқ созед ва аз фарҳанги тафсирӣ ёбед:**

Рахти сафар

Ғуруби хуршед буд. Ҷалолиддин бо дили нохоҳам деворро даст-даст намуда, дар торикӣ ба зер фаромад. Дар хона шамъдонҳо фурӯзон буданд. Забонаҳои нур дар тани деворҳои урён мерақсид. Падар ва бародар дар рӯи саҷҷодаҳо бо ниёиш нишаста буданд.

Вопасин ниёиши падар андар диёр тӯлонӣ ва пурэҳсос буд. Бародар мураттаб нафас мекашид, вале Ҷалолиддини дувоздаҳсоларо хоб намебурд, аз паҳлу ба паҳлу мегашту нолиш мекард. Ба саҳни ҳавлӣ баромад. Дар канори садобаи таги чинор таваққуф намуд. Шамол монд. Ситорагон парешон гашта дар осмони фирӯзагун метофтанд. Аспон дар

оғил сум зада фух-фух мекарданд. Аз қарибӣ – нафаскашии ноқаҳо*, ки пагоҳ субҳ онҳоро ба роҳи дуру дарози номаълум мебарад, шунида мешуд.

Вай сарашро бардошт. Аз хирмани ситораҳо нуқтаи базӯр тобонеро пайдо кард, - чанде қабл вай бо яке аз муридони падар ситораи худро шинохта буд. Ба ситора чашм дӯхта саъй менамуд дарёбад, ки ӯро баъди ҳафтае, соле, даҳ сол дар ин роҳи тӯлонӣ ва мисли абадият ломунтаҳо* чӣ пеш меояд. (Радий Фиш)

**Луғат**

Ноқаҳо – шутурони мода

Ломунтаҳо – беинтиҳо, беохир

**Супориши 7. Мисраъҳои зеринро ифоданок хонед ва онҳоро маънидод кунед:**

Тавонгар зи дуздон бувад тарснок,
Тиҳикиссаро аз гиреҳбур чӣ бок?!
Хисрави Деҳлавӣ

Гар хирадманд аз авбош ҷафое бинад,
То дили хеш наёзораду дарҳам нашавад.
Санги бадгавҳар агар косаи зарин шиканад,
Қиммати санг наяфзояду зар кам нашавад.
Саъдии Шерозӣ

**Супориши 8.**

**а) муайян намудани сатҳи омодагии касбии донишҷӯ**

**б) шарҳу эзоҳ додани матнҳои ихтисос**

**в) мақсади асосӣ бо истилоҳоти соҳавӣ шинос шудан**

**Намуна:**

**Тозакунии ҷозибавии газҳо**

Барои тоза кардани селаи газӣ аз чанг (тозакунии дурушт) адоти муттасил ва ғайримуттасилро истифода мебаранд, ки аз онҳо асосиаш рафии гардшин мебошад.

Рафи гардшин адоти росткунҷашакл буда, дар дохили он рафҳои уфуқӣ ҷойгир шудаанд. Чанг тавассути ғалақаи танзимкунанда ба корези рафии гардшин дохил шуда, байни рафҳои уфуқӣ тақсим мешавад.

**Супориши 9. Луғати истилоҳоти соҳавиро нависед ва онҳоро азёд намоед:**

1. **Комбинированные - омехта**
2. **Кулинарные - таббохир**
3. **Крупы - ярма**
4. **Кисло-сладкий - нордон**
5. **Клетки - ҳуҷайраҳо**
6. **Кофе - қаҳва**
7. **Какао-порошок - хокаи какао**
8. **Кофе натуральный молотый - қаҳваи табиии суда**
9. **Краситель из свеклы - ранги лаблабу.**

## ДАРСИ 30

## ДАРХОСТ (ЗАЯВКА)

## ВА ТАВЗЕҲНОМА (ОБЪЯСНЕНИЕ)

**Нақшаи дарс:**

1. **Дархост ва тавзеҳнома**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Дархост санадест,** ки дар он ягон чизи мавриди ниёз. эҳтиёҷ (пул, мол ва ҳоказо) зикр мешавад. **Вай ба унвони** мақоми расмии муассиса навишта мешавад.

**Намуна:**

Ба мудири Шӯъбаи маорифи
ноҳияи Ҳисор
Қаюмов Диловар Шодиевич

**Дархост**

Ҷиҳатҳои ошноии донишомӯзон бо компютер ва омӯхтани он хоҳиш менамоям, ки лутфан 10-дона компютерро ба ихтиёри мактаби таҳсилоти ҳамагонии № 52 қарор диҳед.

Бо эҳтиром,
Директори мактаб имзо ному насаб
25.06.11.

**Намунаи дигар:**

Ба мудири корпардозии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Субҳонов Зиёвуддин

**Дархост**

Озмоишгоҳи зистшиносӣ ба 20 дона миз ва 25 дона курсӣ эҳтиёҷ дорад. Хоҳишмандам, онҳоро ба ихтиёри озмоишгоҳ қарор диҳед.

Бо эҳтиром,
Мудири озмоишгоҳ имзо Дилбар Маликова
30.09.2011

**Супориши 1. Ҳамчун корманди маркази компютерӣ барои таъмири асбоби чопкунӣ ба унвони сардори марказ дархост нависед.**

**Супориши 2. Матнро хонед ва хулосаи худро нависед:**

Марде ду духтар дошт, ки ҳардуяш арӯсӣ шуда буд. Як духтари ӯ хонуми боғбоне буд ва духтари дуюмаш хонуми хиштмоле. Ин мард баъди чанде ба хонаи он духтараш, ки хонуми боғбоне буд, рафт. Вақте аз вазъи зиндагии духтараш ҷӯё шуд, духтараш гуфт:

- Ҳама чиз хуб аст, шавҳари ман маро дӯст дорад ва ман шавҳари худро дӯст дорам. Аммо ягона чизе, ки ман мехоҳам, он аст, ки борони зиёде биборад, то боғҳои мо, ки ташнаи об ҳастанд, сероб шаванд.

Рӯзи дигар он мард ба хонаи он духтараш, ки хонуми хиштмол буд, рафт. Вақте ки аҳволи ӯ ҷӯё шуд, чунин ҷавоб шунид: «Ҳама чиз хуб аст, ман ҳеҷ орзуе надорам, ҷуз ин ки обу ҳаво хушк бошад ва офтоб бидурахшад, то хиштҳоеро, ки шавҳарам молидааст, хушк шавад».

Падар гуфт:

- Хоҳарат борон мехоҳад ва ту ҳавои хушки офтобӣ. Ман намедонам барои кадоми шумо дуо кунам?!

## ТАВЗЕҲНОМА

**ТАВЗЕҲНОМА санадест,** ки дар он корманди муассиса ё созмон сабаби иҷро нагардидани фармон, дастур ё риоя нашудани муқаррарот ва ё нодуруст иҷро шудани онро шарҳ медиҳад. Тавзеҳнома дар мавридҳои лозим ба гузориш, баровард ва дигар санадҳо чун замима оварда шудааст, бояд ягон нуқтаи санади асосӣ шарҳ дода шавад.

**Намуна:**

Ба декани факултаи
технология ва дизайни
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон Самиев Қ.

**Тавзеҳнома**

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки рӯзи 20 сентябри соли 2011 соати 8:00 аз 25 нафар донишҷӯёни бахши 2-юми гурӯҳи 1-50-01-01-02т ягон нафар ба машғулияти амалӣ аз фанни забони тоҷикӣ ҳозир нашуд. Бинобар ин дарс баргузор нагардид.

Бо эҳтиром,
муаллими калони кафедраи
забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот          имзо          Оқилова М.Н.
21 сентябри 2011

**Супориши 3. Ба декани факултаатон барои баргузор нашудани дарс аз ягон фан тавзеҳнома пешниҳод намоед.**

**Супориши 4. Шумо тасодуфан компютери китобхонаи донишгоҳро вайрон кардед. Доир ба ин масъала баёнотро чӣ гуна менависед, намунаашро оред.**

**Супориши 5. Аз байтҳои зерини «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ муродифҳоро муайян карда шарҳ диҳед:**

Ба гуфтори деҳқон кунун боз кард,
Нигар, то чӣ гӯяд сароянда мард.
Чунин гуфт мӯъбад, ки як рӯз Тӯс,
Бад он гаҳ, ки хезад хурӯши хурӯс…

Чунин дод посух, ки «моро падар,
Бизад дӯшу бугзоштам буму бар».
Биёяд ҳама тозиён модарам,
Нахоҳад к-аз ин буму бар бигзарам.
Бигуфто, ки аз мом хотуниам,
Ба сӯи падар Офаридуниам.

**Супориши 6. Шумо дар корхонаи бофандагӣ ба сифати муҳандис - технолог кор карда истодаед. Барои дастгоҳи мазкур қисмҳои эҳтиётӣ лозиманд, ба роҳбари корхона дархост пешниҳод намоед:**

Ба ҳайати хати муттасил дохил шуда метавонанд:
- бункер (ғункунандаи механикӣ) барои захираи лулаҳои матоъ;
- мошини лулакушо;
- мошини дӯзандагӣ;
- мошини тарошанда;
- ду-се мошини тараву сақаткунӣ ва бақайдгирӣ;
- мошини тозакунанда;
- мошини юрмадузӣ;
- хубронкунакҳо;
- мошини таҳкунанда.

Дар аввал лулаҳои матоъҳоро дар ғункунандаи механикӣ 1 ҷойгир мекунанд. Асбоби лулакушо 2 дорои ду навардча аст. Лула дар болои ин онҳо озод мехобад. Дар сатҳи навардҳо раххои печдор мавҷуданд, бинобар ин матоъ аз лула кушода шуда, дар як вақт бараш рост карда мешавад. Сипас охирҳои порчаҳои матоъ ба воситаи мошини дӯзандагӣ пайваст карда мешаванд ва он ба мошини тозакунандаю тарошанда 4 мегузарад.




Расми 115. Нақшаи ҷойгиршавии таҷҳизот дар хати муттасили агрегатӣ

**Супориши 7. Истилоҳоти тахассусии зеринро ҳуруфчинӣ намоед ва ба забони русӣ тарҷума кунед:**

Захираи лулаҳои матоъ
Мошини лулакушо
Мошини дӯзандагӣ
Мошини тарошанда
Мошини сараву сақаткунӣ
Мошини тозакунанда
Мошини юрмадузӣ
Хубронкунакҳо
Мошини таҳкунанда
Лулаҳои матоъ

**Супориши 8.**

**а) гузаронидани бозии расмии «Кӣ ғолиби ҷойи аввал?»**

**б) барои иҷрои ин супориш ба донишҷӯён саволгузорӣ мешавад**

**в) пас чемпионати «Кӣ аввал?» эълон карда мешавад.**

**Намуна:**

1. Садриддин Айнӣ асарҳои худро бо кадом услуб навиштааст ва нигориши услуби ӯ аз дигар нависандагони замонаш дар чӣ фарқ карда мешавад?
2. Ҷумлаҳои зер моли кӣ мебошад ва Шумо онҳоро чӣ гуна маънидод мекунед?
   1. Забон бо тафаккур алоқаи бевосита дорад.
   2. Забон оинаи фарҳанги халқ аст?
   3. Забон пояи миллат аст?

**Супориши 9. Луғати истилоҳоти соҳаи хӯрокворириро нависед ва азёд кунед:**

1. **Вишня – Олуболу**
2. **Вкладыш – Варақаи замима**
3. **Вода – Об**
4. **Водовоз – Обкаш (машкоб)**
5. **Водоподъемник – Мошини оббарор**
6. **Водохранилище – Обанбор**

7. **Водочный завод – Корхонаи арақ**
8. **Воз – Ароба**
9. **Воспринять – Гирифтан, қабул кардан**

## ДАРСИ 31

## ШАРҲИ ҲОЛ (АВТОБИОГРАФИЯ) ВА МУАРРИФИНОМА

**Нақшаи дарс:**

1. **Шарҳи ҳол ва муаррифинома**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Шарҳи ҳол санадест, ки** шакли умумӣ надорад. Аммо дар он хотирнишон сохтани баъзе ҷузъҳо ногузир аст. **Шарҳи ҳол** дар шакли даснавис таҳия мешавад. **Тамоми хабар** дар санади мазкур бояд бо тартиби забонӣ сабт гардад.

**Намуна:**

Ман, Валиев Шодӣ Шаҳобович 31 ноябри соли 1985 дар ноҳияи Ҳисор дар хонаводаи коргар таваллуд шудаам. Соли 2004 таҳсилро дар мактаби миёнаи рақами № 4 ба поён расонида, ба факултаи муҳандисӣ-технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон шомил шудам. Аз соли 2004 то соли 2006 дар сафҳои Артиши миллӣ хидмат намудам. Баъди адои хидмати низомӣ таҳсилро дар факултаи номбурдаи донишгоҳ идома додам ва онро соли 2011 хатм намудам. Аз моҳи ноябри соли 2011 то кунун дар корхонаи шароббарории шаҳри Душанбе ба сифати муҳандис-технолог кор мекунам.

Дар умури иҷтимоии корхона саҳми фаъол мегирам, узви кумитаи иттифоқи касаба мебошам. Падарам Валиев Валӣ нафақахӯр аст. Модарам Гуландом Тоҳирова дӯзанда шуда кор мекунад.

Нишонии ҷои зист: ноҳияи Фирдавсӣ, ш.Душанбе, к.Бухоро 15

20 сентябри соли 2011 имзо

**Намуна:**

Ман________________________________________________

(ном, номи падарӣ ва номи хонаводагӣ)

________________________________________________

(таърих ва ҷойи таваллуд)

________________________________________________

(шуғл)

________________________________________________

(вазифа, ҷомзаҳо, ширкат дар умури иҷтимоӣ

________________________________________________

(маълумот дар бораи падару модар)

________________________________________________

(вазъи хонаводагӣ ва таркиби хонавода)

________________________________________________

(нишонии ҷойи зист ва шумораи телефон)

«__»__________ __________ ____________

(таърихи таҳияи санад) (имзо)

**Супориши 1. Шарҳи ҳоли худро нависед.**

**Супориши 2. Шарҳи ҳол чӣ гуна санад аст ва ба куҷо пешниҳод мегардад шарҳ диҳед.**

**Супориши 3. Порчаҳои шеърии додашударо хонед ва ҳар банди онро маънидод кунед:**

Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.
Адаб маҷмӯаи ҳусну ҷамол аст,
Баҳоре дар камоли эътимол аст.

Бадриддин Ҳилолӣ

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ арзон аст.
Аз беадабӣ касе ба мақсад нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардон аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Ҳар ки ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,

Бенаво шуд, гарчӣ дорад сад наво.
Ҳамзабонӣ хешию пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.

Ҷалолиддини Румӣ

**Супориши 4. Матни тахассусиро бодиққат хонед ва калимаҳои бароятон нофаҳморо ҷудо намуда, бо ёрии «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънидод кунед:**

Дар дастгоҳҳои бемоку ресмони пуд баъди дар дохили бод ҷойгир шудан аз ду тараф (дар мавриди ҳалқашакл гузаронидани пуд - аз як тараф) бурида мешавад. Нӯгҳои буридашудаи ресмонҳо шилшилаҳоро ташкил мекунанд. Аз ин нӯгҳо истифода бурда, бо ин ё он роҳ ҳошиябандӣ иҷро карда мешавад. Чунин амалиётро механизми ҳошиябанд иҷро мекунад. Дар як дастгоҳ ду ва ё бештар ҳошиябандҳо васл карда мешаванд.

Ҳошияи бо роҳи қаткунӣ ҳосилшуда ба намуди зоҳирии матоъ таъсири манфӣ намерасонад, матоъ бошад бешилшила ҳосил мешавад. Аммо ғафсии матоъ дар ҳошияҳо нисбати замина дучанда аст. Ҳошиябандҳо нӯгҳои ресмони пуди дар боди навбати ҷойгиршударо қат карда, ба дохили боди пасоянд ворид мекунанд. Фаҳмост, ки дар ин ҳолат зичии ҷойгиршавии ресмонҳои пуд дар ҳошия нисбат ба замина 2 маротиба бештар аст. Пас, агар дар заминаи матоъ боҳампечии суф истифода шавад, дар ҳошия он ба репси тор 2/2 мубаддал мегардад (аз ҳисоби нӯгҳои қатшуда). Ба ҳамин минвол, репси тор 1/2 ба репс 2/4 иваз мешавад. Азбаски мустаҳкамкунии ҳошияҳо аз ҳисоби ресмонҳои пуд амалӣ мегардад, зичии ҷойгиршавии ресмонҳои тор дар ҳошия ба зичии

онҳо дар замина баробар қабул карда мешавад ё ҳатто то 25 % пасттар. Бари ҳар кадом ҳошияи матоъ 13…15 мм-ро ташкил медиҳад. Чунин тарзи ҳошиябандӣ, барои мисол, дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо истифода мешавад. Солҳои охир дастгоҳҳои дорои пневморапираҳо низ бо ҳошиябандҳои қаткунанда таҷҳизонида мешаванд.




Расми 106. Тарзҳои гуногуни ҳошиябандӣ

**Супориши 5. Аз калимаҳои нофаҳмои истилоҳоти тахассусии зерин луғат тартиб диҳед ва онҳоро маънидод кунед:**

Ҳошиябандӣ
Дастгоҳҳои муосир
Бемоку
Қаткунӣ
Шерозабандӣ
Печидан
Усули шерозабандӣ
Боҳампечии заминаи матоъ
Боҳампечии суф
Нӯгҳои ресмон

**Супориши 6.**

**а) муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**б) мақсади асосӣ - баланд бардоштани сатҳи забондонӣ**

**в) инчунин омӯхтани маданияти баҳс**

**Намуна:**

1. **Чаро дар солҳои охир маданияти ҷавонони мо хеле костааст?**
2. **Барои чӣ дар маҳаллаҳои дурдаст духтаронро волидайнашон барои дар мактаб таҳсил кардан монеа мешаванд, сабаб дар чист?**
3. **Дар вақтҳои охир ҷавонони зиёде оилавайрон шуда истодаанд, чаро?**

**Супориши 7. Дар барномаи MS Word саҳифаи нав кушода**, **луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро ҳуруфчинӣ намоед:**

1. **Бисквит** – [фр. Biscuit] – пирожное из взбитых яиц, муки, сахара и других  сортов печенья; вид сухого печенья, пирожного

- **Кулчақанд (Бисквит)** – [калимаи фаронсавӣ biscuit]-кулчақанд аз тухм, орд, қанд ва дигар пӯхтаниҳо ҳосилшаванда.

2. **Бланширование -** [фр. Blanshir - белить, обдавать кипятком] – обработка плодов и овощей горячей водой, паром для предохранения от потемнения и облегчения варки варенья

- **Сафедкунӣ (сатҳтозакунӣ)** – [калимаи фаронсавӣ сафед кардан, оби ҷӯш рехтан Blanshir] – коркарди меваҳо ва сабзавотҳо бо оби гарм, буғ бо мақсади пешгирӣ кардан аз сиёҳ шудан ва сабук гардондани пухтани мураббо

3. **Бойлер -** [англ. boiler] – бестопочный котел, в котором вода нагревается паром, поступающим из другого котла и проходящем по змеевику или по гнезду труб, утановленных внутри; применяется преимущественно на теплоэлектроцентралях для получения горячей воды, направляемой к местам ее потребления

- **Обгармкунак (Бойлер)** – [калимаи англисӣ Boiler] - обгармкунак – деги беалобхона, ки дар он об гарм карда мешавад ва дар натиҷаи ба воситаи қубурҳои хамгаштаи он (змейвик) ё ба воситаи лона, обгузаронӣ дар дохил васлшуда; асосан дар марказҳои гармидиҳӣ бо мақсади тайёр кардани оби гарм ва равона кардани он ба истифодабарандагон ба кор бурда бурда мешавад

4. **Бомбаж** - [фр. Bombage] – консервов, вздутие консервной банки, - образование газов в связи с размножением в консервных микроорганизмах

- **Зарфи дам кардаи консерва (Бомбаж)** – [калимаи фаронсавӣ Bombage] – консерваҳо, банкаҳои дамкардаи консерва, ба вуҷуд овардани газро дар афзоиши консервҳо, микроорганизмҳо алоқаманд мегардонад

5. **Ботулизм -** [лат. botulus - колбаса] – заболевание, вызванное потреблением продуктов, зараженных особым спороносным возбудителем – бациллой ботулинус; раньше ботулизм считали отравлением «колбасным» ядом

- **Заҳролудшавӣ (Ботулизм)** – [калимаи лотинӣ Botulus – ҳасиб] – касалие, ки ҳангоми истифода бурдани маҳсулоти бо роҳи махсус захролуд кардашуда ба вуҷуд омада; дар аввалҳо ботулизмро заҳролудшавӣ аз захри «ҳасиб» мешумориданд

6. **Бункер** – [англ. Bunker «угольный ящик»] – вместилище для хранения сыпучих материалов, разгружающееся через нижнюю часть.

- **Қуттӣ (Бункер)**- [калимаи англисӣ bunker «қуттии ангиштӣ»]- борҷога барои маҳсулот, ки аз қисми поён холӣ карда мешавад.

7. **Букет вина** – приятный запах, присущий винам высокого качества, возникающий во время брожения и развивающийся при выдержке обычно со второго года.

- **Накҳати шароб** – бӯйи форам, ба шаробҳои сифати баланд мансуб буда, ки ҳангоми турш шудан ва ба вуҷудой дар давоми соли дуюм

8. **Безе** – [фр.baiser «поцелуй»] – пирожное из взбитых ямчных белков с сахаром.

- **Сафедаи латзадаи тухм (Безе)**- [калимаи фаронсавӣ baiser] кулчақанд аз қанд ва сафедаи фах карда (лат зада)-и шудаи тухм

9. **Бриошь** – [фр.brioche по имени собст.] – сдобная булочка.

- **Булочкаи равғанӣ**- [калимаи фаронсавӣ brioche]- кулчақанди равғанӣ (булочка).

10. **Бруниссура** – покоричневение листьев, неинфекционная болезнь винограда, вызываемая недостатком калия в почве

- **Бруниссура**–баргҳоиқаҳварангшуда, бемории сирояткунандаи ангур буда, норасоии калийро дар хок ба вуҷуд меоранд

**Супориши 8. Матни тахассусиро хонед ва дар компютер ҳуруфчинӣ кунед**

**Тозагии бод**

Вобаста ба намуди боҳампечӣ дастгоҳи бофандагӣ бо шумораи гуногуни гулабандҳо таҷҳизонида мешавад. Ҳангоми пурра кушода шудани бод гулабандҳо ва ресмонҳои дар онҳо гузаронида шуда нисбати мавқеи мобайнӣ ба тарзи гуногун ҷойгир мешаванд. Аз рӯи ҷойгиршавии ресмонҳо дар марҳалаи пурра кушода шудан, бод се хел мешавад: тоза, ғайритоза ва омехта. Дар боди омехта ресмонҳои қисми болоии бод дар ҳамвориҳои гуногун ва ресмонҳои қисми поёнӣ дар як ҳамворӣ ҷой мегиранд. Азбаски моку дар қисми поёнии бод ҳаракат мекунад, дар дастгоҳҳо истифода бурдани ё боди тоза ва ё боди омехта ба мақсад мувофиқ аст. Аз рӯи намуди зоҳирӣ чунин маҳсулот ба матои бофта шабоҳат дорад, аммо он хосиятҳои маснуоти кешбофишударо мемонад.

## ДАРСИ 32

## ФАРМОН (ПРИКАЗ) ВА НАМУДҲОИ ОН

## БЕРУННАВИСИ ФАРМОН (ВЫПИСКА ИЗ ПРИКАЗА)

**Нақшаи дарс:**

1. **Фармон ва намудҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**

### 3. Чемпионати тез ва бехато навиштан

**Фармон санадест,** ки роҳбари идораи давлатӣ ё шӯъбаи он барои ҳалли вазифаҳои муҳим ва фаврие, ки дар баробари ин мақом қарор дорад, содир менамояд.

**Фармонҳо ду хел** мешаванд: барои фаъолияти муассиса ва барои кормандон. **Фармон** барои фаъолияти муассиса ба хотири созмондиҳии кор, мураттаб намудани фаъолияти муассиса ё ягон шӯъбаи он содир мешавад. Ин гуна фармон ҳамчунин барои огоҳии кормандон, расондани дастурҳои мақомоти болоӣ содир мегардад. **Фармон** барои кормандон ҳангоми ба кор қабул кардан, аз кор озод намудан, ба рухсатӣ рафтан, инчунин ҳангоми мукофот ё танбеҳ додан ба коргар содир мешаванд.

**Банди хотимавии фармон** барои фаъолияти кормандон ба феълҳои «таъйин шавад», «озод карда шавад», «гузаронида шавад» ва ғайра хотима меёбад

**Беруннависи фармон** ин нусхаи қисми ҳуҷҷати аслӣ, яъне фармон мебошад. Ҷузъҳои беруннависи фармон аз ҷузъҳои фармон тақрибан тафовут надорад, аммо вайро дар сурати зарурате омода мекунанд. Ин нусха бояд тасдиқ шуда бошад.

**Намуна:**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

ФАРМОН

«25» августи с.2011 № 123 «к» ш.Душанбе

Эшонов Бахтиёр аз 1 сентябри соли 2011 ба шӯъбаи кадрҳои ДТТ бо мӯҳлати 3 моҳаи санҷишӣ ба вазифаи ҷонишини сардор (бо маоши мувофиқи ҷадвали штатӣ), таъйин карда шавад.

Ректор имзо ному насаб

**Супориши 1. Шумо Мудири шӯъбаи кадрҳои корхона мебошед. Намунаи фармонро «Дар бораи ба кори дигар гузаштан» ҳуруфчинӣ намоед:**

**Супориши 2. Шумо ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошед. Барои ҷашнгирии «Иди наврӯз» фармон содир намоед:**

**Супориши 3. Ҳикояи зеринро хонед ва ба мазмуни он аҳамият диҳед. Иҷрокунандаи амалро дар ҷумлаҳо муайян намоед:**

Нақл мекунанд, ки хирс як замон одами бадавлате будааст ва дар ихтиёраш даҳ-понздаҳ рама гӯсфанд доштааст.

Рӯзе ҳангоми тарошидани пашми гӯсфандон мӯйсафеде ба назди бой омада, аз ӯ барои рафъи эҳтиёҷоташ каме пашм хостааст. Аммо бой хоҳиши мӯйсафедро рад кардааст ва бо ҳақорату дашномҳои қабеҳ ӯро аз дари хонааш берун кардааст. Баъд аз ин мӯйсафеди ҷабрдида даст ба дуо боло карда, дар ҳаққи он бой гуфтааст: - Ту, ки маро ин қадар озор додӣ, мехоҳам, ки Худованд пашмҳои тарошидаатро ба баданат часпонда, туро ба хирс табдил диҳад. Дуо мекунам, ки умрат ҳамеша дар ҷангалу биёбонҳо гузараду гӯсфандҳоят насиби рӯзиат нашаванд…

Аз ҳамон вақт он марди бадавлат ба хирс табдил ёфта, дар ҷангалу кӯҳу биёбонҳо умр ба сар мебурдааст.

(аз китоби «Қиссаҳои ноб дар ҳар боб»)

**Супориши 4. Шумо роҳбари корхонаи бофандагӣ ҳастед. Дар корҳои пурсамар ва иҷрои барзиёди нақшаи солона ба кормандатон барои ба подошпулӣ сарфароз гардонидан фармон нависед:**

Пайдарҳамии ҳошиябандӣ бо усули қаткунӣ дар расми поён нишон дода шудааст. Ресмони пуди охирин 1 аз дохили бод гузашта, аллакай ба сарҳади матоъ оварда часпонида шудааст. Кушодашавии боди нав оғоз мешавад. Нӯгҳои ресмони пуд дар ду тарафи дастгоҳ ба воситаи исканҷаҳои 2 нигоҳ дошта мешавад. Дар ин ҳолат чангаки 3 ба самти А майл намуда, дар болои ресмони пуд 1 ҷойгир мешавад (а-б). Исканҷа 2 каме ба боло (самти Б) ҳаракат намуда, пасон ба самти В, яъне ба тарафи матоъ равон мешавад (в). Ба ҳамин тариқ ресмони пуд ба нӯги чангак ворид мешавад. Акнун чангак ба тарафи муқобил (ба самти Д) ҳаракат

мекунад (г-д) ва нӯги ресмони пудро ба дохили боди аз нав кушодашуда ворид мекунад.




Расми 107. Тартиби ҳошиябандӣ бо усули қаткунӣ

**Супориши 5. Бо истифода аз барномаи Times Now Roman tj истилоҳоти тахассусирои зеринро ҳуруфчинӣ намоед:**

Механизми ресмонбардор
Чангак
Симҳои борики сахт
 Панҷараи танобпаҳнкунанда
Сӯрохиҳои зиёд
Таноб

Чангак
Дастгоҳи бофандагӣ
Як дона гула
Чашмаки ресмони тор
Як гула овеза
Бозгаштани чангак

**Супориши 6. Қоидаи имлоро истифода карда тарзи дурусти навиштро барқарор кунед:**

Чангугард, эҳйои полорҳо, даври, гази фишурда шуда, тавасути сар қубур, қисми маҳрути, унусурҳои фулуз сафолот, зарачаҳои муалақ, сурати хоси полойиш, деворакҳои полоиши, полорои остинаки, баркарор созии унсурҳо, таммоми полор

**Супориши 7.**

**а) технологияи муаррифии дониши касбӣ бо истифода аз забони тоҷикӣ**

**б) мақсади асосӣ ин савияи баланди забондонӣ**

**в) дар мавзӯи муайян навиштани гузориш**

**Намуна:**

1. «Забони тоҷикӣ дар олами муосир»
2. «Забони тоҷикӣ ҳамчун забони қадимтарини Ориёӣ»
3. «Тоҷикистон дар арсаи олам»

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро дар компютер ҳуруфчинӣ кунед азёд намоед:**

| | | |
|---|---|---|
| **1. Корица** | **-** | **дорчин** |
| **2. Корзинка** | **-** | **сабадча** |
| **3. Кружочки** | **-** | **гирдак** |
| **4. Кубики** | **-** | **мукаъабча** |
| **5. Кабачок** | **-** | **кадуча** |
| **6. Картофель отварной** | **-** | **картошкаи ҷӯшондашуда** |
| **7. Кракеры** | **-** | **кракерҳо** |
| **8.Компот из смеси сухофруктов** | **-** | **нӯшокӣ аз омехтаи хушкмеваҳо** |

**9.Лаборатория - озмоишгоҳ**

## ДАРСИ 33

## АМР (РАСПОРЯЖЕНИЕ) ВА МАВРИДИ СОДИР ГАРДИДАНИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Амр ва мавриди содир гардидани он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Амр санади ҳуқуқиест**, ки барои ҳалли масъалаҳои фаврӣ дода мешавад. **Амррро метавонанд** муовинони роҳбари муассиса (созмон), муовинони сармуҳандис ҳамчунин роҳбарони воҳидҳои (шӯъбаҳои) муассиса содир менамоянд. **Тибқи қоида** муддати эътибори амр маҳдуд аст. Зиёда аз ин вай танҳо дар бархе аз кормандон нуфуз дошта метавонаду халос. **Матни амр** аз матни фармон тафовут надорад. Танҳо дар бахши дуввуми матн (бахши амр) ба ҷои «Фармон медиҳам» таркиби «Амр медиҳам» ба кор бурда мешавад.

**Намуна:**

Корхонаи бофандагӣ

№ 22 аз 20 сентябри соли 2011

**АМР**

Дар бораи такмили ихтисоси коргарон.

Бо сабаби аз байн рафтани кори дастӣ ва такмили ҳунари бофандагӣ.

Амр медиҳам:

1. Аз таърихи 22 сентябри соли 2011 курсҳои махсуси бофандагӣ таъсис дода шавад.
2. Мудири корхонаи таълимӣ Гуландом Розиқова барномаи 70-соатаи дарси курсҳои мазкурро омода созад.
3. Дарсҳо ҳамарӯза баргузор шаванд.
4. Бофандаи шӯъбаи сеюм Малика Саидова омӯзгор таъин шавад.

5. Назорат ба иҷрои ин дастур ба ӯҳдаи сармуҳандиси корхона гузошта шавад.

Мудири корхона имзо Дилбар Набиева

**Супориши 1. Амр аз фармон чӣ тафовут дорад, бо мисолҳо шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Шумо муовини сармуҳандиси корхона мебошед. Барои гузаронидани чорабинии иди «Наврӯз» матни амрро тартиб диҳед.**

**Супориши 3. Амр чӣ гуна санад мебошад, бо намунааш нависед.**

**Супориши 4. Порчаи зеринро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед:**

Кунун, эй ирадманди фазлу хирад,
Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андар хурад.
Кунун то чӣ дорӣ, биёр аз хирад,
Ки гӯши ниюшанда з-ӯ бархӯрад.
Хирад беҳтар аз ҳарчӣ эзид бидод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳ дод.
Хирад роҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.
Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯят ғамист,
В-аз ӯят фузунӣ, в-аз ӯят камист.
Хирад тира марди рӯшанравон,
Набошад ҳаме шодмон як замон.

**Супориши 5. Доир ба нақшаи поён аз адабиётҳои соҳавӣ маълумот ҷамъ оваред ва матн тартиб диҳед:**

Дар расми поён якчанд нақшаи пуркунии матоъҳое оварда шудааст, ки ҳошияҳои онҳо бо усули қаткунӣ ҳосил мешаванд. Матоъҳои боҳампечиашон суфро бо истифода аз 5 ё 6 дона гулабанд бофтан мумкин аст. Қисме аз ресмонҳои тори ҳошияро дар гулабандҳои барои заминаи матоъ пешбинигашта мегузаронанд. Ҳангоми истифодаи

накшаи нишондодашуда дар ҳошия аз ҳар кадом гула ду донагӣ ресмони тор гузаронида мешаванд.

Пайдарҳамии ҳошиябандӣ бо усули қаткунӣ дар расми зерин нишон дода шудааст. Ресмони пуди охирин 1 аз дохили бод гузашта, аллакай ба сарҳади матоъ оварда часпонида шудааст. Кушодашавии боди нав оғоз мешавад. Нӯгҳои ресмони пуд дар ду тарафи дастгоҳ ба воситаи исканҷаҳои 2 нигоҳ дошта мешавад. Дар ин ҳолат чангаки 3 ба самти А майл намуда, дар болои ресмони пуд 1 ҷойгир мешавад (а-б). Исканҷа 2 каме ба боло (самти Б) ҳаракат намуда, пасон ба самти В, яъне ба тарафи матоъ равон мешавад (в). Ба ҳамин тариқ ресмони пуд ба нӯги чангак ворид мешавад. Акнун чангак ба тарафи муқобил (ба самти Д) ҳаракат мекунад (г-д) ва нӯги ресмони пудро ба дохили боди аз нав кушодашуда ворид мекунад.




Расми 108. Расмҳои пуркунии матоъҳо барои ҳошиябандӣ бо усули қаткунӣ

**Супориши 6. Истилоҳоти соҳавиро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, онҳоро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед:**

Пайдарҳамии ҳошиябандӣ, усули қаткунӣ, ресмони пуди охирин, дохили бод, сарҳади матоъ, кушодашавии бод, нӯгҳои ресмони пуд, чангак, болои ресмони пуд, тарафи матоъ, ресмони пуд, нӯги чангак, нӯги ресмон ва ғ.

**Супориши 7.**

**а) чемпионати тез ва бехато навиштани мукотиботи расмӣ**

**б) дар муддати то 10 дақиқа вобаста аз ихтисос мустақилона навиштани фармон, амр ва маълумотнома дар бораи корхона, ташкилот**

**в) мақсади асосӣ расидан ба ҳадафи 2-юми рақобатпазиргардонии донишҷӯ**

**Намуна:**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**ФАРМОН**

«05» сентябри с.2011 № 45 ш. Душанбе

Қодиров Анвар Умедович 10 сентябри соли 2011 ба шӯъбаи кадрҳои ДТТ бо мӯҳлати 3 моҳаи санҷишӣ ба вазифаи ҷонишини сардор (бо маоши мувофиқи ҷадвали штатӣ) таъин карда шавад.

Ректор имзо ному насаб

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро нависед ва ба дигар забонҳо тарҷума кунед:**

1. **Выгода – Фоида, манфиат,**
2. **Выгрузка – Борфурорӣ**
3. **Выдать – Бароварда додан**

4. **Вынести – Баровардан**
5. **Выносливый – Тобовар, пурбардошт**
6. **Выпечка – Пазиш, нонпазӣ**
7. **Выпивший – Нӯшида, хӯрда**
8. **Варница – Корхонаи истеҳсоли намак**
9. **Варево – Оши суюқи (обдор)**
10. **Ветчина – Ветчина (гӯшти намаккардашуда ва дуддодашуда**

## ДАРСИ 34

## НОМАҲОИ РАСМӢ ВА НАВЪҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Номаҳои расмӣ ва навъҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Дар робитаи миёни** муассисаҳо, созмонҳо ва мақомоти гуногун номаҳои расмӣ нақши хеле муҳим мебозанд.

**Номаҳои расмӣ** аз лиҳози мазмун ва вазифа чанд навъ мешаванд: номаҳои ташаббусӣ, номаҳои ҷавобӣ, пайвастнома, бахшнома ва ғайра.

### Номаи ташаббусӣ

**Номаи ташаббусӣ** номаест, ки як муассиса ба муассиса ё созмони дигар барои дарёфти тавзеҳот, дастурамал, ахбори иловагӣ ё мавод (мол) муроҷиат менамояд.

**Намуна:**

Кумитаи таъминоти моддию техникӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маркази ҳисоби ҷумҳурӣ

734005, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 35

Телефон: 223-30-40; Сарҳисобдор: 233-34-45

Суратҳисоби 0004001, Шӯъбаи бонки «Амонатбонк» дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

05.09.2011, № 45 ҷавоб ба номаи №_____

Ба раиси ширкати «Деҳқон»

Комилов А.Н.

Мӯҳтарам Анвар Нозимович!

Аз Шумо эҳтиромона, хоҳиш менамоям, ки 10 тонна пиёзро ба ихтиёри Маркази ҳисоби ҷумҳурӣ вогузоред, то ба кормандони ин муассиса ба фурӯш расонида шавад.

Бо эҳтиром,

Мудир имзо ному насаб

**Номаи ҷавобӣ (посухнома)**

**Номаи ҷавобӣ** (посухнома) ҷавобест, ки ба дархости мақомоти муассисаи дигар навишта мешавад.

**Намуна:**

Ширкати «Деҳқон»

734023, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 42.

Телефон: 221-32-43; Ҳисобдор: 221-23-22

Суратҳисоб 000361788 Шӯъбаи бонки «Амонатбонк»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе № 46 ҷавоб ба номаи № 35

Ба мудири Маркази

ҳисоби ҷумҳурӣ

Олимов Қудрат

Тибқи хоҳишатон барои фурӯш ба кормандон 10 тонна пиёзро ба ихтиёри Маркази ҳисоби ҷумҳурӣ мегузорем.

Раиси ширкати «Деҳқон»                    имзо                    ному насаб

## Пайвастнома

**Пайвастнома** хабарест, ки ба мақомоти марбута ҳамроҳи санадҳо фиристода мешавад.

**Намуна:**

Консерни саноати маҳаллии

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Иттиҳодияи «Қолинбоф»

734016, шаҳри Душанбе, кучаи Бухоро, 27

Телефон: 223-22-43

25.06.2011 № 4

Мӯҳтарам маъмурияти консерни саноати маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерин ба Шумо пешниҳод гардидаанд:

- гузорише дар бораи таъмини буҷети сармоягузорӣ
- гузорише дар бораи иҷрои барномаи сармоягузорӣ (нимсола)
- гузорише дар бораи иҷрои барномаи сохтмони хобгоҳ (нимсола)
- гузорише дар хусуси қимати корҳои сохтмонӣ ва монтаж (нимсола)

**Супориши 1. Номаҳои расмӣ аз лиҳози мазмун ва вазифа чанд навъ мешаванд, шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Ба номи директори шириниҳои «Шафоат» оиди гирифтани шириниҳо барои тарабхонаатон номаи расмӣ нависед.**

**Супориши 3. Барои гирифтани маводҳои таълимӣ ба номи ноиби ректор оид ба корҳои хоҷагии донишгоҳ дархост нависед.**

**Супориши 4. Матнро хонед ва хулосаатонро нависед:**

Бозаргоне дар хонаи дӯсташ сад ман оҳани худро амонат гузошта ба сафар рафт. Чун аз сафар омада оҳанро талабид, дӯсташ гуфт:

- Оҳани туро муш хӯрд.

Пас бозаргон писари ӯро дуздида, дар хонаи худ пинҳон кард. Ҳамин ки дар шаҳр ба ҷустуҷӯи кӯдак оғоз карданд, бозаргон пеши дӯсташ омада гуфт:

- Бозе дидам, ки кӯдак мебарад.

Дӯсташ гуфт, ки дурӯғ мегӯӣ, кӯдакро боз чӣ гуна бардошта метавонад?

Бозаргон ҷавоб дод:

-Дар шаҳре, ки муш сад ман оҳанро мехӯрад, боз, албатта, қудаки даҳ ман вазн доштаро гирифта метавонад.

Дӯсташ донист, ки ин сухан чӣ маънӣ дорад ва гуфт:

-Муш оҳани туро нахӯрдааст, писари маро боз деҳ ва оҳанатро гир.

(Аз эҷодиёти халқ)

**Супориши 5. Шумо дар корхона мутахассис оид ба таъмири дастгоҳҳои бофандагӣ мебошед. Барои дастрас кардани қисмҳои лозимӣ ба корхонаи дастгоҳбарорӣ мактуб таҳия намоед:**

Назораткунандаи ресмонҳои тор дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо. Вобаста ба тарзи кор назораткунандаҳои ресмонҳои тор механикию электрикӣ мешаванд. Тарзи кори назораткунандаи ресмонҳои тори тарзи кораш электрикии дастгоҳи дорои пудгузаронакҳоро чунин мебошад. Механизм то шаш дона милаҳои ламелгузаронӣ дошта метавонад, яъне ламелҳоро дар ин милаҳо дар шаш қатор ҷойгир кардан имкон дорад. Ҳар кадом мила дорои ду ноқил аст: пардаи пелодин 4 ва тасмаи 2, ки аз латун сохта шудааст.

Ба ноқилҳо шиддати 12 В оварда шудааст ва онҳо аз якдигар ба воситаи диэлектрики 11 ҷудо шудаанд, яъне занҷири электрикӣ кушода аст. Ламел 1 ду сӯрохӣ дорад. Аз сӯрохии 5-и дар боло будаи он мила ва аз сӯрохии 7-и поёнаш – ресмони тор 6 мегузаранд. Аз ҳисоби тарангии

ресмон ламел дар мувозинат мебошад. Дар сурати кандашавии ресмон ламели дар он овехташуда меафтад ва он бо ҳарду ноқили мила дар алоқа мешавад, занҷири электрикӣ пайваст шуда, сабабгори манъшавии кори дастгоҳ мегардад.

Бояд дар назар дошт, ки дар назораткунандаҳои тарзи корашон электирикӣ хатари оташгирӣ мавҷуд аст. Бинобар ин онҳоро дар тозагӣ нигаҳ доштан зарур аст, то гард ва наххои кӯтоҳ дар ноқилҳо ҷамъ нашаванд.




Расми 109. Нақшаи назораткунандаи ресмонҳои тори дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусии зеринро ҳуруфчинӣ намуда, калимаҳои сода ва мураккабро дар сутунҳои алоҳида ҷобаҷо намоед:**

Назораткунандаи ресмон
Тор дар дастгоҳи мокудор
Тарзи механикӣ
Ҷойгиршавии ресмон
Тор дар механизм
Милаҳои ламелгузаронӣ
Ба воситаи сӯрохӣ
Дандонадор
Ҳолати муқаррарӣ
Кори дастгоҳ

**Супориши 7.**

**а) чемпионати тез ва бехато навиштан бо истифода аз технологияи компютерӣ**

**б) дар мӯҳлати то 15 дақиқа вобаста аз ихтисос мустақилона мактуби расмӣ ва ё маълумотнома дар бораи корхона, ташкилот бо истифода аз компютер тайёр намудан**

**в) мақсади асосӣ расидан ба ҳадафи 5-уми рақобатпазиргардонии донишҷӯ**

**Намуна:**

**БА ВАЗИРИ**

**КОРҲОИ ХОРИҶИИ**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Қувватов А.У.**

**Мӯҳтарам Акбар Умедович!**

Барои дар Конфронси байналмиллалие, ки дар ш.Москва аз санаи 5.09.11с. то 12.09.11с. баргузор мегардад, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот Қодиров Дилшод Раҳмонов ба сафари хизматӣ фиристода мешавад.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба иттилои Шумо мерасонад, ки ба корманди мазкур барои омода намудани шиносномаи хизматӣ мусоидат намоед.

Ректор имзо ному насаб

д.и.п. профессор

**Супориши 8. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро бодиққат хонед, ҳуруфчинӣ намуда, дар папкаи алоҳида ҷой диҳед:**

1. **Брутто -** [итал. brutto грубый] – 1) вес товара с упаковкой; 2) валовый доход без вычета расходов

- **Брутто** – [калимаи итолиёӣ Brutto дағал] - 1) вазни маҳсулот бо басту бандаш. 2) даромад аз рӯи ҳаҷми умумии истеҳсол ва бе ҳисоб кардани хароҷотҳо

2. **Бруцеллез -** [лат.] – заразное заболевание коз, овец, крупного рогатого скота, свиней, через продукты которых заражается и человек

- **Бруселлез** – [калимаи лотинӣ] - бемории гузарандаи буз, гӯсфанд, молҳои калони шохдор, хукҳо, ба воситаи маҳсулотҳо низ ба одамон мегузарад

3. **Брожение** – процесс распада органического вещества, гл.обр. углеводов, под влиянием микроорганизмов или выделяемых из них ферментов

- **Туршшавӣ** – равиши ҷӯшиш, турш шуда ҷӯшидани чизе: ҷараёни коҳиш хӯрдани моддаҳои органикӣ, аз ҷумла ангиштҳое, ки дар зери таъсири микроорганизмҳо ё ферментҳое, ки онҳоро ҷудо мекунад

4. **Бурдюк** – мех, мешок из целой шкуры животного, предназначенный для хранения и перевозки вина и иногда др. жидкостей

- **Машк-**пашм, халта аз пӯсти ҳайвонот, ки барои нигоҳдорӣ ва овардани машрубот ва баъзе вақт барои чизҳои обдор истифода бурда мешавад

5. **Бюретка -** [фр. burette] **-** 1) стеклянная трубочка с нанесенными на ней делениями; примен. (при объемном анализе) для отмеривания небольших количеств жидкости; 2) ручная масленка, снабженная насосиком и пружинкой для улучшения процесса смазки

- **Бюретка** – [калимаи фаронсавӣ Burette] – 1) қубурчаи шишагини дар рӯяш тақсимот нишон додашуда; ҳангоми чен кардани моеъи кам (ченкунии ҳаҷмӣ) истифода бурда мешавад; 2) равғанкунаки дастии бо насосча муҷаҳҳаз кардашудаи ҳангоми ҷараёни равғанкунӣ ҳолатро беҳтаркунанда

6. **Ванилин** – [фр. vanilline, vanilla] – ароматическое вещество, применяемое в кулинарии.

- **Ванилин**- [калимаи фаронсавӣ vanilline, vanilla]-моддаи хушбӯе, ки дар кулинария истифода мешавад.

7. **Вакуум -** [лат. vacuum пустота] – «пустое» пространство в приборах, точнее – весьма разряженное состояние газа

- **Фазои холӣ (Вакуум)** – [калимаи лотинӣ vacuum холӣ] моддаи физикӣ - техникӣ.1) ҳолати бисёр тунуки ҳаво ё газ дар даруни ягон асбоб ё зарфи сарбаста. 2) фазои холӣ

8. **Вакуум-аппарат -** [лат. см. вакуум] – 1) прибор для выпаривания растворов при пониженном давлении, и вследствие этого при пониженной температуре

- **Вакуум-аппарат** – [калимаи лотинӣ см.вакуум] – 1) асбоб барои буғ дода тоза кардани маҳлулҳо дар ҳолати фишори паст ва дар натиҷаи ин дар ҳолати паст кардани ҳарорат

9. **Вакуум-сусло** – виноградный сок, концентрированный путем выпаривания в вакуум-аппаратах при пониженном давлении и, следовательно при температуре более низкой (34-50 С), чем при изготовлении бекмеса

- **Вакуум-сусло** – шарбати ангурӣ бо роҳи буғ дода тоза кардан дар вакуум-дастгоҳҳо ҳангоми пасткунии фишор, мувофиқан дар ҳарорати зиёди паст (34-50 С), нисбат ба тайёркунии ширинӣ консентратсияшуда

10. **Вакуоли-**мельчайшие капельки клеточного сока

- **Вакуол-**қатраҳои хурди оби ҳуҷайра

## ДАРСИ 35

## СУРАТМАҶЛИС (ПРОТОКОЛ) ВА ТАЛАБОТҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Суратмаҷлис ва талаботҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Суратмаҷлис санадест,** ки дар он ҷараёни баррасии масъала ва қарори маҷлис, машварат ва конфронси мақомоти марбута зикр мегардад.

**Дар суратмаҷлис** ҳамчунин фаъолияти мақомоти таҳқиқӣ (тафтишӣ), бозпурсии маъмурӣ ва мақомоти ҳифзи тартиботи умумӣ сабт мешавад.

**Навиштани суратмаҷлис** яке аз вазифаҳои муҳими котиб мебошад. Вайро котибони расмӣ ё котибоне, ки дар ҷараёни ҷаласа, машварат, конфронс ва фаъолияти мақомоти мартуба интихоб мешаванд, менависанд. Котиб ва раиси мақоми марбут барои дурустии сабти ахбор маъсул мебошанд.

Аз лиҳози комилии инъикоси ҷараёни маҷлис суратмаҷлис мухтасар ва муфассал мешавад. Дар суратмаҷлиси мухтасар танҳо дастури рӯз (рӯзнома), номи хонаводагии суханронон, мавзӯи мавриди баррасӣ ва қарор оварда мешаваду халос. Ин гуна суратмаҷлис дар бораи чигунагии ҷараёни ҷаласа ё машварат ва фаъолияти муассиса ахбори комил намедиҳад. Биноан суратмаҷлиси муфассалро бартар шумурдаанд. Суратмаҷлиси мухтасар ҳангоми баргузории ҷаласа ё машваратҳои фаврӣ навишта мешавад. Ин гуна суратмаҷлис инчунин замоне таҳия мешавад, ки ҷараёни ҷаласа, машварат ё конфронс тавассути тунднависӣ ё дастгоҳи сабт навишта шавад. Суратмаҷлис бояд дурусту дақиқ таҳия гардад. Дар он тамоми ҷузъҳои зарур бояд зикр гарданд. Тазаккури теъдоди ширкаткунандагони маҷлис, машварат ё конфронс дар суратмаҷлис аҳамияти ҳуқуқӣ дорад, чаро ки маҳз дар сурати расидани маҷлис ба ҳадди нисоб (кворум) ширкаткунандагон метавонанд қарор қабул намоянд.

**Намуна:**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Беруннависи суратмаҷлис**

№ 2 аз 3 марти 2012

шаҳри Душанбе

Ҷасалаи Иттифоқи касабаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Рӯзнома:**

1. Баргузории ҷашни 8-март «Рӯзи модар»
2. Суханронии раиси Иттифоқи касабаи донишгоҳ Дилафрӯз Колилова

Дилафрӯз Комилова иброз намуд, ки дар маҷлиси Иттифоқи касаба масъалаи баргузории ҷашни «Рӯзи модар» ба таърихи 8 март мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ба хотири созмон додани ҷашни мазкур иттифоқи касаба аз маъмурият тақозо намуд, ки 5000 сомонӣ ҷудо намояд. Номбурда дар охири суханрониаш хоҳиш кард, ки ин масъалаи мазкур дар маҷлиси ҳозираи Иттифоқи касаба мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дилбар Каримова, Саноат Эргашева ва Каромат Солеҳова перомуни ин мавзӯъ изҳори назар намуданд.

**Маҷлис қарор кард:**

Барои баргузор намудани ҷашни «Иди модар» 5000 сомонӣ ҷудо карда шавад.

| | | |
|---|---|---|
| Раиси иттифоқи касба | ному насаб | имзо |
| Котиб | ному насаб | имзо |
| Масъули шӯъбаи кадр | ному насаб | имзо |

**Супориши 1. Шумо Раиси иттифоқи касабаи ДТТ мебошед. Суратмаҷлиси ҷаласаи навбатиро тартиб диҳед.**

**Супориши 2. Суратмаҷлис чӣ гуна санад аст ва ба навиштани он кӣ масъул мебошад.**

**Супориши 3. Конфронси илмие, ки дирӯз дар донишгоҳ баргузор гашт Шуморо котиб интихоб карданд. Суратмаҷлиси онро дар компютер ҳуруфчинӣ кунед ва ҷузъҳои асосии онро фаҳмонед.**

**Супориши 4. Ғазали Ҳофизро ифоданок хонед ва ҳар байти онро маънидод кунед:**

Даме бо ғам ба сар бурдан, ҷаҳон як сар намеарзад,
Ба май бифрӯш далқи мо, к-аз ин беҳтар намеарзад.
Ба кӯи майфурӯшонаш ба ҷоме барнамегиранд.
Зиҳӣ сад ҷомаи тақво, ки як соғар намеарзад,
Рақибам сарзанишҳо кард, ки аз ин боб рух бартоб
Чӣ афтод ин сари моро, ки хоки дар намеарзад.
Шукӯҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар ӯ дарҷ аст,
Кулоҳе дилкаш аст, аммо ба тарки сар намеарзад.
Чӣ осон менамуд, аввал, ғами дарё ба бӯи суд
Ғалат кардам, ки ин тӯфон ба сад гавҳар намеарзад.

**Супориши 5. Матни зеринро, ки доир ба қисмҳои дастгоҳи поён мебошанд бодиққат хонед ва дар хотир гиред:**

Мошини сараву сақаткунӣ ва бақайдгирӣ. Барои дар муддати кӯтоҳ муайян намудани навъ ва дарозии матоъҳо мошини сараву сақаткунӣ ва бақайдгирӣ хизмат мекунад. Дар он матоъ 2 аз лӯла 1 кушода шуда, аз сатҳи милаи равонкунандаи 3 ва мизи 4 мегузарад. Ҳангоми аз болои миз гузаштани матоъ коргари назоратчӣ онро аз назар мегузаронад: нуқсҳои зоҳирии онро қайд мекунад ва бари матоъро месанҷад. Мизи мазкур бо ҷадвал ва шишаи тира ҷиҳозонида шуда мавҷуд аст. Ҷадвал барои назорати бари матоъ дар тӯли тамоми дарозиаш истифода мешавад. Шиша аз тарафи даруни мошин равшан кунонида мешавад, то дар болои он назорат кардани сатҳи матоъ осон шавад. Барои қулай будани назорат кунҷи тамоили мизро нисбати уфуқ дар худуди $30^0$ тағйир додан мумкин аст.

Кушодашавии матоъ аз лӯла ва ҳаракати минбаъдаи онро навардҳои кашандаи 6, 8, 10 таъмин мекунанд. Сатҳи ин навардҳо теғадор буда, бо резина пешида шудааст, то дараҷаи соиш баландтар шуда, лағжиши матоъ пешгирӣ карда шавад. Дар байни навардҳои кашанда ду милаи тарангибахши 7 ва 9 ҷойгир мешаванд. Онҳоро дар ҳолати озод дар болои матоъ мегузоранд. Вобаста ба тарангии хории матоъ милаҳо ба болою поён майл мекунанд ва бо ҳамин танзими тарангии матоъ таъмин карда мешавад.



А




Б

Расми 113. Мошини сараву сақаткунӣ ва бақайдгирии БУ-2М ва нақшаи технологии он

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусии поёнро дар дафтаратон нависед ва онҳоро маънидод кунед:**

Самти муқобил

Ҳаракат додан

Матоъ

Амалиёт

Назорати такрорӣ

Қисматҳои алоҳида

Ду асбоби ченкунӣ

Дарозии матоъ

Порчаи матоъ

Бофанда

Ҳангоми ба самти муғобил

Дарозии матоъ

**Супориши 7**

**а) чемпионати тезтарҷумакунӣ**

**б) матнро дар мӯхлати муайян аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо тарҷума кардан**

**в) беҳтаринҳоро омӯзгор муаррифӣ менамояд**

**Намуна:**

**Адиби заҳматписанд**

Асарҳои Ӯрун Кӯҳзод касро зуд-зуд ба андеша мебаранд. Аз мутолиаи навиштаҳои ӯ нисбат ба одамоне, ки ҳаёти моро доғдор мекунанд, дар дили кас нафрат пайдо мешавад. Хонандаи хуб ба мисли қаҳрамонони покназару покнияти адиб барои беҳбудии зиндагӣ роҳи ягона дурустро дарёфта, ба фарди арзандаи ҷамъият табдил мегардад. Ман ҳоло ба сабабе чунин мегӯям, ки навиштаҳои Кӯҳзодро бодиққат хонда, худам гоҳо ба андеша меравам. Ва сидқан мехоҳам, ки минбаъд дар ҷодаи адабиёт бештар муваффақ шавам, ба қаҳрамонҳои аз мағзи ҳаёт омадаи вай боз сӯҳбат ороста, зиндагиро беш аз пеш ба чашми ибрат нигарам.

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро бо истифода аз барномаи Times New Roman Tj ҳуруфчинӣ кунед ва дар папкаи алоҳида ҷой диҳед:**

1. **Лабораторный работ - кори озмоишгоҳӣ**
2. **Липовый - зерфунӣ**
3. **Лецетин - летсетин**
4. **Лук репчатый - бехпиёз**
5. **Лимонный сок - шарбати лиму**
6. **Ложка - чумча**
7. **Лапша - угро**
8. **Ломтики - қаламӣ**
9. **Лапшевник с творогом - угро бо фалла**
10. **Лавровый лист - барги дарахти ғор**

**Супориши 9. Бо калимаву ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва онҳоро дар хотир гиред:**

Баландии бод, фашанги 5, дарозии кашак, тозагии бод, дастгоҳ, гулабанд, бофт, матоъ, бофти ҳошия, механизм, қисмҳои сахт, пудгузаронак, устувор, бодкушо.

## ДАРСИ 36

## БЕРУННАВИСИ СУРАТМАҶЛИС

## (ВЫПИСКА ИЗ ПРОТОКОЛА)

**Нақшаи дарс:**

1. **Беруннависи суратмаҷлис**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Беруннависи суратмаҷлис** барои ошноии мақомоти расмӣ ва ё созмонҳои поёнӣ бо қарори маҷлис таҳия мешавад. Вайро дар сурати зарурат омода мекунанд. **Беруннависи суратмаҷлис** бояд тасдиқ шавад.

**Дар беруннависи суратмаҷлис** танҳо ҳамон бахши матн ва савобдиди суратмаҷлис зикр мешавад, ки ба мақомот ё корманди муассиса лозим аст.

**Намуна:**

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Беруннависи суратмаҷлис**

№ 5 аз 4 феврали 2011

шаҳри Душанбе

Ҷаласаи Иттифоқи касабаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Рӯзнома:

1. Баргузории ҷашни 8-март «Рӯзи модар»
2. Суханронии раиси иттифоқи касабаи донишгоҳ Хуршеда Каримова

Хуршеда Каримова иброз намуд, ки дар маҷлиси Иттифоқи касаба масъалаи баргузории ҷашни 8-март «Рӯзи модар» ба таърихи 8 март мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ба хотири созмон додани ҷашни мазкур иттифоқи касаба аз маъмурият тақозо намуд, ки 10 000 сомонӣ ҷудо намояд. Номбурда дар охири суханрониаш хоҳиш кард, ки ин масъалаи мазкур дар маҷлиси ҳозираи Иттифоқи касаба мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дилбар Амонова, Парвина Кабирова ва Нигина Асозода перомуни ин мавзӯъ изҳори назар намуданд.

Маҷлис қарор кард:

Барои баргузор намудани ҷашни «Рӯзи модар» 10 000 сомонӣ ҷудо карда шавад.

Раиси иттифоқи касаба
Хуршеда Каримова имзо
Котиб
Малоҳат Халилова имзо

Масъули шӯъбаи кадр
Гуландом Аҳророва имзо

**Супориши 1. Беруннависи суратмаҷлис аз суратмаҷлис чӣ фарқ дорад, пурра шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Ҷаласаи кафедра моҳи сентябри соли 2011 соати 8.00 баргузор гардид ва Шумо дар он ҷо котиб будед. Беруннависи суратмаҷлисро чи тавр тартиб медиҳед.**

**Супориши 3. Дар бораи рӯзгор ва осори яке аз олимони соҳаи техникӣ-муҳандисӣ маълумот диҳед.**

**Супориши 4. Аз матни зер ҷумлаҳои содаи саволию хитобиро муайян карда гӯед, ки ибораҳои «рӯбоҳи ланг», «шерони Тӯронзамин» дар кадом маъно кор фармуда шудаанд.**

Темури ланг ба Эрон лашкар кашид, шаҳри Тӯсро гирифт. Қабри Фирдавсиро диду гуфт:

- Ин қабри кист?

Вазираш гуфт: - Ин қабри Фирдавсии авлиё!

Темур гуфт: - Фирдавсӣ авлиё набуд, ӯ як шоири гадо буд, занед, қабри ӯро вайрон кунед!

Вазираш гуфт:

- Амир, сабр кунед, авлиё ё шоири гадо будани Фирдавсиро месанҷем.

Темур розӣ шуд. Вазираш дар як коғаз навишт:

Биёмаданд шерони Тӯронзамин,
Куҷо шуданд мардони Эронзамин?

Қоғазро даруни қабри Фирдавсӣ партофта рафтанд. Баъд аз як рӯз омаданд, ки ҷавоби байт берун аз қабр истодааст:

Дар олам намондаст шеру паланг,
Ҷаҳонро гирифтаст рӯбоҳи ланг!

Темури Ланг шарманда шуду дигар ба қабри Фирдавсӣ кордор нашуд.

(«Лутфи Латиф»)

**Супориши 5. Дар мавзӯи «Технологияи бофти матоъ дар дастгоҳҳои бофандагӣ" нақли хаттӣ нависед:**

Мошини тозакунандаю тарошанда. Барои аз гарду чанг, нӯгҳои ресмонҳо, гиреҳҳо, ҳалқаҳо ва дигар ноҳамвориҳо тоза намудани сатҳи матоъ шӯъбаи назорат ва бақайдгирӣ бо мошинҳои тозакунандаю тарошанда ҷиҳозонида мешавад. Чунин амалиётҳоро мошин дар ҳарду сатҳи матоъ иҷро мекунад. Матоъ 1 аз милаҳои равонкунанда 2 ва тарангибахш 3 гузашта, ба асбоби росткунандаи бари матоъ 4 ворид мешавад. Ин асбоб ҳошияҳои матоъро ба ду тараф кашида, бари онро ба ҳолати тарангшуда меорад. Пас аз ин матоъ аз ҷуфти милаҳои равонкунанда 2 ва аз байни навардҳои манъкунанда 5 гузашта, ба камераи тозакунӣ 6 дохил мешавад. Дар дохили ин камера матоъ аз ду тараф ба воситаи чор дона чӯткаи мудаввари даврзананда 7 тоза карда мешавад. Чӯткаҳо ба самти муқобили равиши матоъ давр мезананд ва аз ҳарду сатҳи матоъ гард, ғашҳо ва наҷҳои бегонаи часпидаро дур мекунанд. Дар як вақт онҳо нӯгҳои гиреҳҳоро, ки дар сатҳи матоъ хобидаанд, рост карда, барои тарошидан омода месозанд.



Расми 114. Нақшаи технологии мошини тозакунандаю тарошанда УСД

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусиро ба забони русӣ ва англисӣ тарҷума кунед:**

Қубур
Кашиши ҳаво
Моддаҳои сатҳи матоъ
Милаҳои равонкунанда
Тарошидан
Устувона
Кордҳои ҳамвор
Сатҳи матоъ
Хатти вохӯрии кордҳо
Равонкунанда

**Супориши 7**

**а) чемпионати дарёфти хатогиҳои содиршуда дар матн**

**б) мақсади асосӣ - сатҳи донишандӯзии забондонии шогирдон**

**в) вобаста аз малакаи ёфтани хатогиҳо баҳогузорӣ мешавад**

**Намуна:**

**Китоб манбаи дониш**

Китобро барҳак манбаи илму дониш сарчашмаи хирадманди асоси маданияти милл. ва пояи тамадуни чаҳони мегуянд фарханги инсони

албатта танхо аз китоб иборат нест ғайр аз китоб он дину ойин хату алифбо меъмори расоми хайкал тароши ва ғайраро дарбар мегирад илмхои гуногун адабиёту таърих хам маданияту таърих ҳам маданиятро ташкил медиҳанд лекин асоси ҳамаи ин намудҳои маданият китоб мебошад.

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳаи хӯрокаро азбар намоед ва аз рӯи як дақиқа суръати ҳуруфчинии худро санҷед:**

1. **Сушонная рыба – Моҳии қоқ**
2. **Вафля – Вафля (нони қандини тунук, ки дар он нақши тӯр аст)**
3. **Выпукло – Барҷаста, масалан хамири хеста**
4. **Выстроить – Сохтан**
5. **Выстыть – Хунук шудан**
6. **Высыпать – Рехтан, пошидан**
7. **Вытесать – Тарошидан, ранда кардан**
8. **Вязкий – Часпак, ёзанда**
9. **Вкус – Мазза, завқ табъ**
10. **Габарит – Андоза, ҳаҷм**

## ДАРСИ 37

### ҚАРОРДОД (ДОГОВОР) ВА НАМУДҲОИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Қарордод ва намудҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Қарордод санадест,** ки дар он мувофиқаи тарафҳои манфиатдор дар бораи барқарор намудани муносибате сабт мегардад.

**Қарордод** миёни давлатҳо, корхонаҳо, созмонҳои иҷтимоӣ, муассисот ва шаҳрвандон баста мешавад. Қарордодро дар чанд нусха (2-4) таҳия мекунанд. Вайро ашхоси босалоҳият имзо менамоянд ва бо мӯҳри муассисоти марбут тасдиқ мегардад. Матни қарордодро метавон ба

бахшҳои асосӣ ва фаръӣ (ғайриасосӣ), бандҳои асосӣ ва фаръӣ ва сарсатрҳо қисмат кард. Ҳар бахши қарордод бояд шуморагузорӣ шавад.

**Намуна:**

## Қарордоди меҳнатӣ

«___»_______с.2011 № ___ ш.Душанбе

Корхона (ташкилот)____________________________________________

(ном)

дар шахси директор____________________________________________

(вазифа, ном, номи падар)

ки минбаъд «Корхона» номида мешавад ва________________________

(ном, номи падар)

ки минбаъд «Корманд» номида мешавад, қарордоди мазкурро дар ин бора имзо намуданд:

1. Корманд______________________________________________
   (ном, номи падар)
   ба кор ба______________________________________________
   (номи шӯъбаи корхона, ташкилот)
   аз рӯи вазифаи__________________________________________
   (номи пурраи ихтисос, вазифа)
   бо (ихтисоси)___________________________________________
   (дараҷаи ихтисос)
   қабул карда мешавад.

2. Қарордод ба ҳисоб меравад:
   шартномаи кори асосӣ
   шартномаи кори иловагӣ

3. Намуди қарордод:
   ба муддати номуайян (бемӯҳлат)
   ба муддати муайян аз «___»_______то «____»___________2012
   (сабаби имзо намудани қарордоди таъҷилӣ)

ба муддати иҷрои кори муайян_____________________________________

(кадом кор)

4. Мӯҳлати эътибори қарордод:
   оғози кор______________________________________________
   анҷоми кор____________________________________________

5. Мӯҳлати иҷро намудан:
   а) бесанҷиш
   б) ______________________________________________________
   (давомнокии мӯҳлати санҷиш)

6. Корманд бояд вазифаҳои зеринро иҷро намояд:
______________________________________________________
(тавсифҳои асосии кор ва талабот
______________________________________________________
Нисбати сатҳи иҷрои кор нишон дода мешавад)

7. Корхона вазифадор аст, ки Кормандро бо кор таъмин намояд, барои меҳнати бехавф ва самаранок шароит фароҳам орад, ҷои кориро мувофиқи қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ҷиҳозонад, музди меҳнат дар қарордод муқаррар шударо дар вақташ диҳад.
______________________________________________________
(чорабиниҳои мушаххаси ташкили раванди истеҳсолот,
______________________________________________________
Ҷиҳозонидани ҷои корӣ ва фароҳам оардани шароитҳои
______________________________________________________
Дигари меҳнат нишон дода мешаванд)

8. Ӯҳдадориҳои Корхона оиди таъмин намудани шароитҳои кор дар ҷои корӣ
______________________________________________________
(бо нишон додани тавсифҳои имконпазир,
______________________________________________________
Ҷубронпулиҳо ва имтиёзҳо ба корманд)

9. Хусусиятҳои низоми вақти корӣ:
   рӯзи кори нопурра________________________________________
   ҳафтаи кори пурра________________________________________
   кори соатбайъ___________________________________________

10. Ба корманд маош аз рӯи вазифа муқаррар карда мешавад. (ставкаи тарифӣ)_____сомонӣ ва ё барои як соат кор: муздҳои иловагӣ (иловапулӣ ва муздҳои дигар) ҷамъ ҷубронпулӣ______сомонӣ дар як моҳ.

11. Ба корманд рухсатии ҳарсола, ки давомнокиаш рухсати асосӣ 24 рӯзҳои тақвимӣ мебошад, рухсати иловагӣ нест, рӯзҳои тақвимӣ бошад, муқаррар карда мешавад.

1. Шартҳои дигари қарордод, ки бо хусусияти меҳнат вобастаанд
2. Суроғаи ҳуқуқӣ ва имзои тарафҳо:

«Корхона» «Корманд»

Директори муассисаи ному насаб

______________________

(ному насаб)

---

(маълумоти шиноснома)

Имзо ва мӯҳр

Мудири шӯъбаи кадрҳо ному насаб.

**Супориши 1. Ҳамчун директори корхонаи хусусӣ бо мутахассисе, ки бо шумо ҳамкорӣ кардан мехоҳад, шартномаи меҳнатӣ бандед.**

**Супориши 2. Маъмултарин намуди қарордод кадом аст ва он дар байни кӣ баста мешавад, шарҳу эзоҳ диҳед.**

**Супориши 3. Мисраъҳои зеринро нависед ва онро аз назм ба наср баргардонед.**

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.
Бузургон накарданд парвои мол,
Ки амволро ҳаст рӯ ба завол.
Инон сӯи илму адаб тофтанд,
Ки номи накӯ аз адаб ёфтанд!
(Фирдавсӣ)

**Супориши 4. Матни зеринро хонед ва калимаҳое, ки сиёҳ карда шудааст, маънидод карда таркибашонро кушоед:**

Нӯшервон рӯзе дар роҳе мерафт, деҳқони солхурдаеро дид, ки дарахти ҷавзбун (чормағз) мешинонд. Подшоҳ ба он пир гуфт? – Магар ту аз илми деҳқонӣ ва зироат хабар надорӣ, ки дар ин синну сол ниҳоли ҷавзбун мешинонӣ? Оё ту нашунидаӣ, ки дарахти ҷавзбун дар 30 сол ҳосил медиҳад? Ту, ки пир шудаӣ, аз ин дарахт чӣ бар хоҳӣ хӯрд?

Деҳқони пирсол ҷавоб дод: - Шоҳо! Дигарон дарахт нишонданд, мо бари вайро хӯрдем, мо низ дарахтон нишонем, то дигарон барии онҳоро хӯранд!

Ин сухан ба Нӯшервон хуш омад ва гуфт: **Зиҳӣ!** Офарин!

Одат ин буд, ки ҳар гоҳ Нӯшервон касеро бо калимаи «зиҳӣ» таҳсин кунад, хазинадораш ба он кас ашрафӣ (тилло) инъом медод.

Пири **донозамир,** баъд аз гирифтани он инъом, хандон шуда, ба Нӯшервон гуфт:

Шумо гуфтед, ки ин дарахт баъди сӣ сол бар хоҳад дод. Ва ҳол он ки ин дарахт ҳамин замон ҳосил дод!

Нӯшервон хурсанд шуд ва гуфт: - **Зиҳӣ!** Хазинадор ба пир боз ҳазор тилло дод ва ба шоҳ гуфт: - Зудтар аспро аз ин ҷо биронед, ки ин пир хазинаи моро холӣ хоҳад кард.

(«Бадоеъ-улвақоеъ»-и Восифӣ

**Супориши 5. Калимаву истилоҳоти душворфаҳми матнро ҷудо намуда, онҳоро шарҳ диҳед ва дар дафтаратон нависед**

Дар аввал лулаҳои матоъҳоро дар ғункунандаи механикӣ 1 ҷойгир мекунанд. Асбоби лулакушо 2 дорои ду навардча аст. Лула дар болои ин онҳо озод мехобад. Дар сатҳи навардҳо раххои печдор мавҷуданд, бинобар ин матоъ аз лула кушода шуда, дар як вақт бараш рост карда мешавад. Сипас охирҳои порчаҳои матоъ ба воситаи мошини дӯзандагӣ пайваст карда мешаванд ва он ба мошини тозакунандаю тарошанда 4 мегузарад. Баъди он се мошинӣ 5 барои сараву сақаткунӣ ва бақайдгирӣ ҷойгиранд. Дар мошини аввал дарозии пурраи матоъ, ки дар давоми як басти корӣ истеҳсол гаштааст, муайян карда мешавад. Дар мошинҳои дуюму сеюм назорати сифат иҷро карда мешавад. Дар яке аз ин мошинҳо

порчаҳои тоқ ва дар дигараш – порчаҳои ҷуфти матоъро аз назар мегузаронанд. Пеш аз ворид гаштан ба мошинҳои гуногун матоъ дар ҷубронкунакҳои 3 захира карда мешавад. Ва дар ниҳоят матоъ аз мошини таҳкунанда 5 мегузарад.




Расми 115. Нақшаи ҷойгиршавии таҷҳизот дар хати муттасили агрегатӣ

**Супориши 6. Калимаҳои мураккаби зеринро муайян карда нависед ва таркибашонро кушоед:**

Ноқисӣ
Майлкунӣ
Масолеҳ
Андоза
Майлкунии равоӣ
Маҳсулот
Ҳудудҳои таъиншуда
Иллатнокии нораво
Ислоҳшаванда
Коркарди такрор

**Супориши 7**

**а) муайян намудани сатҳи омодагии касбии донишҷӯ дар раванди кор бо матнҳои ихтисос**

**б) то чи андоза донишҷӯ бо истилоҳоти соҳавӣ шинос мебошад**

**в) барои дуруст шарҳу эзоҳ додан холи иловагӣ дода мешавад**

**Намуна:**

Аз фарзияи шаъриву полоишӣ хулоса бароварда, ҳодисаи таровиши баръаксро чунин ифода кардан мумкин аст: дар сатҳ ва дохили шаърҳои намипазири пардаи нимгузар, қабати оби ҳамбаст ба вуҷуд меояд. Ионҳои намак дар маҳлул ҳангоми ҳаракати гармивии худ обро аз сатҳи пардаҳо дошта гирифта, ҷилди обҷабро ба вуҷуд меоранд ва ҳамин тавр онро нигоҳ медоранд. Камшавии дараҷаи дороияти об дар сатҳи пардаи ба маҳлул нигаронидашуда, бо оби тозаи тавассути парда гузаранда, ғаромат карда мешавад. Чунин гузариш то он даме, ба амал меояд, ки қувваҳои вобастаи ҷозибаи молекулаҳои об ба ионҳо бо қувваҳои фишори ҳидростатикӣ аз тарафи маҳлул ба мувозинат наоянд.

**Супориши 8. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро дар барномаи компютерӣ ҳуруфчинӣ намоед:**

1. **Ваниль** - [фр. vermice исп. Vainila «маленький стручок», лат. vagina] – род тропических растений, плоды некоторых видов которого содержат ванилин.

- **Ванил**) - [калимаи фаронсавӣ vermice,калимаи испанӣ vainila, донаи хурд, калимаи лотинӣ vagina] –(оилаи растании тропикӣ мебошад ва меваҳояш дар таркибашон ванилин доранд.

2. **Вариации –** [лат. варианс] – в вин

- **Вариации** – [калимаи лотинӣ варианс] – дар машрубот

3. **Вермишель** – [итал. 81ermicelli, vermicelli «червячок»; vermiculus «червячок» vermis «червь»] – сорт макаронных изделий, очень тонкая, круглая лапша.

- **Вермишел**- риштафаранг [калимаи итолиявӣ vermicelli, vermicelli «кирмак», vermiculus «кирмак», vermis кирм]-наъви маҳсулоти макарони бисёр борик ё хамираи буридаи гирди хушккарда.

4. **Вибратор -** [лат. vibrare колебать, качать; дрожать] – совершающая колебательные движения часть прибора или аппарата

- **Вибратор** – [калимаи лотинӣ vibrare ларзиш) ҷисме, ки қобили ларзиш аст 2) асбобе, ки ларзиш ба вуҷуд меоварад

5. **Винегрет -** [фр. vinaigrette, vinaigre уксус] – 1) холодное кушанье из смеси изрезанных на кусочки овощей, мяса, рыбы и т.п. приправленное уксусом растительным маслом и прочим.

- **Винегрет (хӯриш)** – (калимаи фаронсавӣ Vinaigrette.vinaigre сирко - 1) нӯшокии хунук аз омезиш ба порчаҳо буридашудаи сабзавотҳо, гӯшт, моҳӣ ва монанди инҳо сирко кардашуда дар равғани растанӣ ва монанди ин

6. **Винная кислота** (COOH-CHOH-CHOH-COOH) – бесцветные кристаллы, легко растворимые в воде и спирте.

- **Тезоби шароб**(COOH-CHOH-CHOH-COOH) – кристаллҳои беранге, ки дар об ва спирт осон ҳал мешаванд

7. **Вино виноградное** – напиток, получаемый при спиртовом брожении виноградного сока (с мезгой или без нее)

- **Шароби ангур** – нӯшокӣ, ҳангоми ҷӯшидани шарбати ангур (бо кунҷора ё бе он) ҳосилшаванда

8. **Виноградарство** – отрасль сельского хозяйства , возделывание растений из семейства Виноградовые с целью получения плодов винограда для потребления в свежем виде и для переработки в различные безалкогольные (виноградный сок, уваренное сусло, варенье, компот, маринады, кишмиш и изюм) и алкогольные продукты (вина, шампанское, коньяк, спирт и др); наука, прикладная дисциплина, разрабатывающая на основе изучения биологии виноградного растения принципы и приемы получения высоких урожаев винограда хорошего качества

- **Ангурпарварӣ** – соҳаи шохаи хоҷагии қишлоқ, рӯёнидани растанӣ аз оилаи ангурпарварӣ бо мақсади қабулкунии пурсамари ангур барои истифодабарӣ дар машрубот ва маҳсулоти спиртӣ ( шарбати ангур, мураббо, нӯшокӣ, кишмиш ва мавиз) ва маҳсулоти алкоголӣ ( шароб, шампан, коняк, спирт ва ғ.); илми амалӣ, ки дар асоси омӯзиши биологии растании ангури сифати беҳтарин коркардро ба даст меорад

9. **Виноградник** – земельный массив на котором выращивается виноград

- **Замини ангурпарварӣ (виноградник)** - замини токзор, ки дар он фақат ангур парвариш карда мешавад

10. **Виноградный сок** – пищевой и диетический напиток, отжатый из свежего винограда, не подвергающийся брожению.

- **Афшураи ангур** - нӯшокии парҳезии соҳаи хӯрокворӣ, ки аз фишурдаи ангури тару тозаи туршнашуда

**Супориши 9. Маънои калимаҳои зеринро шарҳ диҳед ва бо ин калимаҳо ҷумлаҳои содаи хуллас тартиб диҳед:**

Даврзанӣ, муштакҳо, гулабанд, равонкунанда, техникӣ, истеҳсолот, нассоҷӣ, таҷҳизот, дастгоҳ, истеҳсолот, гидравликӣ, пудгузаронак, навъ, асбоб, назорат, танзим, ҳосилнокӣ, масъала, саноатӣ, самт.

## ДАРСИ 38

## ҚАРОРДОДИ МЕҲНАТИИ ТАРАФАЙН ВА ШАРТҲОИ БАСТАНИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Қарордоди меҳнатии тарафайн**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Намуна:**

**Қарордоди масъулияти моддии фардӣ**

Тибқи Дастурамали масъулияти моддии коргарон ва кормандон қарордоди хаттӣ роҷеъ ба масъулияти моддӣ миёни корхонаҳо, муассисот ва созмонҳо, ҳамчунин шахсони аз 18-сола боло, баста мешавад (агар вазифа ё корашон бевосита ба ҳифз, таҳия, фурӯш, таҳвил, ҳамлу нақл ё истифодаи мол вобаста бошад ва ин вазифаю корҳо дар феҳристи махсусе, ки тибқи тартиби муқаррар тасдиқ шудааст, дар назар гирифта шуда бошад).

Барои таъмини ҳифзи амволи___________________________________

(номи муассиса, корхона, созмон)

Дар миёни вай ба намояндагии_____________________________________

(сардор ё муовини сардори корхона, муассиса, созмон)

ки дар ин қарордод «маъмурият» номида мешавад ва корманди_______

(коргоҳ, шӯъба, бахш, анбор)

___________________________________________________________________ ки дар ин қарордод «корманд» номида меншавад, қарордод тахти шароити зайл басту мешавад:

1. Корманд вазифаи______________________________________________
(номи вазифа)

Ба ӯҳда дорад ё кори________________ро иҷро менамояд.

Фаъолияти кори вай дар муассиса ба_________________________________

_____________________________________марбут аст.

(ҳифз, таҳия, фурӯш, таҳвил)

Номбурда ба амволе, ки корхона ба дӯшаш гузоштааст, комилан масъул мебошад. Бинобар ин вазифадор аст:

а) Ба сарватҳои моддии корхона, муассиса, созмон, ки ҳифз ва вазифаҳои дигар ба зиммааш гузошта шудааст, бархӯрди сарфаҷӯёна намояд ва барои аз зарар пешгирӣ намудани ин мавол тадбирҳои амалӣ меандешад.

б) Роҷеъ ба тамоми ҳолатҳое, ки таъмини ҳифзи сарватҳои мавҷуд дар ихтиёрашро ба хатар меандозанд, ба маъмурияти корхона, муассиса, созмон сари вақт хабар диҳад.

в) Сарватҳои моддиеро, ки ба зиммааш гузоштаанд, ба ҳисоб гирад, дар бораи дахлу харҷ ва бақияи онҳо мутобиқи қоидаи маъмул гузориш таҳия намояд.

г) Вақти ҳисобрасии сарватҳое, ки дар ихтиёраш мебошанд, ширкат намояд.

2. Маъмурият вазифадор аст:

а) Ба корманд тамоми шароити зарурии корро фароҳам оварда, ҳифзи пурраи сарватҳои моддиеро, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд, таъмин намояд.

б) Кормандро бо қонунҳои мавҷудаи масъулияти моддии коргарону кормандон, ҳамчунин бо дастурамалҳо, меъёрҳо, қоидаҳои ҳифз, қабул, таҳия, тиҷорат, интиқол, ҳамлу нақли амволе, ки ба ихтиёраш супурда шудааст, шинос намояд.

в) Дар сурате, ки корманд ҳифзи сарватҳои моддиеро, ки дар ихтиёраш ҳастунд, таъмин карда наметавонад, товони зарари ба корхона,

муассиса, созмон расида, тибқи қонуни мавҷуда аз вай ситонида мешавад.

Ин қарордод то вақте ки сарватҳои моддии корхона, муассиса, созмон ба зиммаи корманд қарор ддорад, эътибор дорад.

4.Дар сурате, ки корманд сабабгори зарар набошад, масъулияти моддиро ба ӯҳда нахоҳад дошт.

5. Қарордод дар ду нусха таҳия гардидааст. Нусхаи аввал назди маъмурият ва нусхаи дуввум назди корманд аст.

Нишонии тарафайн: имзои тарафайн:

Маъмурият____________________ Маъмурият______________________

Корманд______________________ Корманд________________________

Таърихи бастани қарордод

Мӯҳр

**Супориши 1. Муддати эътибори қарордоди меҳнатӣ чанд вақт мебошад ва ӯҳдадории тарафҳо чӣ гуна аст, муайян кунед.**

**Супориши 2. Ҷузъҳои асосии қарордод кадомҳоянд, номбар кунед.**

**Супориши 3. Шартҳои дигари қарордод, ки бо хусусияти меҳнат вобастаанд, кадомҳоянд номбар кунед.**

**Супориши 4. Намунаи шартномаи байни донишгоҳ ва донишҷӯро дар компютер ҳуруфчинӣ намуда, шартҳои асосии онро номбар кунед.**

**Супориши 5. Дар мавзӯи «Танзимгари ресмонҳои тор дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо» ҷумлаҳо тартиб диҳед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед:**

Ин дастгоҳҳо низ, дар навбати худ, ба намудҳо тақсим мешаванд. Масалан, вобаста ба намуди рапираҳо дастгоҳҳои зерин мавҷуданд:

- дорои рапираҳои сахт;
- дорои рапираҳои қаиш;
- дорои пневморапираҳо;

Дар дастгоҳи дорои сӯзанҳои пудгузарону бофанда матои бофтаю кешбофигашта истеҳсол карда мешавад. 3/4 ҳиссаи масоҳати онро боҳампечии бофандагӣ ташкил медиҳад, масоҳати боқимондаро ҳалқаҳои бо усули кешбофӣ ҳосилшуда пур мекунанд.

Дастгоҳҳои муосири бемоку бо суръати 360…1000 гардиш / дақ кор карда, дар давоми 10…15 сол хизмат мекунанд. Эътимоднокии онҳо баланд буда, мӯҳлати истифодаи дастгоҳҳо то азкормонӣ (вайроншавӣ) 500…800 соатро ташкил мекунад.




Расми 8. Нақшаҳои матоъбофӣ дар дастгоҳҳои мокудор (а), дорои пудгузаронакҳо (б), пневматикию гидравликӣ (в) ва бисёрбод (г)

**Супориши 6. Калимаву ибораҳои зеринро нависед ва тарзи дурусти онҳоро барқарор кунед:**

Дастгоҳо, тарзи матобарори, гууҳ, бефосилаи бисёрмазеъ, истесоли мато, фосилави, чараёнҳойи алоҳида, технологи, расмони пуд, боди умуми, саради матоъ, кисми бештари дастго, дастгоҳои фосилави, гардиши наваррд, амалиётои дигар, бодкушоию пудгузаронӣ.

**Супориши 7**

**а) гузаронидани бозии расмии «Кӣ ғолиби ҷойи аввал?»**

**б) ба забондонӣ ва маърифати сухан вобастагӣ дорад**

**в) чемпионати «Кӣ аввал?» эълон карда мешавад**

**Намуна:**

Ибораҳои фразеологиро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки калимаҳои таркиби онҳо ба мазмуни яклухти онҳо чӣ гуна муносибат доранд?

1. Дер ояду шер ояд.
2. Давидани гусола то каҳдон.
3. Панҷ ангуштро якбора ба даҳон андохтан.
4. Дар пучоқи писта ҷой кардан
5. Обро пуф карда хӯрдан

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро нависед ва онҳоро азбар намоед:**

1. **Лососевая рыба - озодмоҳӣ**
2. **Метал - фулуз**
3. **Малоупругая - камчандир**
4. **Мед нату ральный - асали табиӣ**
5. **Менеральные вода - оби маъданӣ**
6. **Металлические бочки - бушкаҳои фулузӣ**
7. **Менеральные вещества - моддаҳои маъданӣ**
8. **Масса - вазн**
9. **Молоко сгущенное с сахаром - ширқиём бо қанд**

## ДАРСИ 39

## ТАЪЙИДНОМА (АКТ) ВА ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Таъйиднома ва талаботҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Таъйиднома санадест,** ки ҳодиса ё амали воқеъшударо тасдиқ менамояд. Ин санадро ба хотири ба таври айнӣ сабт намудани воқеа ё амал чанд нафар таҳия ва имзо менамоянд. Аммо намояндаи махсуси босалоҳият (масалан бозрас) метавонад ба танҳоӣ онро таҳия намояд.

**Таъйиднома** ҳангоми бозрасии масъалаҳои мухталиф озмоиши маҳсулоти нав ва ихтироот, қабули таъсисот (биноҳо) барои баҳрабардорӣ, аз байн бурдани санадҳо ва ҳоказо тартиб дода мешавад.

**Дар таъйиднома** на танҳо фаъолияти муассиса (созмон) сабт мегардад, балки дар мавридҳои лозим хулоса ва пешниҳодот низ зикр мешавад. Баъди таҳияи вай комиссия (ё шахси таҳиякунанда) мақомоти манфиатдорро бо мазмуни он ошно менамояд. Шумораи нусхаҳои таъйиднома тибқи зарурат хоҳад буд. Маъмурияти муассиса (созмон) метавонад бар асоси таъйиднома дастур ё фармон содир намояд.

**Намуна:**

**Таъйидномаи**

бозрасии хазинаи китобхонаи Фирдавсӣ

шаҳри Душанбе 26 сентябри 2011

Дар асоси фармони мудири китобхона, ки таҳти № 45 ба таърихи 24 сентябри соли 2011 содир гардидааст, комиссия иборат аз сарҳисобдорон Диловаров Хуршед ва аъзо ҳисобдорон Бобоева Фарида ва Рашидова Нигина хазинаи китобхонаи Фирдавсиро бозрасӣ намуд. Бозрасӣ дар ҳузури хазинадори китобхона Саидова Салима сурат гирифт.

Дар натиҷаи бозрасӣ маълум гардид:

1. Бақияи пули нақд дар хазина 24 ҳазору 50 дирам мебошад.
2. Бақияи пул тибқи дафтари ҳисоби хазина 24 ҳазору 50 дирам мебошад.

Тартиби пур кардани дафтари ҳисоби хазина ва нигаҳдории пул мутобиқи Низомномаи идораи амалкарди хазиаи муассисаҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятист.

Комиссияи бозрасии хазина:

| | | |
|---|---|---|
| Раис | ному насаб | имзо |
| Аъзои комиссия | ному насаб | имзо |
| Хазинадор | ному насаб | имзо |

**Супориши 1. Шуморо ба вазифаи ҳисобчии корхона ба кор қабул намуданд. Ба шумо лозим аст, ки таъйиднома тартиб дода, молу ҳуҷҷатҳои лозимиро қабул намоед.**

**Супориши 2. Таъйиднома чӣ гуна санад мебошад ва ба хотири чӣ тартиб дода мешавад шарҳу эзоҳ диҳед.**

**Супориши 3. Шуморо мудири китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин намуданд. Барои қабул намудани молу амволи онҷо чӣ гуна таъйиднома тартиб медиҳед?**

**Супориши 4. Мисраъҳои зеринро хонед ва маънидод кунед**

Мафрӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,
Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун.
Лоҳутӣ

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ, то тавонӣ макор.
Фирдавсӣ

Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,
Кунал ошкоро бар-ӯ бар ниҳон.
Гар ӯ бифканад фару номи падар,
Ту бегона хонаш махонаш писар.
Агар гум кунад роҳи омӯзгор,
Сазад к-ӯ ҷафо бинад аз рӯзгор.
Фирдавсӣ

**Супориши 5. Қисмҳои нақшаи механизми мазкурро аз китоби «Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти бофандагӣ» дарёфт намоед**

Дар дастгоҳи дорои пневморапираҳо низ чунин механизми бодкушо истифода мешавад. Тартиби интихобкунии муштакҳои гулабандбардорро барои бофти матои боҳампечиаш дода шуда дида мебароем. Шумораи муштакҳои зарурӣ Шм ба раппорти боҳампечӣ ба самти ресмонҳои тор Рт баробар аст: Шм = Рт = 6.

Азбаски раппорти пуд Рп = 8 аст, пас дар муддати 1 даври пурраи муштакҳо наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ бояд 8 маротиба давр занад. Сатҳи ҳар як муштакро ба 8 қисм тақсим кардан лозим аст. Сипас тартиби бардошта шудан ва ё поён фаромадани гулабандҳоро дар қартаҳо назорат намуда, шакли ҳар як муштакро муайян менамоем ва барои ҳар як қисмати муштакҳои мувофиқ радиусҳои калон ва ё хурди онҳоро бо хати ғафс нишон медиҳем. Радиуси калон дар сурате интихоб мегардад, ки зарурати боло бардоштани гулабанд пеш ояд. Дар зери нақшаи ҳосилшуда шакли ниҳоии муштакҳоро нишон медиҳем.

Чи тавре ки бармеояд, барои бофти чунин матоъ се намуд муштак (аз ҳар кадом ду донагӣ) заруранд: 2+2+2+2+2, 4+4 ва 1+1+1+1+1+1+1+1.



Расми 41. Интихобкунии муштакҳои гулабандбардор

**Супориши 6. Аз истилоҳоти тахассусии зерин ҷумлаҳои сода тартиб диҳед:**

Механизми бодкушо
Муштакии дастгоҳ
Пневматикӣ
Мавқеи ҷойгиршавӣ
Қобилияти идораи ҳаракат
Гулабанд
Алоқаи байни муштакҳо
Ҳаракати гулабанд
Навард
Гардиши пурра

**Супориши 7**

**а) муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**б) мақсади асосӣ - фаъолгардонии забондонӣ**

**в) маданияти баҳсро омӯхтани донишҷӯ**

**Намуна:**

1. Чӣ бояд кард, ки сатҳи суханронӣ ва умуман маданияти ҷавонони имрӯза баланд бардошта шавад?
2. Зери таъбири «Як сухан гуфтан 365 паҳлӯ дорад»-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Барои мутахассиси хуб шудан дар оянда пеш аз ҳама чӣ корҳоро бояд ба анҷом расонид?

**Супориши 8**. **Луғати истилоҳоти соҳавиро ҳуруфчинӣ намоед**

| | | |
|---|---|---|
| **1. Газировать** | – | **Газнок кардан** |
| **2. Газировка** | – | **Газоб, оби газнок** |
| **3. Газоанализатор** | – | **Газтаҳлилкунак** |
| **4. Газон** | – | **Сабзазор, чаман** |
| **5. Галета** | – | **Фатиркулча** |
| **6. Гусь** | - | **Қоз** |
| **7. Гарантийный срок** | – | **Мӯҳлати кафолат** |
| **8. Гарантированный** | – | **Таъмин кардашуда** |

**9. Груша – Мурӯд, нок,ношпотӣ**
10.**Гарантировать – Замонат додан**

## ДАРСИ 40

## КАФОЛАТНОМА (ГАРАНТИЙНОЕ ПИСЬМО) ВА АҲАМИЯТИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Кафолатнома**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Кафолатнома санадест**, ки тавассути он мақоми расмии созмон ё муассиса аз мақоми расмии созмон ё муассиса дигар иҷрои хадамотеро дархост намуда, пардохти вайро кафолат медиҳад.

**Намуна:**

**Кафолатнома**

Эйҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ____________________________

______________________________(мавзӯи дархост) __________________

кафолат медиҳем, ки маблағро аз суратҳисоби №___ шӯъбаи бонки _______________________________________________________ мепардозем.

Бо сипоси қаблӣ

Раис номи муассисаи дархосткунанда имзо

Сарҳисобдор ному насаб имзо

Мӯҳри гирд

**Супориши 1. Намунаи кафолатномаро дар заминаи бозпардохти қарз тартиб диҳед.**

**Супориши 2. Кафолатнома чӣ гуна санад мебошад ва дар кадом мавридҳо истифода мешавад, шарҳ диҳед.**

**Супориши 3. Шумо роҳбари корхонаи истеҳсолии бофандагӣ ҳастед. Намунаи кафолатномаи пардохти қарзро тартиб диҳед.**

**Супориши 4. Ҷумлаҳоро хонед ва ба маънои он аҳамият диҳед**

Рӯзе як ҷавон аз субҳ то шом кор карда, як танга музди меҳнат гирифт. Аз хурсандӣ намедонист, ки пулро ба куҷо монад.

- Канӣ, тангаатро як бинам, - гуфт падараш ва пулро ба дасташ гирифту ба алови баланди оташдон партофтагӣ барин шуд.

Ҷавон худро ба оташдон зада тангаро гирифтан хост. Падар ҳамон замон ӯро боздошт: - Ҳай – ҳай, исто. Ман ба оташдон сангча ҳаво додам, мана пулат, - гӯён ҳамон лаҳза тангаро ба ӯ гардонида доду бо табассум илова кард:

- Ана дидӣ, пули бо арақи ҷабин ёфта ҳамеша азиз ва бақадр мешавад. Як умр фақат бо ҳамин роҳ пул ёфтанро ёд гир, бачам.

(Аз «Машъал»)

**Супориши 5. Матнро хонед ва қисмҳои асосии дастгоҳи зеринро дар хотир гиред**

Механизми гулабандбардор сохти зеринро дорад. Ду гирдаи дандонадор 3, 4 ба самтҳои муқобил давр мезананд. Ин гирдаҳо танҳо дар нисфи сатҳи худ дандонаҳо доранд. Дар байни гирдаҳо чархҳои дандонадори 2 ҷойгир ҳастанд, ки тири даврзании онҳо дар фашангҳои 1 мавқеъ доранд. Ин чархҳои дандонадор ба воситаи кашакҳои 5 бо фашангҳои 6 ва сипас ба воситаи канабҳои 7, 8 бо гулабандҳои 11 дар алоқаанд. Барои бо гирдаҳои болою поён озодона васл гаштану худо шудан, дар як тарафи чархи дандонадор як дандон ва дар тарафи муқобил ду дандон вуҷуд надоранд. Ҳангоми давр задани чархи дандонадор ангушти фашанги 1 қад-қади коми дар чархи 2 мавҷуд буда, ҳаракат мекунад. Вақте, ки чархи 2 бо гирдаи болоии 3 пайваст мешавад,

чарх ба самти ақрабаки соат $180^0$ давр мезанад. Чун натиҷа кашаки 5 ба тарафи рост ҳаракат мекунад ва гулабанди мувофиқ бардошта мешавад.




Расми 43. Нақшаи механизми бодкушои кареткавии РКО-12

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусиро ба забони русӣ тарҷума кунед**

Чарх бо гирдаи поёнӣ
Гирда
Ба муқобили самт
Ақрабаки соат
Кашак
Гулабанд
Гирдаи болоӣ
Сохти механизм
Занҷири беохир
Чархи дандонадор

**Супориши 7**

**а) муаррифии дониши касбӣ ба забони тоҷикӣ**

**б) мақсади асосӣ – забондонӣ**

**в) дар бораи ихтисос ва мавзӯи муайян гузориш додан**

**Намуна:**

1. «Тоҷикистон дар арсаи олам»
2. «Мероси адабии Турсунзода»
3. «Забон оинаи фарҳанги халқ аст»

**Супориши 8. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳавиро нависед аз онҳо ҷумла тартиб диҳед**

1. **Вирус -** [лат. virus яд] мед. возбудитель инфекционной болезни; вирус фильтрующийся - название таких возбудителей заразных болезней, которые столь малы, что недоступны исследованию через микроскоп и проходят через поры бактериальных фильтров

**- Вирус** – [калимаи лотинӣ Virus заҳр] - хурдтарин микробҳои касалиҳои сирояткунанда, барангезандаи сирояткунандаи бeморӣ, вируси тарованда – номи чунин барангезандаи бeмориҳои сироятӣ

2. **Витацее** – обширное ботаническое семейство (Vitaceae Lind) к которому относится культурный виноград Лианы, прикрепляющийся к опоре с помощью усиков, прямостяочие кусты или низкие деревья

- **Витацее** – оилаи васеи ботаникӣ Vitaceae Lind) ба парвариши ангур вобастагӣ дорад, барои мустаҳкам намудани сутунҳо ё ин ки барои дарахтҳои паст истифода бурда мешавад

3. **Виски -** [англ. whisky < кельт. uisge вода] – водка в Англии и США из ячменного солода

- **Нӯшокии спиртӣ (виски)** – [калимаи англисӣ whisky - uisge об - арақ, нӯшокии спиртӣ – дар Англия ва ИМА аз сумалаки ҷавӣ истеҳсол мешавад

4. **Вискоза -** [лат. viscosus клейкий] – вязкая масса, получаемая из древесной целлюлозы при обработке ее сероуглеродом и едким натром; применяется для изготовления искусственного шелка, шерсти, пленок и др.

- **Вискоза** – [калимаи лотинӣ Viscosus] – моддаи часпак, ки аз хамираи чуб барои истеҳсоли нахи сунъӣ мегиранд ва барои тайёр намудани шоҳии сунъӣ ва лавҳачаҳо истифода мебаранд

5. **Вискозиметр -** [лат. viscosus + metreo мерю] – прибор для опредления вязкости жидкостей

- **Вискозиметр** – [калимаи лотинӣ viscosus + metreo ченкунӣ] – асбоби махсус барои аниқ кардани тунукӣ ё ин ки ғафсии моеъ мебошад

6. **Виноградохранилище** – помещения, специально выстроенные или приспособленные для хранения винограда

**- Анбори нигоҳдории ангур** – бино, ҷойи махсус барои нигоҳ доштани ангур

7. **Виноделие** – приготовление вина из винограда путем алкогольного брожения

- **Шаробпазӣ** – тайёр намудани нӯшокии алкоголӣ аз ангур

8. **Витамины -** [лат. vita жизнь + амины] – органические вещества, необходимые для нормальной жизнедеятельности животного и человеческого организма; попадают в организм в ничтожных количествах с пищей, отсутствие в пище одного или нескольких из этих веществ вызывает значительные расстройства роста, питания тканей, обмена веществ и другие нарушения жизнедеятельности, приводящие иногда к смерти

- **Витаминҳо** – [калимаи лотинӣ vita ҳаёт + амины] – моддаҳои органикӣ барои саломатии организми ҳайвонҳо ва инсонҳо мебошад. Онҳо ба воситаи хӯрокаҳо ба организм ворид шуда, дар вақти нарасидани яке аз витаминҳо организм инкишоф намеёбад ва инкишофи бофтаҳо, мубодилаи моддаҳо ва норасоии дигар узвҳоро ба миён меорад, ки оқибат ба марг оварда мерасонад

9. **Гидрид** – [гр. Hudor «вода»] – сочетание водорода с другими элементами.

- **Гидрид**- [калимаи юнонӣ hudor «об»]-пайвастагиҳои ҳидрогении элементҳо (унсурҳо).

10. **Габарит** - [фр. Gabarit; прованс. Gabarrit «модель»; garbi «приготовление»] – предельный размер внешнего очертания предмета.

**- Андоза (габарит)** - [калимаи фаронсавӣ Gabarit Gabarit «модель» garbi «тайёр кардан» - андоза, ҳаҷм. Масалан масофаи байни роҳи оҳан ва иморатҳои назди он

## ДАРСИ 41

## САФАРИЯ (КОМАНДИРОВОЧНОЕ УДОСТВОРЕНИЕ) ВА САБАБҲОИ БА КОРГАР ДОДАНИ ОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Сафария ва қисматҳои он**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан**

**Сафария санадест,** ки ба коргар ё корманд ҳангоми сафараш барои анҷоми вазифае ба муассисаи дигар дода мешавад. Вай гувоҳномаест, ки коргар ё кормандро расман ба маъмурияти маҳалли мақсуд шинос менамояд.

**Дар сафария** зикри маҳалли мақсуд ва таърихи рафту омад ҳатмист.

**Намуна:**

**Сафария**

Номи муассиса

«___»________200__с.                    №___шаҳри Душанбе

____________________________________________________________

(вазифа, номи муассисае, ки сафария медиҳад)

ба____________________________________________________________

(ному насаби корманде, ки сафарист)

муддати сафараш «____» рӯз: аз «___»__________________200__с.

то «___»_______________200___с. мебошад.

Далел: Фармони №___ «___»__________________200__с. дар сурати пешниҳоди шиносномаи силсилаи ___№______________________________

Эътибор дорад.

Имзо

Мӯҳр

**Супориши 1. Барои ба сафари хизматӣ рафтан аризаи худро нависед.**

**Супоирши 2. Шумо Раиси кумитаи ҷавонони донишгоҳ ҳастед. Барои ба сафари хизматӣ рафтани кормандатон фармон содир намоед.**

**Супориши 3. Порчаи шеъриро қироат кунед.**

Тифл мондам аз ту модар рӯи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз модар кӯи ту дар ёд нест.
Рафтам аз занҳои пири деҳа кардам ҷустуҷӯ,
Рафта бо санги мазори ту намудам гуфтугӯ.
Гӯш кардам, рафта ҳар як ҷунбиши шохи дарахт,
Бо гиёҳу сабзаҳои дашт гаштам рӯ ба рӯ.

Мирзо Турсунзода

**Супориши 4. Доир ба калимаҳои соҳавии зерин: муқобил, самт, ҳаракат, ақрабак, гулабанд, кашак, сӯрохӣ, рамз ҷумлаҳо тартиб диҳед**

Барои муайян намудани зарурати сӯрохкунии катакҳои дар сатрҳои болоӣ ҷойгиршуда дар ибтидо тартиби гулабандбардории дар расми пуркунӣ овардашударо бо рамзҳо пур мекунанд. Агар гулабанд дар давоми вақти гузаронидани ду ва ё бештар ресмонҳои пуд дар як мавқеъ (хоҳ дар боло, хоҳ дар поён) нигоҳ дошта шавад (яъне ҳолатҳои бозистро доро бошад), дар ибтидои ин мавқеъро соҳиб шуданаш аломати «нуқта» мегузорем. Дар охири ин амалиёт, яъне пеш аз иваз шудани мавқеи гулабанд баъди бозист аломати «ҷамъ»-ро мондан зарур аст. Ҳолатҳое низ вуҷуд доранд, ки гулабанд мавқеашро бе бозист иваз мекунад, яъне пас аз гузаронидани ҳамагӣ як ресмони пуд аз боло ба поён ва ё баръакс ҳаракат мекунад. Дар чунин ҳолатҳо рамзҳои номбаршударо намемонанд.

Пас аз анҷом додани рамзгузорӣ тафтиши дурустии иҷрои онро мекунанд. Ҳангоми назорат намудани сатр ҳар як аломати «нуқта» бояд дар катаки пасоянд ва ё баъди якчанд катак бо аломати «плюс»-и бо ҳамин ранг иҷрогашта анҷом ёбад.



Расми 49. Омодасозии қартаи гулабандбардорӣ барои механизми бодкушои кареткавии СКР-14

**Супориши 5. Истилоҳоти зеринро ҳуруфчинӣ намоед**

Рамзгузорӣ

Тафтиши дуруст

Ҳангоми назорат

Катак

Сӯрохиҳо

Тартиби гулабандбардорӣ

Нақшаҳои сӯрохигузорӣ

Нақшаҳои ранга.

**Супориши 6**

**а) чемпионати тез ва бехато навиштани мукотиботи расмӣ**

**б) дар муддати то 10 дақиқа вобаста аз ихтисос мустақилона фармон, амр ва маълумотнома навиштан дар бораи корхона, ташкилот ва ғ.**

**в) мақсади асосӣ - расидан ба ҳадафи 2-юми рақобатпазиргардонии донишҷӯ**

**Намуна:**

**Кафолатнома**

Ҷамъияти маҳсулияташ маҳдуди «Фаровон» ба маълумоти Шумо мерасонад, ки барои аз корхонаи Шумо гирифтани сесад халта орди навъи олӣ зарурат дорад ва кафолат медиҳем, ки маблағро аз суратҳисоби № 61000056567768 шӯъбаи бонки Агроинвестбанк мепардозем.

Бо сипоси қаблӣ,

Раис номи муассисаи дархосткунанда имзо

(ному насаб)

Сарҳисобдор имзо

(ному насаб)

Мӯҳри гирд

**Супориши 7**. **Луғати истилоҳоти соҳаи хӯроквориро дар дафтаратон нависед ва азбар намоед**

1. **Масло сливочное - равгани зард**
2. **Масло растительное - равгани растанӣ**
3. **Мясорубка - гуштмайдакунак**
4. **Металлическая выемка - шаклбураки фулузӣ**
5. **Мякоть - маҳин**
6. **Манная крупа - таранҷабин**
7. **Мясные и рыбные продукты- маҳсулоти гуштӣ ва моҳигӣ**
8. **Мясной сок - шарбати гушт**
9. **Морской окунь - аломоҳии бахрӣ**
10. **Миндаль - бодом**

## ДАРСИ 42

## БАРҚИЯ (ТЕЛЕГРАММА) ВА МАВРИДҲОИ ИСТИФОДА ШУДАНИ ОН ТЕЛЕФОННИГОШТ

**Нақшаи дарс:**

1. **Барқия ва телефоннигошт**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**

## 3. Чемпионати тез ва бехато навиштан

**Барқия санадест**, ки тавассути телеграф фиристода мешавад. Вай дар сурате навишта мешавад, ки иҷрои кор фурсати камро тақозо намояд.

**Матни барқия** бояд мухтасар бошад. Дар он одатан пешояндҳо, ҷонишинҳо ва аломатҳои китобат зикр намешаванд.

**Намуна:**

**Барқия**

Душанбе, Рӯдақи 42, Кароматова Дилбар

Бисту ҳафтуми сентябр соати понздаҳ аз тариқи парвози шумораи саду шасту панҷ меоям. Пешвоз гир.

Кӯлоб, Восеъ 60, 27 сентябри 2011с.

### Телефоннигошт

**Телефоннигошт** хабарест, ки тавассути телефон расонда мешавад. **Телефоннигошт** асосан барои расонидани хабар ё дастури фаврӣ истифода мегардад. Матни телефоннигошт низ бояд чун матни барқия мухтасар бошад. Хоса дар гуфтугӯи телефоние, ки дар миёни шаҳрҳо сурат мегирад, мухтасаргӯй зарур аст. Зимни гуфтугӯи телефонӣ бояд калимаҳое, ки талаффузашон мушкил аст, ба кор бурда намешавад. Беҳтар аст, ки матн ҳиҷо ба ҳиҷо хонда шавад. Дар ин сурат нависанда метавонад матнро бидуни иштибоҳ нависад. Ихтисорҳоро набояд истифода кард. Агар нависанда калимаро нафаҳмад, пас онро бояд ҳарф ба ҳарф талаффуз намуд.

**Намуна:**

**Телефоннигошти № 20**

20 сентябри 2011

Аз Шӯъбаи маорифи шаҳри Кулоб ба мудири қисми таълимии мактаби миёнаи № 12

21 сентябр соати 10-и субҳ дар бинои Шӯъбаи маорифи шаҳр семинари муаллимони забон ва адабиёти тоҷик баргузор мегардад. Хоҳишмандам, муаллимони ин фанҳоро ба семинар фиристонед.

Мудири маорифи шаҳр имзо ному насаб

Телефоннигоштро мудири кабинет Зарина Юлдошева гирифт.

Телефон 2-34-42 соати 10.00

**Супориши 1. Барқия ба кадом навъҳо тақсим мешавад ва онҳо чӣ фарқият доранд гӯед**

**Супориши 2. Шумо мутахассиси Шӯъбаи ҳисобдорӣ мебошед. Барқияро аз дигар корхона чӣ гуна қабул менамоед.**

**Супоириши 3. Чаро дар санад яъне телефоннигошт матн ҳиҷо ба ҳиҷо хонда мешавад шарҳу эзоҳ диҳед.**

**Супориши 4. Порчаи шеъриро бодиққат хонед ва онро маънидод кунед**

Илм чу донӣ, зи амал сар мапеч,
Дониши бекор наарзад ба ҳеҷ.
Абдураҳмони Ҷомӣ

Ба шогирдӣ ҳар к-ӯ шод гардад,
Бувад рӯзе, ки ҳам устод гардад.
Носири Хусрав

Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,
Нест марди беадаб соҳибмақом.
Фаридуддини Аттор

Ба пирӣ хидмати модар падар кун,
Ҷавонию ҷунун аз сар бадар кун.
Носири Хусрав

**Супоирши 5. Дар китоби «Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти бофандагӣ» расми зеринро пайдо кунед ва матнро мутолиа намоед**

Механизми гулабардори кареткавии баландсуръат СКН. Бо ёрии механизми СКН-14 дар дастгоҳи СТБ боди кушода бо истифода аз 14 гулабанд ташкил мекунанд. Агар механизми СКН-18 мавриди истифода қарор гирад, шумораи гулабандҳо то 18 мерасад. Механизм дар қисми поёни дасгоҳ ҷойгир шуда, аз паси кори механизми ивази ранги ресмонҳои пуд низ назорат мекунад. Вай имконият медиҳад, ки матоъҳои раппорти пудашон то 160 ресмон бофта шаванд. Ба сифати ҷузъҳои асосии механизм кордҳои калони болою поён хизмат мекунанд, ки ба тарафҳои муқобил ҳаракат доранд. Як сикли пураи кордҳо ба ду гардиши наварди асосии дастгоҳ баробар аст. Дар ин муддат ду бод кушода шуда, ду ресмони пуд гузаронида мешаванд. Яке аз кордҳо гулабандҳоро ҳангоми бодкушоиҳои тоқ, корди дигар – ҳангоми бодкушоиҳои ҷуфт боло мебардорад. Ҳамин тариқ, аз рӯи ин аломат механизми мазкур дугардиша аст.

Кордҳои болоию поёнӣ мувофиқан ба чангакҳои болоӣ ва поёнӣ таъсир расонида метавонанд. Шумораи умумии чангакҳо ба 28 (36) боробар аст. Ҳар як ҷуфти чангакҳо бо фашанги мувозинатгар пайваст аст. Фашанги мазкур ба воситаи фашангҳо ва кашакҳо бо гулабандҳо алоқа дорад.




Расми 50. Омодасозии қартаи гулабандбардорӣ барои механизми бодкушои кареткавии СКН-18

**Супориши 6. Истилоҳоти тахассусиро ҳуруфчинӣ карда дар папкаи алоҳида ҷой диҳед**

Қисми поёни дасгоҳ
Кори механизм
Ранги ресмонҳои пуд
Матоъ
Ресмон
Ҷузъҳои асосии механизм
Кордҳои калон
Тарафҳои муқобил
Гардиши наварди асосӣ
Ресмони пуд

**Супориши 7**

**а) чемпионати тез ва бехато навиштан бо истифода аз компютер**

**б) дар муддати то 15 дақиқа вобаста аз ихтисос мактуби расмӣ ва ё маълумотнома дар бораи корхона, ташкилот тайёр намудан**

**в) мақсади асосӣ - расидан ба ҳадафи 5-уми рақобатпазиргардонии донишҷӯ.**

**Намуна:**

Телефоннигошти № 25

20 сентябри 2011с.

Аз қабулгоҳи ҳукумати ш.Душанбе ба ҳукумати ш.Исфара, Вилояти Суғд .

21 сентябр соати 10-и субҳ дар маҷлисгоҳи ҳукумати ш.Душанбе ҷаласаи калон баргузор мегардад. Иштирок кардани раиси ҳукумати ш.Исфара ҳатмӣ мебошад. Хоҳишмандем, ки ин хабар сари вақт расонида шавад.

| | | |
|---|---|---|
| Сардори Шӯъбаи умумӣ | имзо | ному насаб |
| Телефоннигоштро котиба | ному насаб | расонд |
| Телефоннигоштро котиба | ному насаб | гирифт |

Телефон 221-33-33 соати 10-00.

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳавиро нависед ва азбар намоед:**

1. **Гарантия - Кафолат, замонат, гарав**
2. **Гармонировать – Мувофиқ будан, мутобиқат кардан**
3. **Гарнир – Хӯриши таом**
4. **Генерировать – Ҳосил кардан**
5. **Глазировать - Қиём кардан**
6. **Глазировка – Қиёми қанд**
7. **Глазунья – Тухмбирён**

## ДАРСИ 43

## ДАЪВАТНОМА ВА ЭЪЛОН

**Нақшаи дарс:**

1. **Даъватнома ва эълон**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**

### 3. Чемпионати тез ва бехато навиштан

**Даъватнома санадест**, ки барои даъват намудани шахсе, корманде ба ягон иқдомот (чорабинӣ) таҳия мешавад. **Даъватномаи расмӣ** ва ғайрирасмист. **Даъватномаи** расмиро одатан маъмурияти муассиса, созмон ё кумита махсус таҳия месозад.

**Намуна:**

**Даъватнома**

Мӯҳтарам Баҳром Нурҷонович!

Шуморо ба ҷашни миллии мардуми тоҷик Наврӯз, ки ба таърихи 22 марти соли 2012, соати 7-и шом дар толори Кохи Борбад баргузор мегардад, даъват менамоем.

Бунёди фарҳанги Тоҷикистон

## Эълон

**Эълон санадест,** ки дар бораи рӯйдоде ё иқдомоте пешакӣ хабар медиҳад.

**Намуна:** **Эълон**

Ба диққати донишҷуёни факултаи Менеҷменти молиявӣ ва инноватсионӣ расонида мешавад, ки рӯзи 15 декабри соли 2012 соати 14:30 маҷлиси ҳисоботии факулта баргузор мегардад. Иштироки ҳамаи донишҷӯёни факулта ҳатмист.

Деканати ММ ва И.

**Супориши 1. Эълон чист ва аз кадом қисматҳо иборат мебошад, шарҳ диҳед.**

**Супориши 2. Ба донишгоҳи Шумо аз кишвари Аврупо донишҷӯе ба таҷрибаомӯзӣ омадааст. Бо ин донишҷӯ барои рӯзномаи «Фановар» мусоҳиба ташкил намоед ва хабар пешниҳод кунед.**

**Супориши 3. Шумо раиси кумитаи ҷавонони донишгоҳ ҳастед. Барои вохӯрӣ ташкил намудани шоирону нависандагон бо донишҷӯён даъватнома тартиб диҳед.**

**Супориши 4. Даъватномаи расмӣ аз ғайрирасмӣ чӣ фарқ дорад, бо мисолҳо фаҳмонед.**

**Супориши 5. Қисмҳои нақшаи зеринро дар хотир гиред. Матнро хонед ва онро маънидод кунед**

Пудгузаронак 1 нӯги ресмони пуд 2-ро гирифта, дар дохили бод парвози озод иҷро мекунад. Дар чортароши шонадастгир қад-қади шона 3 варакаҳои шонашакли 4 васл гаштаанд, ки ба сифати равонкунандаи ҳаракати пудгузаронак хизмат мекунанд. Баъд аз иҷрои амалиёти пудгузаронӣ дар ду тарафи дастгоҳ исканҷаҳои 5 дар назди ҳошияҳои матоъ ресмони пудро медоранд ва ба воситаи қайчӣ нӯги ресмони бо ғалтак пайвастбуда бурида мешавад. Сипас нӯгҳои ресмонҳои пуд, ки аз бод берун мебароянд, ба воситаи чангакҳои 6 ба дохили боди аз нав кушодашуда ворид карда мешаванд. Дар натиҷаи чунин амалиёт ҳошияҳои матоъ ба вуҷуд меоянд.

Дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо истифода гаштани тарзи дигари аз дохили бод гузаронидани ресмони пуд зарурати пайдоиши механизмҳои иловагиро ба миён овард. Онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- механизмҳои баҳаракатоварандаи пудгузаронакҳо;
- механизмҳои таъмини пудгузаронакҳо бо ресмон;
- ҳошиябандҳо.




Расми 57. Ҳаракати пудгузаронак дар дохили бод

**Супориши 6. Калимаву ибораҳои зеринро хонед ва тарзи дурусти онҳоро барқарор намоед:**

Пудгузаронако, дохили бодо, тано ба як самт,қутии зарбазани, қутии қабулкунанда, самти мукобил, ресмонои тор, нақлдихандаи занҷири, сурати нақлдиҳанда, нисбати сурати пудгузарони, дастго, корийи дастго

**Супориши 7**

**а) чемпионати тезтарҷумакунӣ**

**б) дар мӯхлати муайяни вақт матнро аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо тарҷума кардан**

**в) беҳтаринҳоро омӯзгор натиҷагирӣ ва дар машғулияти оянда муаррифӣ менамояд. Намуна:**

**ОБ – ҶОНИ ТАБИАТ**

Оре, ҳаёти инсон бе об вуҷуд дошта наметавонад. Об дар рӯзгори инсон талаботи рӯзмарра ба ҳисоб рафта, нисбат ба дигар ғизоҳо… бештар истифода мегардад. Ҳаёти инсонро бе истифода аз об тасаввур кардан мумкин нест. Дар ҳаёти инсон об бо мақсадҳои гуногун истифода бурда мешавад. Пеш аз ҳама об ҳамчун ғизои организми инсон ба ҳисоб рафта, барои беҳдошти вазъи саломатӣ нақши муҳим мебозад. Аз нигоҳи тиб истифодаи оби тозаи ширин барои саломатии инсон зарур буда, ба истихроҷи баъзе касалиҳо дар организми инсон кӯмаки бисёр мерасонад. Ҳамчунин об дар рӯзгор пеш аз ҳама барои таъмини гигиенаи инсон, тозагии муҳит ва ҳамчун воситаи таъмини талаботи рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

**Супориши 8. Луғати тафсириро бодиққат хонед ва ба соҳаҳо ҷудо намоед**

1. **Галогены -** [гало + гр. genos род, происхождение] см. галоиды

**- Галогенҳо** – [гало + калимаи юнонӣ genos қабила] – галоидҳо, ҷинс пайдошавӣ

2. **Галоиды -** [гало + гр. eidos вид] – группа химических элементов (фтор, хлор, бром, иод) встречается в природе исключительно в виде солей; имеет большое практическое применение

- **Галоидҳо** [гало + калимаи юнонӣ eidos намуд] - гурӯҳи элементҳои химиявӣ (фтор, хлор, бром, йод) дар табиат дар намакҳо асосан вомехӯранд

3. **Гемицеллюлозы -** [см. геми… + целлюлоза] – углеводы, близкие к клетчатке (целлюлозе), входящие в состав клеточных оболочек растений; играют в растениях двоякую роль – механическую, подобно целлюлозе, и запасного питательного вещества, подобно крахмалу

- **Гемиселлюлоза** – [нигоҳ кунед. геми…+селлюлоза) – карбогидрадҳо, ба таркиби ҷилди ҳуҷайраҳо ва растаниҳо дохил мешавад, дар он ба ду вазифа вомехӯранд: 1) механизм (селлюлоза) ва 2) захирагӣ (крахмал)

4. **Гемоглобин -** [гр. haima кровь + лат. globus шар] – красящее вещество крови; заключается в красных кровяных тельцах («шариках») – эритроцитах и служит – благодаря легкой окисляемости – для снабжения всех частей тела кислородом

- **Гемоглобин** – [калимаи юнонӣ haima хун+лотинӣ globus курашакл] – моддаи сурхии хун: аз сурхии хун (курашакл) – лундачаҳои сурхии хун ва барои таъмин кардани ҳамаи қисмҳои ҷисм бо оксиген бо роҳи ба таври сабук туршшавӣ вобаста аст)

5. **Герметизация –** [по имени греческого мудреца Гермеса, которому в числе прочего, приписывалось искусство прочной закупорки сосудов] – создание непроницаемости стенок и соединений, ограничивающих внутренние объемы помещений, аппаратов, машин, сооружений и емкостей для жидкостей и газов

- **Мустаҳкам кардани зарфҳо (герметизация** – [бо номи донишманди юнонӣ Гермес бобаста аст, санъати бо роҳи мустаҳкам махкам кардани зарфҳо) – инчунин сохтани девораҳо ва пайвастҳои ҷудо кардани ҳаҷмҳои дохилии биноҳо, таҷзиҳотҳо, мошинаҳо, иншоотҳо ва ҳаҷмҳои барои нигоҳ доштани моеъҳо ва газҳо низ ба ӯ мансубанд

6. **Гигиена** – [гр. сл. Hygieinos – целебный, приносящий здоровье] – раздел профилактической медицины, изучающий влияние внешней среды на здоровье человека, его работоспособность и продолжительность жизни разрабатывающий мероприятия, направленные на предупреждение

возникновения болезней и создания условий, обеспечивающих сохранение здоровья

- **Гигиена**-[калимаи юнонии hygieinos-солими оранда]- қисми профилактикии тиб, фанне, ки таъсироти муҳити атрофро ба организм, фаъолияти корҳояш пешгирии бемориҳоро меомӯзад, инчунин саломатиро таъмин менамояд.

7. **Гигроскопичность -** [гр. см. гигроскопический] – способность некоторых веществ (хлористый кальций, серная кислота и др.) впитывать в себя влагу (пары воды)

- **Хосияти гигроскопӣ дошта** – [калимаи юнонӣ см.] – номи баъзе моддаҳо (калсияи хлоридӣ, кислотаи сулфат ва ғ.) намнокиро ба худаш мекашад (буғҳо, обҳо)

8. **Гигроскопический -** [гигро… + гр. scopeo смотрю] – поглащающий влагу; гигроскопическая вата – очищенная от жира вата для медицинских надобностей

- **Гигроскопӣ** – [гигро… + калимаи юнонӣ scopeo нигоҳ кардан] - дараҷаи намкаш; пахтаи гидроскопӣ – аз ягон қисм

9. **Гидравлика** – [фр. Hudraulique; лат. Hudrauliqus; гр. Hudraulos hudor «вода» + aulos «трубка»] – наука, изучающая законы равновесия и движения жидкостей, а также способы их применения

- **Гидравлика** - [калимаи фаронсавӣ hudraulique; калимаи лотинӣ hudraulos hudor «об»+ aulos «найча»]- илм, ки қонунҳои баробарвазн ва ҳаракати моеъро меомӯзад ва инчунин тарзи истифодаи онҳоро меомӯзад.

10. **Гидрант** – [гр. Hudor «вода» + aulos «трубка»] – водозаборная колонка.

- **Гидрант** – [калимаи юнонӣ hudor «об» + aulos «найча»] - ҳавзчаи обгирӣ.

## ДАРСИ 44

## МАКТУБҲОИ ХИЗМАТӢ

## НАМУДҲОИ МАКТУБҲОИ ХИЗМАТӢ

**Нақшаи дарс:**

1. **Мактубҳои хизматӣ**

2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Чемпионати тез ва бехато навиштан.**

**Мактубҳои хизматӣ** намуди бештар маъмули ҳуҷҷатҳои идоравӣ мебошанд, ки дар байни муассисаҳо ва шахсони алоҳида ҳамчун воситаи муомилаю мубодилаи иттилоот хизмат мекунанд. **Мактубҳо** аз рӯи ҳар гуна масъалаҳо тартиб дода мешаванд, дархостҳо, огоҳиномаҳо, созишномаҳо, даъвоҳо, маълумотҳо, эродҳо ва ғайра метавонанд, мазмуни онҳо бошанд.

**Мактубҳо** дар варақаи махсуси муассиса тартиб дода мешаванд. Матни мактуби хизматӣ бояд оддӣ бошад, яъне як масъаларо инъикос намояд, якчанд масъала дар як мактуб танҳо дар ҳолати бо ҳам алоқаманд буданашон дида баромада мешавад.

**Аз рӯи хусусиятҳои иттилоот мактубҳо** чунин мешаванд:

- мактуби ҳамроҳӣ
- мактуб-таклифнома
- мактуби иттилоотӣ
- мактуби огоҳкунанда
- мактуби тасдиқкунанда
- мактуби хотиррасонӣ
- мактуби байналхалқӣ.

**Супориши 1. Намудҳои мактубҳои хизматиро номбар карда, тафовуташонро бо мисолҳо фаҳмонед.**

**Супориши 2. Мактубҳои хизматӣ дар байни муассиса ва шахсони алоҳида чӣ гуна хизмат мекунанд, пурра шарҳу эзоҳ диҳед.**

**Супориши 3. Ба номи директори корхонаи бофандагӣ мактуби расмӣ оид ба озмоиши техникӣ нависед.**

**Супориши 4. Порчаи зеринро ифоданок хонед ва калимаҳое, ки имрӯз дар истеъмол нестанд, ҷудо намуда, маънидод кунед**

Касон бар хӯранд аз ҷавонию бахт,
Ки бар зердастон нагиранд сахт.
Саъдӣ

Ба дарвешу мӯҳтоҷ бахшиш намой,
Фурӯбаста кораш ба бахшиш кушой.

Ҷомӣ

Беш аз ин равшан намегардад, ки ин бедонишон,
Аз нафас бар шамъи фитрат домане афшондаанд.

Бедил

Шунидам масал зад яке пурҳунар,
Ки зар, зар кашад, безарӣ дарди сар.

Саъдӣ

**Супориши 5. Матнро хонед ва калимаву истилоҳоти тахассусиро истифода намуда, онро маънидод кунед.**

Дар дастгоҳи дорои пудгузаронакҳо ҷубронкунак 6 фашанги секитфаро мемонад, ки нисбати тири $O_1$ алвонҷ мехӯрад. Ресмони пуд 1 баъди аз ғалтак кушода шудан ва аз манъкунандаи 1 гузаштан, аз чашмаки 4-и китфи кории ҷубронкунак мегузарад. То ва баъди ҷубронкунак ресмон бо равонкунандаҳои беҳаракати 3 ва 5 дар алоқа аст. Дар зери таъсири пружинаи 7 ғилдиракчаи 8, ки тири он дар китфи дигари фашанги ҷубронкунак ҷойгир шудааст, дар алоқаи доимӣ бо сатҳи муштак 9 мебошад. Дар аснои даврзании муштак дар наварди О китфи кории ҷубронкунак аз рӯи қонуни муайян ба болою поён алвонҷ хӯрда меистад.




Расми 59. Нақшаи механизми ҷубронкунандаи ресмони пуд

**Супориши 6. Калимаву иборахҳои зеринро ҳуруфчинӣ кунед ва дар хотир нигоҳ доред**

Дарозии ресмон

Дохили бод

Пуркунии дастгоҳ

Амалиёти пудгузаронӣ

Нӯгҳои ресмон

Нӯги чап

Нӯги ресмони пуд

Тарафи рости дастгоҳ

Ҳошияи матоъ

Дарозии ресмон

**Супориши 7**

**а) чемпионати дарёфти хатогиҳои содиршуда**

**б) мақсади асосӣ – забондонӣ**

**в) ёфтани хатогиҳо дар матни зерин ва баҳогузорӣ намудан**

**Намуна:**

**Китоб**

Китобро барҳак мамбаи илму дониш сарчашмаи хирадманди ассоси маданияти милива пояи тамадуни ҷаҳони мегуянд фарҳанги инсони албатта танҳо аз китоб иборат нест ғайр аз китоб дину ойин хату алифбо меъмори расоми хайкалтароши ва ғайраро дар бар мегирад илмҳои гуногун адабиёту таърих хам маданиятро ташкил медиханд леки насоси хамаи намудхои мадданият китоб мебошад агар бо мурури замон дар натичаи гармову сармо чангу ҷидолҳо офатҳои таббии сухторҳо хама намудхои маданият аз байн раваду лекин китоб боки монад - ба фарҳанг зарарна мерасад чунки наслҳои оянда дар натичаи ковишҳои археологи он китобҳоро пайдо карда онҳоро мутолиа намуда дар бораи тамадуни як вактҳо гумм номшуда хабардор мешаванд

(Аҳмад Абдуллоев)

**Супориши 8. Луғати истилоҳоти соҳаи хӯроквориро нависед ва азбар намоед:**

1. **Миндалина – Мағзи бодом**
2. **Миндалевидный - Бодомшакл**
3. **Минерал – Маъдан**
4. **Мирабель – Олучаи зард**
5. **Модельщик – Моделсоз**
6. **Молот-рыба – Болғамоҳӣ**
7. **Молочник – Зарфи шир**
8. **Молочнокислый – Ҷурғотӣ**
9. **Морковь – Сабзӣ, беҳӣ**
10. **Мороженица – Зарфи яхмос**

**Супориши 9. Аз калимаҳои ихтисосии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед**

Нақша, ранга, сурохӣ, сатрҳо, беранг, тартиб, бодкушо, механизм, гулабардорӣ.

## ДАРСИ 45

## ДАФТАРЧАИ КОРӢ (ТРУДОВАЯ КНИЖКА)

**Нақшаи дарс:**

1. **Дафтарчаи корӣ**
2. **Кор бо матнҳо ва луғатҳои тахассусӣ**
3. **Муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**Дафтарчаи кор** санади асосиест, ки фаъолияти кори коргар ё кормандро тасдиқ менамояд. **Дафтарчаи корро** барои коргарон ва кормандони муассисаву созмонҳои давлатӣ, кооперативӣ ва ҷамъиятӣ пур мекунанд. Агар шаҳрванд то қабул шудан ба кор собиқаи кор (стаж) надошта бошад, барои вай нахусти бор дафтарча мекушоянд. Агар вай қаблан дар ҷое кор карда бошад, бояд дар ҷои кори нав дафтарчаи корро ба худ биёрад. Корманд ё коргари собиқадор бидуни дафтарчаи кор ба кор пазируфта намешавад.

**Дар дафтарчаи кор** инчунин роҷеъ ба ҷоизаҳо ва подошҳои дарёфткардаи корманд иттилоъ дода мешавад. Танбеҳ дар он сабт намегардад. Бо ҳар сабте, ки дар дафтарчаи кор сурат мегирад, маъмурият бояд кормандро шинос намояд. Дафтарчаи кор дар шӯъбаи кадр нигоҳ дошта мешавад.

**Супориши 1. Дафтарчаи кор чист ва барои чӣ лозим аст, маълумот диҳед.**

**Супориши 2. Дафтарчаи кор дар куҷо нигоҳ дошта мешавад ва онро чӣ тавр пур мекунанд маълумот диҳед.**

**Супориши 3. Матнро хонда Шумо ба чӣ хулоса омадед, шарҳу эзоҳ диҳед ва калимаҳои бо ранги сиёҳ бударо маънидод кунед.**

Ман **бошам** дар бораи Мулло Муҳиддин фикр мекардам; ӯ дар байни шарикдарсони худ ба «нофаҳмӣ ва нодонӣ» машҳур буд. Ҳатто баъзе **ҳамдарсонаш** ба рӯи вай мегуфтанд: «Шарик, шумо хонда чӣ кор мекунед? Аздусар муллои дуруст намешавед. Як лаб нон бошад, аз ҳамин лавҳу ҷадвалу қалами мӯин ҳам меёбед».

Ӯ дар ҷавоб **хандида** мегуфт: «Гӯсолаеро, ки аз пода берун равад, гург мхӯрад. Бинобар ин ба дараҷаи гови расида натавонам ҳам, барои муҳофизати худ дар миёни **говон** буданро беҳтар медонам».

Ман он рӯз дидам, ки ӯ аз ҳамаи шариконаш, ки дар он ҷо буданд ва яке аз онҳо домуллои худаш буд, боақлтар ва **донишмандтар** гап мезад.

(Садриддин Айнӣ)

**Супориши 4. Мисраъҳои зеринро бодиққат хонед ва маънидод кунед**

Хирад беҳтар аз ҳарчӣ эзид-т дод,
Ситойиш хирадро беҳ аз роҳи дод.
Хирад роҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой
Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯят ғам аст,
Аз ӯят фузунӣ, аз ӯят кам аст.
(Фирдавсӣ)

**Супориши 5. Калимаҳое, ки аз ҳарфҳои хоси забони тоҷикӣ (ҳ, қ, ғ, ҷ, ӣ) таркиб ёфтаанд, дар компютер чӣ хел сабт менамоянд, бо мисолҳо фаҳмонед.**

**Супориши 6. Матнро бодиққат хонед, иборaву калимаҳои тахассусиро ҷудо карда, дар дафтарон нависед. Доир ба дастгоҳи поён маълумот ҷамъ оваред.**

Сикли кории мошини Жаккард гуфта, давомнокии ҳаракати чорҷебаи кордҳо ба боло ва баргашта омадани онро ба мавқеи поёнӣ меноманд. Сиклҳои кории мошинҳои якгардиша ва дугардишаро дар диаграммаҳо ба таври аён назорат кардан мумкин аст. Дар диаграммаҳои мазкур қад-қади тири абсисса гардишҳои наварди асосии дастгоҳи бофандагӣ ва қад-қади ордината ҳаракати чорҷебаи кордҳо гузошта шудаанд.



Расми 23. Дастгоҳҳои бофандагии бо мошини Жаккард таҷҳизонида шуда

**Супориши 7**

**а) муаррифии масъалаҳои мубоҳисавӣ**

**б) мақсади асосӣ - сатҳи баланди забондонӣ**

**в) инчунин маданияти баҳсро омӯхтан**

**Мисол:**

1. Кадом омилҳо сабаби паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад?
2. Сабаб чист, ки дар бозорҳои шаҳри Душанбе нархи маводи хӯрока рӯз то рӯз боло рафта истодааст?
3. Барои чӣ дар солҳои охир донишҷӯёни макотиби олии мамлакат ба китоб хондан майлу рағбат надоранд?

**Супориши 8**. **Луғати истилоҳоти соҳаи хӯрокворирo дар дафтаратон нависед ва азбар намоед:**

| | | |
|---|---|---|
| **1. Глазуровать** | **–** | **Сир дивондан** |
| **2.Говядина** | **–** | **Гушти гови пухта** |
| **3. Говяжий жир** | **–** | **Равғани гов** |
| **4. Голод** | **–** | **Гуруснагӣ, гушнагӣ** |
| **5. Голословно** | **–** | **Бедалел, беасос,беисбот** |
| **6. Горбушка** | **–** | **Пуштаки нон** |
| **7. Горбуша** | **–** | **Озодмоҳӣ** |
| **8. Горох** | **–** | **Наҳӯд** |
| **9. Горчица** | **-** | **Хардал** |
| **10. Горячо** | **–** | **Гарм, сӯзон, тафсон.** |

**ВАЗОРАТИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

**КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ФАЛСАФАИ ТАЪЛИМОТ**

# *Барномаи корӣ (SYLLABUS)*

**(барномаи таълимӣ барои донишҷӯёни тамоми ихтисосҳо)**

**аз фанни: «Забони тоҷикӣ»**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Дарсҳои лексионӣ** | - | | |
| **Дарсҳои амалӣ** | 2 кредит | | |
| **Корҳои мустақилона** | 1 кредит | **Нимсола:** | 2 |
| **Курс** | 1 | **Натиҷа:** | **Имтиҳон** |

**ДУШАНБЕ – 2011**

Силлабус (барномаи корӣ барои донишҷӯён) дар асоси стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати Маорифи ҶТ аз 11. 06. 2004 тасдиқ шуда, барои донишҷӯёни ҳамаи ихтисосҳо тартиб дода шудааст.

Барнома дар ҷаласаи кафедраи забони тоҷикӣ ва фалсафаи таълимот баррасӣ ва тасдиқ шуд.

«___» «___» 2011. Суратмаҷлиси № __

Мудири кафедра ________ Восиев Қ.В.

**Аз тарафи Кумитаи барномаҳои кории факултаи омодагии ихтисос қабул гардид.**

Декани факулта ________ Неъматова Г.Д.

Шӯрои илмӣ- методии ДТТ тасдиқ кардааст.

«___» «___» 2011. Суратмаҷлиси № __

Раиси ШИМ ДТТ _________ Тошматов М.Н..

***Маълумот дар бораи устодон:***

1. Шарифов М.Ш. - н.и.ф., и.в.дотсент
2. Шарифова Г.А. - н.и.ф.,и.в.дотсент

3. Турсунова М.У.- муаллимаи калон
4. Нурова К.А. - муаллимаи калон

*Силлабус-1*

<table>
<tr><td colspan="4">A Забони тоҷикӣ<br>(номи пурраи курс)</td><td colspan="3">Рақами курс<br><u>1</u></td></tr>
<tr><td>Забони таълимӣ<br>(хат кашед)<br>Русӣ<br><u>Тоҷикӣ</u><br>Англисӣ</td><td>Шакли назорати ниҳоӣ<br>(хат кашед)<br><u>Санчишӣ</u><br>Имтиҳон</td><td colspan="2">Ному насаби омӯзгорон<br>(суроға ва рақ. тел.)</td><td colspan="3">Микдори предметхо<br>ECTS<br>________<br>2</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Намуди курс<br>(хат кашед)<br><u>Ҳатмӣ</u></td><td rowspan="2">Сол ва семестри таълимӣ</td><td colspan="5">Рӯз, вақт ва ҷои гузаронидани машғулият</td></tr>
<tr><td></td><td>лексия</td><td colspan="2">маш. амал</td><td>лаб</td></tr>
</table>

| Элективӣ<br>Интихобӣ | Соли хониши 2011-2012<br>нимсолаи 1-2 | Рӯзҳо<br>Соатҳо<br>Корпус-Аудитория | | . | |
|---|---|---|---|---|---|

**Б Адабиёти таълимӣ:**


1. Арзуманов С. Забони тоҷикӣ Д.: Маориф, 1986.
2. Асозода Х., Кабиров Ш., Анварӣ С. Забон ва адабиёти тоҷик (дастури таълимӣ) Д.: 2005.
3. Вишнякова Т. А. Леонова Э. Н. Сборник ситуативных упражнений по русскому языку. М.: Русский язык. 1983.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик - Д.: Ирфон, 1987.
5. Гадоев Б.Г. Карточкаҳо аз забони модарӣ Д.: Ирфон,1968.
6. Ғаффоров Р. Ҳошимов С.Камолиддинов Б.Услубшиносӣ. Д.: Маориф, 1975.
7. Деҳотӣ А. Куллиёт ҷ.5, Д., Ирфон, 1966.
8. Дурдонаҳои наср, ҷ.3, Д.: Адиб, 1991.
9. Дастур ва маҷмӯи машқҳо оид ба омӯзиши имлои забони тоҷикӣ.- Д.: Ирфон, 2003.
10. Дастур ва маҷмӯи машқҳо оид ба аломати китобат. Д.: Ирфон, 2004.
11. Дастур ва маҷмӯи машқҳо оид ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои расмӣ. Д.: Ирфон, 2006.
12. Забони адабии ҳозираи тоҷик. қ. 1- 2. - Д.: Ирфон, 1973.
13. Имлои забони тоҷикӣ. – Д.: Ирфон, 1999 .
14. Калонтаров П.Н.Панду ҳикмати се халқ .- Д.: 1991.
15. Каримов У., Абдулазизова С. Забони тоҷикӣ (дастури таълимӣ) қ. 1-2 Д. : 2003 -2004.
16. Луғати тоҷикӣ – русӣ . М.: ,1957.
17. Луғати русӣ – тоҷикӣ. Д .: 1986.
18. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ.Д.: 2006.
19. Муллоқандов Э. Забон дар тӯли замон. Д.: Ирфон, 1985.
20. Каримов У. Каримов А. Аломатҳои китобӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Д.:Ирфон, 1986.
21. Муҳаммад Ғиёс-ул-луғат х. 1-3. Д.: Адиб, 1989.
22. Низомулмулк Сиёсатнома, Д.: 1991.
23. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ Д.: Маориф, 1989.
24. Одинаев Н. Олимова П. Турсунова М. Нурова К. Дастур ва

маҷмӯи машқҳо оид ба ҳуҷҷатҳои расмӣ. Д.: 2006.
25. Фозилов М. Зарбулмасал ва мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо. Д.: Дониш 1976.
26. Тарҷума ва балоғати сухан. Д.: 2004.
27. Шукуров М. Ш. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. Д.: Ирфон 1986.
28. Унсурмаолии Кайковус « Қобуснома » Д.: 1968.
29. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Д.: Адиб, 1988.
30. Панфилов А. К. Сборник упражнений по стилистике русского языка. М.: 1984
31. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал , мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ , Д.: 1977.
32. Фарҳанги забони тоҷикӣ. М.: 1961.
33. Ҳусайн воизи Кошифӣ «»Футувватнома »-и Султонӣ . Д.: Адиб, 1991.
34. Восифӣ Зайниддин Бадоеъ-ул-вақоеъ, М.: 1961.
35. Лоиқ Улыбка зари, Д.: Ирфон, 1969.
36. Лоик Фарёди бефарёдрас, Д.: Адиб, 1997.
37. Шарифов М.Ш.,Нурова К.А.Маҷмӯи машқҳо оид ба омӯзиши имло ва аломатҳои китобат□Д.:2010.

## **B. Самти курс, тавсифи мухтасар**

Самти курс: барои ҳамаи ихтисосҳо

Тавсифи мухтасари барномаи таълимӣ: Баланд бардоштани савияи забондонӣ. Омӯзиши меъёрҳои забони адабии тоҷик. Роҳҳои ташаккули нутқи хаттию даҳонӣ. Ташаккул ва такомули захираи луғавӣ. Дар асноди идорӣ босаводона истифодаи аломатҳои китобатӣ. Ҳифзи калимаҳои душворфаҳм, таркиб ва ибораҳои маҷозӣ аз эҷодиёти адибони тоҷик. Ҳосил намудани малакаи тарҷумонӣ.

**Фанҳои ёридиҳанда (номгӯи фанҳои дигаре, ки барои омӯзиши курси мазкур зарур аст)**

Забони русӣ, забони англисӣ, форсӣ, фанҳои гуманитарӣ, таърихи адабиёти тоҷик.

| |
|---|
| **Тавсифи мухтасари курс: Омӯзиши** курси мазкур ҳатмӣ буда, 1семестр (1– ҳамагӣ 45 соат машғулияти амалӣ), 3 соатӣ дар як ҳафта (3 кредит)-ро дар бар мегирад. Курси забони тоҷикӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи забондонӣ, такмили донишҷӯ, босаводона истифодаи аломатҳои китобат таълим дода мешавад. Ҳамчунин, дар ҷараёни таълимӣ донишҷӯён тавассути тарҷумаи матнҳои гуногун ба табиати забони тоҷикиву русӣ ошно мешаванд. Бо роҳи таҳлили грамматикаи муқоисавӣ донишҷӯён малакаи тарҷумонии худро такмил медиҳанд. |
| **Ҳадафи курс:** Ҳадафи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои русӣ такмил ва баланд бардоштани савияи забондонӣ, бартараф намудани ғалатҳои имло ва талаффуз дар нутқи хаттию шифоҳӣ, бартараф намудани нуқсонҳо дар қироати матн ва тарҷумаву тартиб додани истилоҳоти соҳавӣ, омӯзонидани усулҳои ҳуҷҷатнигорӣ, истеъмоли босаводонаи аломатҳои китобат, мушкилоти истеъмоли аломати вергул, аз бар намудани истилоҳоти идороти давлатӣ, шиносоии донишҷӯён бо матнҳои ихтисосӣ ва техникӣ, қироат ва таҳлили намунаҳои беҳтарини асарҳои насрӣ ва назмии адабиёти тоҷик, тарзи истифода ва таҳияи луғатҳои ихтисосӣ ва тафсирӣ, ҳифзи ашъори адибони машҳур мебошад. |
| **Вазифаҳо:**<br>1. Омӯзиши забони адабии ҳозираи тоҷик.<br>2. Омӯзиши хусусиятҳои аломати китобат.<br>3. Омӯзиши иншои асноди идорӣ.<br>4. Баланд бардоштани маданияти сухан.<br>5. Ба вуҷуд овардани малакаи мустақилона тарҷума кардани матн.<br>6. Афзудани захираи луғавӣ. |

|  |
|---|
| 7. Ташаккул ва такомули нутқи хаттию шифоҳӣ.<br>8. Аз ёд намудани байтҳои адибони тоҷик. |

| **Д Ҷадвали ташкили курс**<br>*Қисми 1. Забони тоҷикӣ* | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Ҳафта* | *Соат* | ***Мавзӯи дарс*** | ***Корҳои мустақилона*** | ***Балли ҳадди аксар*** |
| *1* | *1* | Мақсад ва вазифа-<br>ҳои омӯзиши забони тоҷикӣ.Мундариҷаи таълими имло ва талаффуз | Андешаи бузургон оид ба мақоми забон.Забон яке аз рукнҳои асосии ташаккули миллат ва муқаддасоти миллӣ. | 3 |
|  | *1* | Имлои баъзе садонокҳо ва ҳамсадоҳо.Имлои исм.Ифодаи баёнияҳо. | Бо истифода аз мазмуни шеъри устод Рӯдакӣ дар тавсифи дониш аҳамияти илму донишро хаттӣ баён кунед. | 3 |
| *2* | *1* | Имлои сифат. Имлои феъл ва сифати феълӣ. | Имлои сифатҳои мураккаб ва сифатҳои таркибиеро, ки аз такрори калима сохта шудаанд, бо мисолҳо шарҳ диҳед. | 3 |
|  | *1* | Имлои шумора ва ҷонишин. | Имлои шумораҳое, ки аз ҳам ҷудо навишта мешаванд бо мисолҳо шарҳ диҳед.Маънои луғавӣ ва истилоҳии ҷонишинро аз “Фарҳанги забони тоҷикӣ” ёфта маънидод намоед. | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | 1 | Имлои пайвандакҳо.Имлои пешоянд ва пасояндҳо. | Байтҳоеро, ки дар онҳо пайвандак-ҳои ихтисоршуда омадаанд, аз ёд ку-нед ва мазмуни онҳоро бифаҳмонед. | 3 |
| | 1 | Мундариҷаи таълими аломатҳои китобат. | Байтҳоеро, ки дар онҳо пайвандак-ҳои ихтисоршуда омадаанд, аз ёд ку-нед ва мазмуни онҳоро бифаҳмонед. | 3 |
| 4 | 1 | Аломатҳои китобатии охири ҷумла ва вази-фаю моҳияти онҳо. | Бо истифода аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ дар мавзӯи ҳаёти давраи донишҷӯиатон дар шакли муколама порчае нависед. | 3 |
| | 1 | Аломати вергул ва мавридҳои истифодаи он. | Вазифаи аломати вергул аз чӣ иборат аст? Бо мисолҳо фаҳмонед. | 3 |
| 5 | 1 | Аломати баён ё дунуқ та ва мавридҳои истифодаи он. Аломати нуқтавергул.Аломати бисёрнуқта. | Аз асарҳои нависандагон панҷ ҷум-ла интихоб намоед, ки аломати баён дошта бошанд. Номгӯи асарҳо ва ҷумлаҳоро дар дафтар нависед.. | 3 |
| | 1 | Мавридҳои истифода-барии аломати қавс. | Мавридҳои асосии истеъмоли аломати қавсро бо овардани мисолҳо нишон диҳед. | 3 |
| 6 | 1 | Аломати нохунак. | Доир ба гузошта шудани аломати нохунак дар мавридҳои гуногун мисолҳо оред. | 3 |
| | 1 | Аломати тире ва ним-тире ва мавридҳои ис-тифодаи он. | Аломати тире дар ҷумла ба кадом вазифаҳо кор фармуда мешавад ва дар байни ин вазифаҳо хизмати аломати тире дар кадоми онҳо | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | бештар дида мешавад? Нимтире дар кадом гурӯҳи ҷонишинҳо гузошта мешавад ? | 3 |

## *Супоришҳои маҷмӯи корҳои хонагӣ барои назорати фосилавии якум*

| № | Номгӯи супоришҳо | Мӯҳлат | Ҳаҷм |
|---|---|---|---|
| 1. | Тартиб додани луғати истилоҳоти ихтисосӣ. | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз 100 калима. Хаттӣ тарҷума ва маънидод намудани истилоҳоти зикршуда. |
| 2. | Тарҷумаи матни ихтисосӣ. | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз 200 калима.Дар шакли хаттӣ пешниҳод намудани матни ихтисосӣ ва маънидод намудани мазмуни он. |
| 3. | Иҷрои машқҳо аз рӯи «Дастур оид ба маҷмӯи машқҳо аз забони тоҷикӣ». | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз ду дарс оид ба омӯзиши имло ва аломатҳои китобатӣ. |
| 4. | Аз эҷодиёти шоирони классик аз ёд намудани ғазалхо ва шарҳи калимаҳои душворфаҳм. | аз рӯи тақвими дарсӣ | Аз ёд намудани чор ғазал |

## *Саволҳои назоратии НФ № 1*

1. Моҳияти забони адабӣ дар инкишофи ҷомеа, пешрафти маънавиёти инсон, равнақи илму фарҳанг аз чӣ иборат аст?
2. Вазифаи ҳар як аъзои ҷомеа дар покнигоҳдории забони тоҷикӣ аз чӣ иборат аст?
3. Мафҳуми имло ва талаффуз.
4. Тарзи навишти исм ва баёнияҳо.
5. Пешвандҳои феълсоз ва шаклсоз.
6. Тарзи нигориши шумора ва ҷонишин.
7. Мундариҷаи таълими аломатҳои китобат.
8. Аломатҳои китобатии охири ҷумла ва вазифаю моҳияти онҳо.
9. Аломати вергул баъди калимаҳои тасдиқӣ, инкорӣ ва саволӣ.
10. Аломати баён (дунуқта) дар охири калима, ибора ё ҷумлаҳои шарҳу эзоҳталаб.
11. Хизмати аломати қавс дар ҷумла ва мувофиқати он бо аломатҳои китобатӣ.
12. Вазифаи аломати тире дар матн.

## Супоришҳои тестии НФ № 1

1. **Алифбои имрӯзаи тоҷик чӣ ном дорад ?**
а) алифбои лотинӣ б) алифбои кириллӣ в) алифбои арабӣ

2. **Аломати зада гирифтани садоноки ӯ дар калимаҳои:**

*андӯҳ, мӯҳра, шӯҳрат, нӯҳ, мӯҳлат, гурӯҳ* – **аз чӣ вобаста аст?**

а) Барои он ки калимаҳои зерин аз ду ва ё зиёда ҳиҷо иборатанд.

б) Барои он ки калимаҳои зерин ӯ-и дароз доранд.

**в)** Дар ҳиҷои кушода ва бастаи ин калимаҳо садоноки ӯ пеш аз ҳамсадо омадааст.

3. **Дар кадом гурӯҳи калимаҳо садоноки ӯ пеш аз ҳарфи й омада, аломати зада мегирад?**

а) мӯй, зӯр, рӯй, сӯй, чӯб, тӯй, пӯш, гӯш.

б) мӯй, зӯр, сӯй, хушрӯй, тӯй, гӯш.

в) мӯй, рӯй, чӯб, сӯй, ҷӯй, туй.

4. **Барои чӣ дар калимаҳои зерин садоноки и аломати зада гирифтааст**:

ҳар кӣ, ҳар чӣ, чӣ хел, чӣ гуна, кӣ, чӣ, чӣ қадар, чӣ навъ, кӣ омад?, чӣ гуфт?.

а) Барои он ки садоноки и дар охири калима омадааст.

б) Барои он ки садоноки и дар пурсишҷонишинҳо омадааст.

в) Барои он ки калимаҳо ба оҳанги саволӣ омадааст.

г) Барои он ки садоноки и дар ҳиҷои баста омадааст.

5**. Дар кадом гурӯҳи калимаҳо имлои садоноки у ва ӯ дуруст аст?**

а) дуд, хӯн, дӯн, оҳу, зону, нӯҳ, тулуъ, муҳаррир.

б) ӯгай, ӯймок, зӯр, дӯст, кӯҳан, мӯҳайё.

в) рӯза, бону, олу, сӯхтан, зӯҳр ,мӯътақид.

**6. Чаро дар калимаҳои мӯҳр, зӯҳро, нӯҳ, кӯҳ, шукӯҳ садоноки ӯ аломати зада гирифтааст?**

а) садоноки ӯ баъд аз ҳамсадоҳои м, з, н, к, ш заданок мешавад.

б) садоноки ӯ дар ҳиҷои бастаи калимаи содда пеш аз ҳамсадои ҳ ояд, заданок талаффуз мешавад.

в) садоноки ӯ дар калимаҳое, ки аз як ё ду ҳиҷо иборатанд, аломати зада мегирад.

**7. Садоноки ӣ (и – заданок) дар кадом маврид меояд?**

а) дар калимаҳое, ки ҳиҷои охирашон заданок аст.

б) дар охири калимаи муайяншаванда меояд.

в) дар охири пешоянд ё пайвандак ва ҳиссачаҳо меояд.

**8. Барои чӣ бандакҳои феълӣ ва хабарии шахси дуюми танҳо ӣ – заданок қабул мекунанд?**

а) барои он ки ин бандак оҳанги саволӣ дорад.

б) барои он ки ин бандакҳо аз бандакҷонишинҳо фарқ карда шаванд.

в) барои фарқ кардани онҳо аз бандаки изофӣ.

**9. Чаро исмҳои намуди 1000 – солагии зодрӯзи Ибни Сино, 20 – солагии Истиқлол бо дефис навишта мешаванд?**

а) зеро калимаи «солагӣ» калимаи пеш аз худро бо аломати дефис ҷудо мекунад.

б) зеро исмҳои ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода шудааст.

в) зеро дар таркиби ин ифодаҳо исмҳои хос мавҷуданд.

**10. Чаро исмҳои зерин ҷудо навишта мешаванд: Варзоби Боло, Осиёи Миёна, Сари Хосор,Шарқи Дур.**

а) ин ибораҳо ба маънои ҷою макон омадаанд.

б) ин ибораҳо исмҳои хос мебошанд.

в) ин иборахо дар ҳар ду ҷузъашон маънои луғавӣ ва задаашонро нигоҳ доштаанд.

**11. Чаро баёнияҳои мазкур бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта шудаанд: Конибодом, Шаҳритус, Шаҳрисабз, Мавҷигул, Сарвиноз.**

а) зеро бандаки изофӣ доранд.

б) зеро аз ду калимаи мустақил иборатанд.

в) зеро маънои луғавии ҷузъи дуюми ин навъ исмҳо хира ё гум шуда, ҳар ду ҷузъ як зада пайдо кардаанд.

**12. Барои чӣ дар калимаҳои дотсент, конститутсия ҳарфи ц бо ҳамсадоҳои тс ифода шудааст?**

а) зеро дар байни ду садонок ҳарфи ц бо ҳамсадоҳои тс ифода мешавад.

б) зеро ҳарфи ц дар байни калима омадааст.

в) зеро ҳарфи ц ҳамсадои беҷаранг аст.

**13. Дар кадоме аз ин гурӯҳҳо имлои дурусти навишти ибораю калимаҳо риоя щудааст?**

а) ақал – ақаллият, ҳад – ҳадди эътидол, дур – дурри ягона, ҳал – ҳалли масъала.

б) аққал – аққалият, ҳадд – ҳадди эътидол, дурр – дуррри ягона, ҳалл – ҳалли масъала.

в) ақал – ақалият, ҳад – ҳади эътидол, дур – дури ягона, ҳал – ҳалли масъала.

**14. Пешвандҳои сифатсоз кадомҳоанд, бо реша ва асоси калима чӣ гуна навишта мешаванд?**

а) сифатҳое, ки аз калимаҳои мухталиф бо миёнвандҳои -ба, -бар, -дар таркиб ёфтааанд.

б) -ба, -бо, -бар, -дар, -но, - то бо реша ва асоси калима якҷоя навишта мешаванд.

в) - а, -ӣ, (-гӣ, вӣ).

**15. Кадом вақт сифатҳо ҷудо навишта мешаванд?**

а) сифатҳое, ки аз ибораи исмии изофӣ ва асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд.

б) сифатҳое, ки аз калима ба миёнвандҳои –ба, - дар сохта шудаанд.

в) сифатҳои муродифию мутаззодӣ ва гуногунмаъное, ки бо пайвандаки –у (- ю,-ву) омадаанд.

**16. Дар кадом мавридҳо шумораҳо бо дефис навишта мешаванд?**

а) нумеративи –то (-та) ва шуморае, ки бо рақам ифода ёфтааст.

б) шумораи касрӣ аз шумораи аслӣ.

в) шумораҳои тахминӣ.

**17. Дар кадом банд танҳо пасвандҳои сифатсоз омадаанд?**

а) – ӣ, - гӣ, - сор, - она.

б) – ҳо, -бон, -она, -ум.

в) –ӣ, -манд, -нок, - она, -чун.

**18. Бандаки хабарии шахси сеюми шумораи танҳо бо чӣ якҷоя навишта мешавад?**

а) бо сифати феълӣ.

б) бо шаклҳои нақлии феъл.

в) бо масдар.

**19. Пешвандҳои шаклсозе, ки бо феъли тасрифӣ якҷоя навишта мешаванд, дар кадом гурӯҳ ҷой доранд?**

а) – дар, - бар, -фур, - во, -боз.

б) – ам, - ӣ, - ед, - ем, - анд.

в) – би, - на, - ме, - ҳаме.

**20. Вазифаи асосии сифати феълӣ барои ифодаи сифат кадом аст?**

а) бо бандаки изофӣ алоқаманд шуда, ибораҳои мустақил месозад.

б) ба замоне далолат мекунад.

в) аломати ба амал ва ҳолат вобастаи предметро дар замоне ифода мекунад.

**21. Ҷузъи номии феъли ҳол такрор гардад, чӣ тавр навишта мешавад?**

а) якҷоя навишта мешавад.

б) бо дефис навишта мешавад.

в) ҷудо навишта мешавад.

**22. Бандаки аст агар дар шакли ст ояд, бо калимаи пешина чӣ гуна навишта мешавад?**

а) аз ҳиссаҳои номии нутқ ҷудо навишта мешавад.

б) бо сифати феълӣ, феъли нақлӣ ҳамроҳ навишта мешавад.

в) бо калимаи пеш омадаи худ ҳамроҳ навишта мешавад.

**23. Агар калимаи хулосакунанда пеш аз аъзои чидаи ҷумла ояд, баъди он кадом аломати китобатӣ гузошта мешавад?**

а) нуқтавергул б) тире в) дунуқта

**24. Аввал мухотаб дар аввал ё охири ҷумла омада, бо ҳиссиёте гуфта шавад,пас аз он кадом аломат гузошта мешавад?**

а) савол б) хитоб в) нохунак

**25. Аъзои туфайлӣ аз аъзои дигари ҷумла бо кадом аломат ҷудо карда мешавад?**

а) вергул б) дунуқта в) хитоб

**26. Агар ҷумла нотамом монад, ё ягон қисми он партофта шавад,дар навишт ба кадом аломат эҳтиёҷ пайдо мешавад?**

а) нуқтавергул б) сенуқта в) тире

**27. Агар хабари ҷумла бо ҳиссаҳои номии нутқ ифода гашта, бандакҳои хабарӣ нагирад,пеш аз он кадом аломат гузошта мешавад?**

а) тире б) вергул в) дунуқта

**28. Дар ҷумлаи "Ба фикри ман ин зимистон беҳтарин зимистонҳои мо шуд"(С.А.)кадом аломат намерасад ва баъди кадом калима?**

а) тире,баъди "зимистон" б) вергул,баъди "ман" в) ягон аломат лозим нест

**29. Нохунак бо чӣ серистеъмол аст?**

а) мухотаб б) баёнияи истисноӣ в)нутқи айнан нақлшуда

**30. Дар ҷумлаи зерин кадом аломат намерасад ва дар куҷо: "Чоштгоҳ ба мо як лаб нони қоқ зиёдатии сари дастурхон ва ҳар хел нонпораҳои равғанолуд ва кӯҳнаро доданд" (Ҷ.И.) ?**

а) қавс,пеш аз калимаи "зиёдатии" ва баъди "кӯҳна"

б) тире, баъди калимаи "қоқ"

в) вергул,баъди калимаҳои "қоқ" ва "кӯҳна"

## Мавзӯъҳои дарсии назорати фосилавии дуюм:

| *Ҳафта* | *Соат* | ***Мавзӯи дарс*** | ***Корҳои мустақилона*** | ***Балли ҳадди аксар*** |
|---|---|---|---|---|
| *7.* | *1* | Воҳидҳои фразеологӣ ва мавқеи истифодаи онҳо. | Аз асарҳои бадеӣ ҷумлаҳоеро нависед, ки воҳидҳои фразеологӣ истифода шуда бошанд. | *3* |
| | *1* | Маълумоти роҷеъ ба услубҳои забон. | Тафовути асосии услубҳоро номбар намуда, бо мисолҳо фаҳмонед. | |
| *8.* | *1* | Услуби расмӣ-коргузорӣ. | Хусусиятҳои асосии услуби расмии коргузориро номбар кунед. | *3* |
| | *1* | Истилоҳотшиносӣ ва фарҳангҳои истилоҳоти (соҳавӣ). | Калимаву ибораҳои тахассусиро ёбед, ки дар забони тоҷикӣ истеъмол мешаванд. | *3* |
| *9.* | *1* | Мундариҷаи таълими ҳуҷҷатнигорӣ | Намунаҳои барҷастатарини санаднигорӣ дар кадом асарҳои бузургони адабиёти мо дида мешаванд? Бо мисолҳо асоснок намоед. | 3 |
| | *1* | Танзими ҳуҷҷатҳои хизматӣ | Матни додашударо хонед ва хулоса атонро ба таври ариза баён кунед. | 3 |
| *10* | *1* | Ариза ва талаботҳои он. Ваколатнома ва намудҳои он. | Аз машқҳои додашуда истилоҳоти соҳавӣ, ибораҳои фразеологӣ ва калимоти номафҳумро ҷудо карда, маънидод кунед. | 3 |
| | *1* | Забонхат ва ҷузъҳои он. Тасдиқнома ва ҷузъҳои он.Тавсифнома ва қис- | 1.Фарқи ваколатнома аз забонхат дар чист?<br>2. Барои гирифтани идрорпулии | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | матҳои асосии он. | ҳамкурсатон забонхат нависед. | |
| 11 | 1 | Гузоришнома ва ҷузъ- ҳои асосии он. Шарҳи ҳол ва муаррифинома. | 1.Таҳиякунандаи гузоришнома чӣ имкониятҳо дорад ? 2. Намунаи гузоришномаи мутаал- лиқ ба корхонаро нависед. Шарҳи ҳоли худро нависед. | 3 |
| | 1 | Дархост ва тавзеҳнома Номаҳои расмӣ ва навъҳои он. | 1.Матни додашударо бодиққат хонед ва хулосаи худро баён намуда, ба саволу супоришҳо ҷавоб диҳед. 2. Ҳамчун корманди маркази компютерӣ барои таъмири асбоби чопкунӣ ба унвони сардори марказ дархост нависед. | 3 |
| 12 | 1 | Фармон ва намудҳои он Беруннависи фармон. Амр ва мавриди содир гардидани он. | 1. Ҳамчун сардори корхона барои бо подошпулӣ сарфароз гардонидани корманд фармон содир намоед. 2. Тафовути амр аз фармонро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳед. | 3 |
| | 1 | Роҳҳо ва усулҳои тар- ҷумаи матни ихтисосӣ ( аз русӣ ба тоҷикӣ) бо ҷудо намудани луғати он аз матн. | Оид ба ихтисоси соҳаи худ матне интихоб намуда, тарҷума кунед. | |

**Супоришҳои маҷмӯи корҳои хонагӣ барои назорати**

**фосилавии дуюм**

| № | Номгӯи супоришҳо | Мӯҳлат | Ҳаҷм |
|---|---|---|---|
| 1. | Навиштани намунаи ҳуҷҷатҳои расмӣ | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз ду ҳуҷҷати расмӣ |
| 2. | Иҷрои машқҳо аз рӯи дастур оид ба «Ҳуҷҷатнигорӣ» | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз ду дарс оид ба омӯзиши ҳуҷҷатнигорӣ. |
| 3. | Навиштан ва маънидод намудани воҳидҳои фразеологӣ. | аз рӯи тақвими дарсӣ | 20 воҳиди фразеологӣ |
| 4. | Аз эҷодиёти шоирони классик аз ёд намудани ғазалҳо ва шарҳи калимаҳои душворфаҳм. | аз рӯи тақвими дарсӣ | Аз ёд намудани чор ғазал . |

**Саволҳои назоратии НФ № 2**

1. Вобаста ба кадом вазифаи худ  забони адабии тоҷик ба шохаҳои мухталифи услубӣ ҷудо мешавад ?

2. Хусусиятҳои асосии услуби расмии коргузориро номбар кунед.

3. Вазифа ва аҳамияти асосии санад ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон.

4. Намунаҳои барҷастатарини санаднигорӣ дар асарҳои бузургони адабиёти мо.

5. Ҷиҳати фарққунандаи услуби расмии коргузориро аз ҷиҳати лексикӣ,синтаксисӣ ва грамматикӣ бо мисолҳо шарҳ диҳед.

6. Танзими ҳуҷҷатҳои хизматӣ.Ариза ва талаботҳои он.

7. Тасдиқнома барои чӣ дода мешавад ва дар он чиҳо дарҷ меёбанд ?

8. Вазифаи асосии ваколатнома аз чӣ иборат аст ва чанд намуд дорад ?

9. Хусусиятҳои асосии забонхат ҳамчун ҳуҷҷат кадомҳоянд ?

10. Дар гузоришнома кадом масъала мавриди баррасӣ қарор мегирад ?

11. Мазмуни шартомаи меҳнатиро кадом санадҳо муқаррар мекунанд ?

12. Фармонҳои меъёрӣ аз фармонҳои инфиродӣ чӣ тафовут доранд ва дар кадом мавридҳо содир карда мешаванд?

13. Мазмуни шартномаи меҳнатиро кадом санадҳо муқаррар мекунанд?

14. Тавзеҳнома чӣ гуна санад аст ва ба кадом мақсад навишта мешавад?

## Супоришҳои тестии назорати фосилавии № 2

**1. Аз рӯи кадом аломатҳо таснифи ҳуҷҷатҳоро гузаронидан мумкин аст?**

а) аз рӯи тарзи иттилоотдиҳӣ

б) аз руи фарқият ва монандӣ

в) аз рӯи мукотиботи воридотию содиротӣ

**2. Аз рӯи мазмун ҳуҷҷатҳо ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?**

а) ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ, молиявию ҳисобӣ, таъминотию фурӯшӣ

б) ҳуҷҷатҳои ҳисоботию амрӣ

в) ҳуҷҷатҳои дохилию берунӣ

**3. Аз рӯи тарзи иттилоотдиҳӣ ҳуҷҷатҳо ба кадом гурӯҳҳо тақсим мешаванд?**

а) ҳуҷҷатҳои мӯҳлатӣ нигоҳдориаш муваққатӣ

б) ҳуҷҷатҳои нишонаҳои натиҷаи меҳнатӣ

в) ҳуҷҷатҳои хаттӣ, графикӣ, суратӣ ва овозӣ

**4. Ҳуҷҷатҳои расмӣ аз рӯи таъинот ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд?**

а) дохилию берунӣ

б) аслӣ ва нусха

в) хаттию графикӣ

**5. Ариза санадест, ки:**

а) хабари расмӣ ё хоҳише баён мешавад

б) бар зидди касе чун эътироз баён мешавад

в) тавассути он ба шахсе ҳуқуқ дода мешавад, ки кореро анҷом диҳад

**6. Аз рӯи мазмун ва мундариҷа ариза мешавад:**

а) аризаи ба кор қабул шудан, аризаи рухсатии меҳнатӣ

б) аризаи роҳбари корхона таъин шудан

в) аризаи ба молу амволи корхона соҳиб шудан

**7. Дар кадом гурӯҳ тарҷумаи ин истилоҳҳо дуруст аст?**

а) шарҳи ҳол- автобиография, б) шарҳи ҳол- автобиография,

дархост – заявка, дархост – заявка,

амвол – пособие, амвол – имущество,

в) шарҳи ҳол- библиография, г) шарҳи ҳол- автобиография,

дархост – заявление, дархост – заявка,

амвол – пособие, амвол – пособие,

**8. Давоми мисраи зерин дар кадом сутун дуруст омадааст:**

Ҳошо, ки ғайри дӯст кунад ҷо ба чашми ман:

а) Ҷонро фидо кунем, ки сад ҷон фидои дӯст

б) Дидан наметавон дигареро ба ҷои дӯст

в) Аҳбоб сар зананд ба гирди сарои дӯст

**9. Гурӯҳи калима ва ибораҳоеро, ки ба маънои маҷозӣ омадаанд, ҷудо намоед:**

а) ҷонро фидо кунем, ҷафои дӯст

б) дасти дуо, дидан наметавон

в) мулоҳизаи маргу зист, аҳбоб сар зад

**10. Барои гузаронидани вохӯрӣ бо шоир Мӯъмин Қаноат кадом ҳуҷҷати расмиро таҳия кардан лозим аст:**

а) ариза

б) даъватнома

в) таклифнома

**11. Дар асоси ваколатномаи расмӣ;**

а) муносибатҳои ташкиливу молиявии муассисаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад

б) ба гирифтани маблағҳои пулӣ имконият фароҳам мегардад.

в) муносибатҳои пулию молии муассисаҳои давлатӣ аз эътибор соқит мешаванд.

**12. Дар асоси ваколатномаи хусусӣ:**

а) фаъолиятҳои молию ташкилии ашхоси алоҳида амалӣ мегардад.

б) муносибатҳои дохилию берунии корхонаҳо ба низом даровarda мешавад.

в) ваколатҳои шахсони алоҳида барҳам дода мешавад.

**13. Тасдиқнома дода мешавад:**

а) тибқи дастури шахси алоҳида

б) тибқи дастури сармуҳосиби корхона

в) тибқи дастури мақоми расмӣ

**14. Тавсифнома пешниҳод мешавад:**

а) ба идораи дафтардорӣ

б) ба шӯъбаи кадрҳо

в) ба муассисаи омӯзишӣ

**15. Давоми суханони Нӯшервони одилро, ки гуфт: «Намак ба қимат биситон, то расме нашавад…»**

а) ва манзил хароб нагардад

б) ва деҳ хароб нагардад

в) ва хонаи амир хароб нагардад

**16. Давоми мисраи ғазали Бедил, ки гуфтааст:**

**Чун ҳубоб аз шайхии зоҳид мапурс!**

а) Шӯри ин савдо ба бозор асту бас.

б) Аз замин то чарх ҳамвор асту бас.

в) Ин сари бемағз дастор асту бас!

**17. Кадом ҳуҷҷат дар шакли мухтасар бояд навишта шавад?**

а) таъйиднома,

б) беруннависи суратмаҷлис

в) тавсифнома

**18. Барои ҳалли масъалаҳои фаврӣ содир намудани кадом ҳуҷҷат зарур аст?**

а) қарордод

б) дархост

в) амр

**19. Дар кадом навъи ҳуҷҷати расмӣ ҷараёни баррасии масъалаи**

**мақомоти марбута зикр мегардад?**

а) гузоришнома

б) суратмаҷлис

в) кафолатнома

**20. Дар кадом гурӯҳи ҳуҷҷатҳо тартиби рақамии ҳуҷҷат сабт мешавад?**

а) тасдиқнома, ваколатнома, шарҳи ҳол

б) қарордод, фармон, суратмаҷлис

в) кафолатнома, амр, забонхат

**21. Маъмултарин намуди қарордод кадом аст ва он дар байни кӣ баста мешавад?**

а) қарордодҳои молумулкӣ, ки байни ду нафар баста мешавад

б) қарордодҳои иқтисодӣ, ки санадҳои қонунӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқиро муқаррар мекунад ва байни ду корхона баста мешавад

в) қарордоди меҳнатӣ, ки байни коргар ва корхона, муассиса ва ташкилот баста мешавад

**22. Кадом санади ҳуқуқиест, ки барои ҳалли масъалаҳо аз муассисаи дигар дархост намуда, пардохти вайро ба эътибор мегирад?**

а) фармон

б) амр

в) кафолатнома

**23. Тавассути кадом ҳуҷҷат муассиса ё шахсе ба касе ҳуқуқ медиҳад, ки кореро иҷро намояд?**

а) кафолатнома

б) ваколатнома

в) тавсифнома

**24. Барои гирифтани стипендия (идрорпулӣ) – и ҳамкурсатон кадом ҳуҷҷат лозим аст**?

а) забонхат

б) ваколатнома

в) тавсифнома

**25. Кадом санад ба унвони роҳбари муассиса ё мақомоти боло навишта мешавад?**

а) Кафолатнома

б) Гузоришнома

в) Забонхат

**26. Барои ба таҷрибаомӯзии хориҷӣ рафтан Шумо аз кадом ҳуҷҷатҳо истифода менамоед?**

а) ариза

б) ваколатнома

в) забонхат

**27. Дар кадом санад ягон чизи мавриди ниёз, эҳтиёҷ (пул, мол) зикр мешавад?**

а) дархост

б) гузоришнома

в) забонхат

**28. Кадом ҳуҷҷат шакли умумӣ надорад?**

а) ариза

б) шарҳи ҳол

в) баёнот

**29. Роҳбари идораи давлатӣ ё шӯъбаи он барои ҳалли вазифаи муҳим аз кадом ҳуҷҷат истифода менамояд?**

а) фармон

б) кафолатнома

в) дархост

**30. Шумо барои гирифтани маводҳои таълимӣ кадом ҳуҷҷатро менависед?**

а) дархост

б) номаҳои расмӣ

в) гузоришнома

**31. Дар бораи ҷараёни баррасии масъала ва қарори маҷлис кадом ҳуҷҷат истифода мешавад?**

а) Дархост

б) Суратмаҷлис

в) Таъйиднома

**32. Донишҷӯе, ки тирезаи даҳлези донишгоҳро шикастааст ва ваъда додааст, ки ҳаққи арзиши онро пардохт менамояд, бо кадом ҳуҷҷат фикрашро баён менамояд?**

а) тавзеҳнома

б) забонхат

в) суратмаҷлис

**33. Дар кадом санад мувофиқаи тарафҳои манфиатдор дар бораи барқарор намудани муносибате ба зикр шудааст?**

а) қарордод

б) кафолатнома

в) таъйиднома

**34. Директори корхонаи хусусӣ бо корхонаи Шумо ҳамкорӣ кардан мехоҳад. Вай аз кадом санад истифода бурда метавонад?**

а) таъйиднома

б) номаи ташаббусӣ

в) қарордод

**35. Кадом санад ҳодиса ё амали воқеъшударо тасдиқ менамояд?**

а) шартномаи меҳнатӣ

б) таъйиднома

в) гузоришнома

**36. Кадом ҳуҷҷат барои ба кор гирифтан ё шомил шудан ба муассисаи таълимӣ дода мешавад?**

а) муаррифнома

б) гузоришнома

в) тавсифнома

| Мавзӯъҳои дарсии назорати фосилавии сеюм: | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 13 | 1 | Суратмаҷлис ва талаботҳои он. Тарзи нигориши қарори маҷлис. | Намунаи суратмаҷлисро бо назардошти талаботҳояш нависед. | |
| | 1 | Қарордод ва ҷузҳои он. Қарордоди меҳнатии тарафайн ва шартҳои бастани он. | Ҳамчун директори корхонаи хусусӣ бо мутахассисе, ки бо шумо ҳамкорӣ кардан мехоҳад, шартномаи меҳнатӣ бандед. | |
| 14 | 1 | Таъйиднома ва ҷузъҳои асосии он. Кафолатнома ва ҷузъҳои он | 1. Оид ба молу амволи китобхонаи донишгоҳ таъйиднома тартиб диҳед.<br>2.Шумо роҳбари корхонаи «Нилуфар» мебошед.Намунаи кафолатномаи бозпардохти қарзро тартиб диҳед. | |
| | 1 | Сафария ва сабабҳои ба коргар додани он. Барқия ва мавридҳои истифода шудани телефоннигошт | Барои ба сафари хизматӣ рафтан аризаи худро нависед.<br>Матнро бодиққат хонед ва саволу супоришашро иҷро кунед. | |
| 15 | 1 | Хусусиятҳои асосии луғати истилоҳӣ аз дигар луғатҳои тафсирӣ.Намунаҳои луғат. | Оид ба ихтисоси соҳаи худ луғати ихтисосӣ тартиб диҳед. | |
| | 1 | Даъватнома ва эълон | Ҳамчун раиси Созмони ҷавонон намунаи эълонро нависед. | |
| 16 | 1 | Мактубҳои хизматӣ. Намудҳои мактубҳои | Мактуби хизматӣ ва замимаи он чӣ гуна таҳия мегардад ? | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | хизматӣ. | Намунаи мактубҳои хизматиро бо назардошти талаботҳояш нависед. | |
| | 1 | Дафтарчаи корӣ | Супоришҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои расмӣ ва истилоҳоти тахассусӣ мансуб аст, дар дафтаратон нависед. | |

## Супориши маҷмӯи корҳои хонагӣ барои назорати фосилавии сеюм

| № | Номгӯи супоришҳо | Мӯҳлат | Ҳаҷм |
|---|---|---|---|
| 1. | Аз рӯи ихтисос тартиб додани кроссворд. | аз рӯи тақвими дарсӣ | Иборат аз як саҳифа |

## Саволҳои назоратии НФ № 3

1. Кафолатнома чӣ санад буда, аз кадом ҷузъҳо иборат аст ?

2. Таъйиднома дар кадом мавридҳо тартиб дода мешавад ?

3. Маъмурияти муассиса дар асоси таъйиднома кадом ҳуҷҷатҳоро содир мекунад ?

4. Сафария чӣ санад аст ? Он ба коргар ё корманд барои чӣ дода мешавад?

5. Барқия ба кадом навъҳо тақсим мешавад ва онҳо чӣ фарқият доранд ?

6. Фонди асосии луғавӣ бо кадом калимаҳо аз таркиби луғавӣ фарқ мекунад?

7. Таркиби луғавӣ бо кадом роҳҳо бой мегардад ?

8. Эълон чист ва аз кадом қисматҳо иборат аст ?

9. Намудҳои мактуби хизматиро номбар карда, тафовуташонро бо мисолҳо фаҳмонед.

10. Дафтарчаи кор чист ва барои чӣ лозим аст ?

## Супоришҳои тестии НФ № 3

**1. Ҳодиса ё амали воқеъшударо кадом санад тасдиқ менамояд ?**

а) кафолатнома б) даъватнома в) таъйиднома

**2. Агар иҷрои кор фурсати камро тақозо намояд ба воситаи кадом ҳуҷҷат фиристода мешавад ?**

а) барқия б) телефоннигошт в) эълон

**3. Ба коргар ё корманд барои иҷрои вазифае дар ин ё он муассиса кадом ҳуҷҷат дода мешавад ?**

а) сафария б) тасдиқнома в) фармон

**4. Тавассути кадом ҳуҷҷат мақоми расмии созмон ё муассиса аз мақоми расмии созмон ё муассисаи дигар иҷрои хадамотеро дархост менамояд ?**

а) таъйиднома б) кафолатнома в) ваколатнома

**5. Дар бораи рӯйдод ё икдомоте кадом санад пешакӣ хабар медиҳад ?**

а) эълон б) даъватнома в) гузоришнома

6. **Баъди таҳияи кадом санад комиссия ( ё шахси таҳиякунанда) мақомоти манфиатдорро бо мазмуни он ошно менамояд?**

а) тавзеҳнома б) гузоришнома в) таъйиднома

**7. Кадом санадро метавонед ба тариқи ғайрирасмӣ таҳия намоед?**

а) эълон б)гузоришнома в) суратмаҷлис

**8.Кадом санад ҳангоми бозрасии масъалаҳои мухталиф (тасдиқи ин ё он амали воқеъшуда), озмоиши маҳсулоти нав ва ихтироот, қабули биноҳо**

**барои баҳрабардорӣ, аз байн бурдани санадҳо ва ғайраҳо тартиб дода мешавад?**

а) фармон б) қарордод в) таъйиднома

**9. Номае, ки як муассиса/созмон барои дарёфти тавзеҳот, дастурамал, ахбори иловагӣ ё мавод (мол) ба муассиса ё созмони дигар менависад, чӣ гуна нома аст?**

а) номаи ташаббусӣ

б) пайвастнома

в) ваколатнома

10. **Дар кадом санад матн ҳиҷо ба ҳиҷо бояд хонда шавад?**

а) эълон б) телефоннигошт в) посухнома

**Е Омилҳои таълимдиҳӣ:**

Истифодаи методҳои коммуникативӣ ва бевоситаи таълимӣ (бозиҳои мухталифи таълимӣ, лаҳзаҳои технологияи омӯзиши фосилавӣ, методи бевоситаи омӯзиш дар якҷоягӣ бо методҳои тадқиқотӣ; методҳои истифодаи воситаҳои техникии таълимӣ, аз ҷумла намоиши расмҳо, ҷадвалҳо,слайдҳо, филмҳо ва ғайра, инчунин истифодаи воситаҳои аёнӣ (маводи рӯзнома ва маҷаллаҳо, карточкаҳо, таблитсаҳо ва ғайра).

**Ж Системаи баҳодиҳӣ (шакли назорат ва меъёри баҳодиҳӣ)**

Фаъолияти донишҷӯй мутобиқи системаи баҳодиҳии даҳбаллӣ муайян мешавад. Ҳар як вазифа меъёри баҳогузории худро мувофиқи баллҳо дорост:

Ҷавоби вазифаи хонагӣ (дар назди тахта)- то 3 балл;

Ҷавоби вазифаи хонагӣ (аз ҷой) – то 3 балл;

Аз ёд гуфтани шеър – то 3 балл;

Тарҷумаи матн – то 5 бал

Супоридани назорати фосилавӣ– то 138 балл;

Иштирок дар дарсҳо – 2 балл

Супоридани корҳои санҷишӣ – то 50 балл

Ҷавоб ба ҳар як саволи тест – 1 балл

Барои ба комёб ноил гаштан, на кам аз 138 балл бояд гирифт. Бояд дар хотир дошт, ки дар ин ҳолат ҳам 10 фоизи донишҷӯён аз санҷиш намегузаранд, яъне донишҷӯёни аз ҳама охири рӯйхат (мувофиқи баллҳо) дар назар дошта шудааст.

Дар дарсҳо ҷавобҳо даҳонӣ ва хаттӣ сурат мегиранд. Ҷамъбасти ниҳоии курс санҷиш буда, дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои хонагӣ, мустақилона, ҷавоб дар аудитория ва супориши назорати ҷорӣ гузошта мешавад.

## 3 **Масъулияти донишҷӯён ва талабот нисбати онҳо:**

Иҷрои супоришҳо ва вазифаҳо кӯшишу ғайрати донишҷӯёнро нисбати таълим инъикос мекунад. Дар дарсҳо бесабаб иштирок накардан, ҳангоми ҷамъбасти хониш таъсири калон расонида метавонад, зеро дар дарс ҳозиру ғоиби донишҷӯён сурат мегирад. Иштироки фаъолона дар дарсҳо бешубҳа ба баҳои ҷамъбастӣ таъсири мусбати худро мерасонад.

Ҳамаи вазифаҳо ва супоришҳои мавҷуда бояд саривақт, дар мӯҳлати муқарраргашта иҷро карда шаванд. Корҳое, ки бесабаб дертар тайёр карда мешаванд, ба эътибор гирифта намешаванд. Донишҷӯён бояд саъю кӯшиш намоянд, вазифаҳоро то қадри имкон

амиқ, пурра ва ҳаматарафа тайёр кунанд, то соҳиби баҳои ниҳоии ҳадди ақал гарданд.

### Талаботи иловагӣ ҳангоми тайерӣ ба дарсҳо

Омӯзиши забон, дар қиёс бо фанҳои дигар, тайёрӣ ва омодагии ҳамарӯзаро талаб мекунад. Бояд мунтазам, мақсаднок ва амиқ баҳри омӯзиши забон заҳмату меҳнат кашид. Баҳри иҷрои вазифаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ҷиддӣ ва бо масъулияти баланд бояд муносибат намуд.

## Ж. Сиёсати баҳогузорӣ.

### Низоми холгузорӣ ва ҳарфгузории баҳодиҳии дониш

| Давра | Меъёри баҳогузорӣ | Бо ифодаи фоизӣ (аз 600 хол) | Холҳои имконпазир, на бештар |
|---|---|---|---|
| I | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо (мунтазам навиштани конспект ба таври таъҷилӣ ҳал кардани мисолҳо, зуҳури худташаббусӣ). | | 0-50 |
| | **Ҳангоми дарсшиканӣ:**<br>• 0 соат (1 соат = 50 дақиқа)<br>• то 3 соат<br>• аз 4 то 6 соат<br>• аз 7 ва бештар соат – донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил (КЭМ) барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | аз 50 зиёд<br>на беш аз 40<br>на беш аз 20<br>КЭМ |
| | **Пешакӣ супоридани корҳои семестрӣ** | 8,3% | 0-50 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳангоми пеш гузаштан аз вақти супоридани корҳои контролӣ то 3 рӯз ва риояи яке аз шартҳои зерин:<br>а) иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ<br>б) тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Дар вақти муайяншуда супоридани корҳои семестрӣ:**<br>➢ иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ ва ё тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Қафомонӣ аз ҷадвали супоридани корҳои семестрии донишҷӯ:**<br>• на бештар аз як рӯз – натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 10 хол кам карда мешавад<br>• то 3 рӯз - натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 20 хол кам карда мешавад<br>• беш аз 3 рӯз - донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | 50<br>50<br>на беш аз 40<br>Холи умумӣ тарҳи 10<br>Холи умуми тарҳи 20<br>КЭМ |
| | Назорати фосилавии якум (НФ-1) | 6,3% | 0-38 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Холҳои умумии давраи якум** | **23%** | **0-138** |
| **II** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо (мунтазам навиштани конспект ба таври таъҷилӣ ҳал кардани мисолҳо, зуҳури худташаббусӣ). | 8,3% | 0-50 |
| | **Ҳангоми дарсшиканӣ:**<br>•0 соат (1 соат = 50 дақиқа)<br>•то 3 соат<br>•аз 4 то 6 соат<br>•аз 7 ва бештар соат – донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | аз 50 зиёд<br>на беш аз 40<br>на беш аз 20<br>КЭМ |
| | **Пешакӣ супоридани корҳои семестрӣ**<br>Ҳангоми пеш гузаштан аз вақти супоридани корҳои контролӣ то 3 рӯз ва риояи яке аз шартҳои зерин:<br>а) иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ<br>б) тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Дар вақти муайяншуда супоридани корҳои семестрӣ:**<br>➢ иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ ва ё тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Қафомонӣ аз ҷадвали супоридани корҳои** | | 50<br>50<br>на беш аз 40 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **семестрии донишҷӯ:**<br>• на бештар аз як рӯз – натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 10 хол кам карда мешавад<br>• то 3 рӯз - натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 20 хол кам карда мешавад<br>• беш аз 3 рӯз - донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | Холи умумӣ тарҳи 10<br>Холи умуми тарҳи 20<br>КЭМ |
| | Назорати фосилавии дуюм (НФ-2) | 6,3% | 0-38 |
| **Холҳои умумии давраи дуюм** | | **23%** | **0-138** |
| **III** | Иштироки фаъолона дар машғулиятҳо (мунтазам навиштани конспект ба таври таъҷилӣ ҳал кардани мисолҳо, зуҳури худташаббусӣ) ҳангоми дарсшиканӣ: | 4% | 0-30 |
| | • 0 соат (1 соат = 50 дақиқа)<br>• то 2 соат<br>• аз 3 ва бештар соат – донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | 30<br>на беш аз 10<br>КЭМ |
| | **Пешакӣ супоридани корҳои семестрӣ:**<br>Ҳангоми пеш гузаштан аз вақти | 4,1% | 0-30 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | супоридани корҳои контролӣ то 3 рӯз ва риояи яке аз шартҳои зерин:<br>а) иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ<br>б) тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Дар вақти муайяншуда супоридани корҳои семестрӣ**<br>➢ иҷрои вазифаҳо бо истифодаи компютер ва ё иҷрои вазифаҳо бо забони хориҷӣ ва ё тайёр намудани презентатсия дар мавзӯи корҳои семестрии донишҷӯ<br>**Қафомонӣ аз ҷадвали супоридани корҳои семестрии донишҷӯ:**<br>• на бештар аз як рӯз – натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 10 хол кам карда мешавад<br>• то 3 рӯз - натиҷаҳои ба даст овардаи донишҷӯ 20 хол кам карда мешавад<br>• беш аз 3 рӯз – донишҷӯ ба комиссияи экспертии мустақил барои қабул намудани қарор равона карда мешавад. | | 30<br>30<br>холи умуми тарҳи 10<br>0<br>КЭМ |

| | | |
|---|---|---|
| **Холҳои умумии давраи сеюм** | **12,1%** | **0-49** |
| **Ҷамъи 1+2+3** | **54,1** | **0-325** |
| **Назорати ҷамъбастӣ дар асоси супоридани имтиҳони ҷамъбастӣ ва бо назардошти** | | **0-250** |

| | | |
|---|---|---|
| **алтернативии омилҳои зерин бо розигии тарафайни омӯзгор ва донишҷӯ:**<br><br>Компоненти ҳатмӣ: | **41,9** | |
| **Холи маъмурӣ, ки аз ҷамъи ду компонент ҳосил шудааст (а+б):** | **4%** | **0-25** |
| а) иштирок дар чорабиниҳо (шанбегиҳо, якшанбегиҳо, барномаҳои рушди умумифакултетӣ) ҳангоми иштироки бетанаффус – 12 хол, ҳангоми дар як чорабинӣ иштирок накардан – 0 хол<br><br>б) иштирок дар КВН, мусобиқаҳои варзишӣ, кружокҳо бо хоҳиш (дар якҷоягии деканатҳо бо Маркази бақайдгирӣ муқаррар карда мешавад) | | аз 0 то 25 хол<br><br>аз 0 то 25 хол |
| **Ҳамагӣ** | **0% - 100%** | **0 – 600** |

| **Ифодаи ҳарфии баҳо** | **Ифодаи ададии баҳо** | **Миқдори баллҳои мувофиқ** |
|---|---|---|
| A | 10 | 571-600 |
| A⁻ | 9 | 541-570 |
| B⁺ | 8 | 511-540 |
| B | 7 | 481-510 |
| B⁻ | 6 | 451-480 |
| C⁺ | 5 | 421-450 |
| C | 4 | 391-420 |
| C⁻ | 3 | 361-390 |
| D | 2 | 331-360 |
| D⁻ | 1 | 301-330 |

| | | |
|---|---|---|
| F | 0 | 0-300 |

# ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ ХӮРОКВОРӢ

**«А»**

**Акацевый-ақоқиёгӣ**

**Апельсин-афлесун**

**Ароматизатор-хушбуйкунанда**

**Ананасовый фраппе-нӯшокии фраппеи ананасӣ**

**«Б»**

**Белки-сафедаҳо**

**Брожение-дамхурӣ**

**Бочки-бушкаҳо**

**Белокочанная копуста-каллакарами сафед**

**Блинчики-чалпакчаҳо**

**Базилик-райҳон**

**Бортик-деворча**

**Брусочки-чортарош**

**Бачоночки-лундашакл**

**Бульон-обчӯш**

**Брюква-харшалгам**

**Бифштекс с яйцом-бифштекс бо тухм**

**Банановый десерт-ширавори бананӣ**

**«В»**

**Варианты-гунаҳо**

**Вино-май**

**Влажность-намнокӣ**

**Выход-ҳосил**

**Водяная баня-гармобаи обӣ**

**Вязкости-часпакӣ**

**Воздушное тесто-хамири ҳавоӣ**

**Взбивание-латзанӣ**

**Выделяются-тарованда**

**Варенье-мураббо**

**Виноград-ангур**

**Вишня-олуболу**

**Визига-пушти моҳӣ**

**Вкусовые и ароматические вещества-моддаҳои хуштаъм ва хушбӯй**

**Вытяжка-ҷӯшонида**

**Виннокаменная кислота-тезоби шаробӣ**

**Валик-галиакча**

**Винегрет овощной-винегрети сабзавотӣ**

**«Г»**

**ГОСТ-талаботи стандарсҳои давлатӣ**

**Гигроскопичность-намкашӣ**

**Густая-ғализ**

**Герметичный-банкаҳои ҳавояшон кашидагӣ**

**Гидрожир-обчарб**

**Грибы сушеные-занбуруғҳои хушк**

**Груша-нок**

**Глазированные фрукты-меваҷоти сир давонидашуда**

**Гречка-марҷумак**

**Грецкий орех-чормағзи юнонӣ**

**Горький-талх**

**Гвоздика-мехак**

**Грильяжная крошка-майдарезаҳои лавзӣ**

**Гречневая каша-шавлаи резонаки марҷумакӣ**

**Грудинка фаршированная-сари синаи куфтаандохта**

**Глубобкая сковорода-тобаи чуқур**

**«Д»**

**Дрожевое тесто-хамири хамирмоягӣ**

**Диетические-парҳезӣ**

**Дефростация-ба ҳолати муқаррарӣ овардан**

**Джем-ҷем**

**Диаметр-қутри**

**Дисертные вина и коньяк-майҳои диссертӣ ва коняк**

**Дольки-порагӣ**

**Диета-парҳез**

**«Е»**

**«Ж»**

**Жиры-чарбҳо**

**Жидкое тесто-хамири моеъ**

**Жестяные банки-банкаҳои тунукагӣ**

**Животные-ҳайвонотӣ**

**Жиры для жарки-чарбҳо барои бирёнкунӣ**

**Желеобразное-бастамонанд**

**Жженка-қанди сухта**

**Жгут-бандина**

**Жарочный шкаф-бирёнчевон**

**«З»**

**Заказчик-дархостгар**

**Заварное тесто-хамири пухташуда**

**Загрезнено-ифлосӣ**

**Земляника садовая-землряникаи боғӣ**

**Запеченные овощи-сабзавоти тафтпаз**

**Закуска-газак**

**«И»**

**Иструкция-дастурамалҳо**

**Изюм-мавиз**

**Индигокармин-кармини нилӣ**

**«К»**

**Карта-харита**

**Кондитер-қаннод**

**Красители-маводи рангкунӣ**

**Крахмал-оҳар**

**Консистеция-ғилзат**

**Клейковина-ширешак**

**Крошливая-мулоим**

**Кислород-оксиген**

**Клейстеризуется-шах гаштан**

**Калорийность-ғизонокӣ**

**Кислота-тезолб**

**Кондитарский-қаннодӣ**

**Комбинированные-омехта**

**Кулинарные-таббоҳир**

**Крупы-ярма**

**Кисло-сладкий-нордон**

**Клетки-ҳуҷайраҳо**

**Кофе-қаҳва**

**Крепость-устувор**

**Какао-порошок-хокаи какао**

**Кофе натуральный молотый-қаҳваи табиии суда**

**Краситель из свеклы-ранг аз лаблабу**

**Каратины-каратинҳо**

**Корица-дорчин**

**Корзинки-сабадчах,о**

**Кружочки-гирдак**

**Кубики-мукаъабча**

**Кабачок-кадуча**

**Картофель отварной-картошкаи пухта**

**Кракеры-кракерҳо**

**Компот из смеси сухофруктов-нӯшокӣ аз омехтаи хушкмеваҳо**

**«Л»**

**Лабораторный-озмоишгоҳӣ**

**Липовый-зерфунӣ**

**Лецетин-летсетин**

**Лук репчатый-бехпиёз**

**Лимонный сок-шарбати лиму**

**Ложка-чумча**

**Лапша-туппа**

**Ломтики-қаламӣ**

**Лапшевник с творогом-угро бо фалла**

**Лавровый лист-барги дарахти ғор**

**Лососевая рыба-озодмоҳи**

**«М»**

**Металы-фулузҳо**

**Малоупругая-камчандир**

**Мед натуральный-асали табиӣ**

**Менеральный-маъдани**

**Металические бочки-бушкаҳои фулузӣ**

**Менеральные вещества-моддаҳои маъданӣ**

**Масса-вазн**

**Мешки-халтачаҳо**

**Молоко сгущенное с сахаром-ширқиёми қанддор**

**Молочные продукты-маҳсулоти ширӣ**

**Молоко сгущенное-ширқиём**

**Масло сливочное-равғани маска**

**Масло растительное-равғани растанигӣ**

**Мясорубка-гуштмайдакунак**

**Металлическая выемка-шаклбураки фулузӣ**

**Мякоть-дила**

**Манная крупа-таранҷабин**

**Мясные и рыбные продукты-махҳсулоти гуштӣ ва моҳигӣ**

**Мясной сок-шарбати гушт**

**Морской окунь-аломоҳии баҳрӣ**

**Миндаль-бодом**

**Мак-кукнор**

**Маринование-парвардасозӣ**

**Мышечная ткань-бофтаи мушакҳо**

**Масляные смеси-омехтаҳои равғанӣ**

**Мясо морского гребешка-гушти шоначаи баҳрӣ**

**Маслины,оливки-зайтун**

**«Н»**

**Нормативы-маҷмуъаи меъёрҳо**

**Норма-меъёр**

**Непригодный-ношоям**

**Нектар-шаҳд**

**Нашатырный спирт-спирти навшодир**

**Навага-симмоҳӣ**

**Напитки-нӯшокиҳо**

**«О»**

**ОСТ-стандартҳои соҳавӣ**

**Отруп-сабус**

**Осахаривание-шакарбандӣ**

**Оболочка-пучоқ**

**Отделочные полуфабрикаты-маҳсулоти нимтайёри ороишӣ**

**Овощи-сабзавот**

**Отделочные полуфабрикаты-нимтаёри ороишӣ**

**Овощерезка-сабзавотрезакунак**

**Оттаивание-яхобкунӣ**

**Осетровые-тосмоҳиҳо**

**Опара-хамиртуруш**

**Осадок-дурд**

**Оранжевый цвет-ранги норинҷӣ**

**Осетровая-тосмоҳиён**

**Окунь-аломоҳӣ**

**Ошпаривание-обсуз кардан**

**«П»**

**Профессионалтное образование-маълумоти ибтидои ё миёнаи касбӣ**

**Пряники-кулчақанд**

**Помол-ордкунӣ**

**Плесень-мағор**

**Пряности-адвия**

**Песочное-регакӣ**

**Пресное-бехамирмоя**

**Посторонние примеси-ғашҳои бегона**

**Подъем-дамидан**

**Протирание-соид**

**Патока карамельная-шираи карамелӣ**

**Помады-оришравғанҳо**

**Потока-раванд**

**Пористость-сурохчадор**

**Порошок-хока**

**Постепенно-ба тадриҷ**

**Пастеризованное-безарар гардонида**

**Подсолнечное-офтобпараст**

**Пассерованное-зирбонидашуда**

**Перо-пиёзи сабз**

**Петрушка-ҷаъфарӣ**

**Пузырьки-ҳубобчаҳо**

**Прессованные-фишурдашуда**

**Пенообразное-кафкҳосилсозӣ**

**Пленки-пардаҳо**

**Пропка-пуки**

**Песок-рег**

**Пончики-сурохкулчаҳои равгани**

**Пласт-қабат**

**Пар-буг**

**Припускание-тезпаз**

**Пудинг-фиринӣ**

**Польский-лаҳистонӣ**

**Порция-ҳисса**

**Поперек-кундаланг**

**Паштет из печени-паштет аз ҷигар**

**Пицца-питса**

**«Р»**

**Рецептуры-дастурномаҳо**

**Разрыхлитель-маводи ковоксоз**

**Расстойка-дамзанӣ**

**Рассыпчатость-резонакӣ**

**Растительные-растаниги̅**

**Растапливают-гудозанда**

**Ревень-чукрӣ**

**Разлагается-таҷзия шудан**

**Розовый-гулобӣ**

**Рюмка-қадаҳ**

**Ромашка-бобуна**

**Редис-шалгам**

**Ракообразные-харчанггунаҳ**

**Рагу из субпродуктов-рагу аз маҳсулоти каллапочагӣ**

**Рассол-намакоб**

**«С»**

**СТТ-стандартхҳои муассисотӣ**

**Сборник-маҷмуъа**

**Санитария-қоидаҳои беҳдоштӣ**

**Слоеное-варақин**

**Сырая клейковина-ширешаки хом**

**Сдобное-ширмол**

**Сахар-шакар**

**Стекловидный-шишамонанд**

**Сито-элак**

**Споласкивают-обгардон**

**Сухой остаток-боқимондаи хушк**

**Сухое молоко-шири хушк**

**Сливки- саршир**

**Сгущенные сливки-қиёми саршир**

**Сметана-қаймоқ**

**Сливочный-маскагӣ**

**Соя-лубиё**

**Сельдерей-карафси сабз**

**Свежие абрикосы-зардолуҳои тару тоза**

**Сок-шарбат**

**Субпродукты-маҳсулоти каллапоча**

**Свежезамороженные плоды и ягоды-меваҳо ва буттаҷоти нав яхбаста**

**Ступка-ҳован**

**Соль поваренная-намаки ошӣ**

**Спаржа-сарсабил**

**Спирали-печдор**

**Сом-лаққамоҳӣ**

**Сабля рыба-шамшермоҳӣ**

**Сырые ил живые креветки-креветкаҳои хоми зинда**

**Соединительная ткань-бофтаи пайвасткунанда**

**Столовый майонез-майонези ошхонагӣ**

**Срники из творога-самбусаи панирӣ аз фалла**

**Студень говяжий-яхнии гушти гов**

**Суфле-суфле**

**«Т»**

**ТУ-шартҳои техникӣ**

**Транспортирование-ҳамлу нақл**

**Темный-торикфом**

**Температура-ҳарорат**

**Творог-фалла**

**Топленое-гудохта**

**Терка-турбтарошак**

**Танины пищевые-танинҳои хурокӣ**

**Тмин-зира**

**Технологический процесс-раванди технологӣ**

**Топинамбур-ноки заминӣ**

**Тушение-дампаз**

**Тертый сыр-панири суда**

**«У»**

**Углевод-ангиштоб**

**Упругая-чандир**

**Улекислый газ-гази гидриди карбон**

**Урюк-ғулинг**

**Утвердитель-сахткананда**

**«Ф»**

**Фанерно-штампованные бочки-бушкҳои фанерӣ-қолибгарӣ**

**Фрукты-меваҷот**

**Фруктово-ягодное пюре-пюреи меваги-буттамевагӣ**

**Фасоль-лубие**

**Фиолетовый-бунафш**

**Фундук и лещинный орех-финдуқ ва чормағз**

**Фисташки-писта**

**«Х»**

**Характеристика-тавсифнома**

**Хрустит-қирсос задан**

**Хрящи-куркуракҳо**

**Хворост-замзам**

**Хрен-каҳзак**

**Хлопья-пагаҳо**

**Хлеб-нон**

**«Ц»**

**Цех-коргоҳ**

**Цельное-ноб**

**Цедра-седра**

**Цукаты-шакарпарвардҳо**

**Цветная капуста-гулкарам**

**«Ч»**

**Черная смародина-марминҷони сиёҳ**

**Чеснок-сир**

**Чешуйчатая-пулакчадор**

**«Ш»**

**Шафран-заъфаронӣ**

**Шумовка-кафгир**

**Шпинат-испанок**

**Шашка-чортарош**

**Шарлотка с яблоками-шарлотка бо себ**

**«Щ»**

**Щетка-чутка**

**Щавель-шулхаживая рыба-моҳии зинда**

**Щука-шуртанмоҳӣ**

**«Э»**

**Эксплуатация-қоидаҳои истифодабарӣ**

**Эластичная-ёзанда**

**Экзотические плоды-меваҳои нодир**

**Эссенции пищевые-эссенцияҳои хӯрокӣ**

**«Я»**

**Ягоды-буттамеваҳо**

**Яйца-тухм**

**Яичные прдукты-маҳсулоти тухмӣ**

**Яичный порошок-хокаи тухм**

**Язык отварной-забони обпазшуда**

## АДАБИЁТ


**1.** Аҳмади Дониш «Наводирулвақоеъ», Душанбе, 1988.
**2.** Аҳадов Х. Фарҳанги Рашидӣ ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс, Душанбе, 1973.
3. Афғонов М. Маҷмӯаи диктант ва нақлҳои хаттӣ. Душанбе «Сифат» -2011с.
4. Анфимова Н.А., Татарская Л.Л. Таббоҳӣ «Ошпаз-қаннод» Душанбе 2006.
5. Бутейкис Н.Г., Жукова А.А. Технологияи омодасозии маҳсулоти ордии қаннодӣ. Душанбе 2008.
6. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик, Душанбе:1985.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик қ.1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ, Душанбе, 1985.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои мактабҳои олӣ. Душанбе, 1973.
9. Ишматов А.Б., Иброҳимов М.Ф. Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти бофандагӣ. Дастури таълимӣ барои макотиби олии касбӣ. –Ҷилди 2. –Душанбе, 2007.
10. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. Душанбе «Маориф» 1995с.
11. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. – Душанбе, «Ирфон», 1977.
12. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил – Душанбе, «Дониш», 1966.
13. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ Душанбе – 1993.

14.Каримов У. Забони тоҷикӣ Душанбе- 2003
15.Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. – Душанбе: Ирфон, 1967.
16.Луғати русӣ-тоҷикӣ. Москва «Русский язык» 1985с.
17. Латифи О. ва дигарон «Рӯзгори соҳибдилон», Душанбе, 1996.
18. Мирзоев Т. «Дастури методии адабиёти тоҷик», Душанбе, 1996.
19.Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе:Матбааи УДТ ба номи В.И.Ленин. 1962.
20.Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод: Нашр, давл.Тоҷикистон, 1959.
21.Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик.Душанбе, 1982.
22.Мақсудов Т., Зикриёев Ф., Ҷалилов Х. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо. – Душанбе, 1976.
23.Мирзоев Ғ. Именные значение на-гӣ в таджикском языке. Дар кит.: Исследование по грамматике языков СССР, - Москва:1975; Ҳамон кас. Субстантивные значения имен суффиксом ӣ-гӣ на тадж.языке. Дар кит.:Вопросы лексикологии, лексикографии и прикладной лингвистики. – Москва: 1976.
24.Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1959.
25.Маъсумӣ В.А. Феъл. Дар китоби: Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ.1.Лексикография, фонетика ва морфология, Душанбе: Маориф, 1982.
26. Одинаев Н., Шарифов М., Олимова П., Ҳамроқулова З. Дастур ва маҷмӯи машқҳо оид ба омӯзиши аломатҳои китобат. (Воситаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ). Душанбе «Ирфон» 2004с.
27.Одинаев Н., Олимова П., Турсунова М., Нурова К. Ҳуҷҷатнигорӣ Душанбе «Ирфон» 2007с.
28.Расторгуева В.С. Каримова А.А. Система таджикского глагола. Москва, 1954.
29.Розенфелд А.З. Глагол. Очерки по грамматике. Современного таджикского языка, вып.4. Сталинабад, 1954.
30.Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм, - Душанбе: 1972.
31.Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик,- Душанбе, 1972.
32.Рустамов Ш. Исм. Душанбе, 1981.

33.Саидаминов И.А., Ҳакимов Ғ.Қ., Ҳабибов А.Ҳ., Равандҳо ва адоти истеҳсоли хӯрока. Душанбе «Ирфон» 2008с.
Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ», Душанбе, 1991.
34.Садриддин Айнӣ. «Ёддоштҳо», китоби 1-2, Душанбе, 1990.
35.Сангов Қ. Таълими лексикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои У-У1. – Душанбе:Маориф, 1991.
36.Саидов Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ (дастури таълимӣ ба курси махсус барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ), қ.1. Душанбе, 1990.
37. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ. Душанбе, 1972.
38.Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик. Душанбе, 1968.
39.Саидов Р. Ибораҳои фразеологии феълӣ. Душанбе, 1991.
40.Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ), ҷ.1. – Душанбе, 1963, ҷ.2. – Душанбе, 1964.
41.Усмонов З.Ҷ., Одинаев Н.С, Исмоилов М.А., Умаров М.А., Олимова П.Н., Ҷаъфарова Д.Ф. Забоншиносии иттилоотӣ . Душанбе, Ирфон 2010.
42.Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX), иборат аз ду ҷилд, - Москва, 1969.
43.Халилов А. Ҳиссачаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе, 1975.
44. Ҳошим Раҳим «Берунӣ», Душанбе, 1990.
45.Шавкат Ниёзӣ. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ, Сталинобод. 1954.

# Мундариҷа

Сарсухан……………………………………………………………………3

Мундариҷаи таълими ҳуҷҷатнигорӣ. Танзими ҳуҷҷатҳои хизматӣ**…….**4

Ариза ва талаботҳои он…………………………………………………8

Ваколатнома ва намудҳои он……………………………………….14

Забонхат ва ҷузъҳои он……………………………………………....21

Тасдиқнома, тавсифнома ва қисматҳои он……………………………..26

Гузоришнома……………………………………………………………31

Тартиб додани луғати истилоҳоти ихтисосӣ…………………………37

Дархост ва тавзеҳнома………………………………………………………42
Шарҳи ҳол ва муаррифинома…………………………………………………48
Фармон ва намудҳои он………………………………………………………..54
Амр ва мавриди содир гардидани он………………………………………59
Номаҳои расмӣ ва навъҳои он………………………………………………64
Суратмаҷлис ва талаботҳои он……………………………………………..72
Беруннависи суратмаҷлис……………………………………………………77
Қарордод ва намудҳои он……………………………………………………82
Қарордоди меҳнатии тарафайн……………………………………………90
Таъйиднома ва талаботҳои он……………………………………………..95
Кафолатнома…………………………………………………………………100
Сафария ва қисматҳои он…………………………………………………..105
Барқия ва телефоннигошт…………………………………………………110
Даъватнома ва эълон………………………………………………………..115
Мактубҳои хизматӣ…………………………………………………………120
Дафтарчаи корӣ……………………………………………………………..125
Супоришҳои маҷмӯи корҳои хонагӣ барои назорати
фосилавии дуюм, сеюм……...……………………………………………...128
Барномаи корӣ – Силлабус………………………………………………...139

Луғати истилоҳоти соҳаи хӯрокворӣ……………………………………..154
Адабиёт………………………………………………………………………169

**Ҳуруфчин:** Додова А.А.